ISSN 2075 – 9584

**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ТОҶИКИСТОН
ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

**ЦЕНТР СТРАТЕГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ
ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

ТАДЖИКИСТАН
И СОВРЕМЕННЫЙ МИР

**CENTER FOR STRATEGIC RESEARCH UNDER THE
PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

TAJIKISTAN
AND CONTEMPORARY WORLD

№3 (91) 2025

Душанбе – 2025

Муассис: Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷалла соли 2003 таъсис ёфтааст. Дар як сол чор шумора нашр мешавад.

САРМУҲАРРИР:

Усмонзода Хайриддин Усмон–доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Муртазозода Ораз–номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Раҳимзода Шариф Махсум – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонов Абдураҳмон Шерович – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Мирсаидов Аброр Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Пиризода Ҷалил Сафар – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Саидмуродов Лутфулло Ҳабибуллоевич–доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Қудратов Рустам Раҳматович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Давлатзода Қудрат Қамбар – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
Муъмин Назар Абдуҷалол – доктори илмҳои фалсафа
Шарифзода Саидҳомид Сафар –номзади илмҳои таърих
Давлатов Рамазонӣ – номзади имлҳои фалсафа

КОТИБИ МАСЪУЛ:

Олимзода Валиҷон – сардори Раёсати таъминоти иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАРҶУМА ВА ТАҲРИРИ МАТНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ:

Қиёмиддин Сатторӣ
Мансур Суруш
Эмомализода Қосимҷон
Содатқадамова Мадина

МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:

Олимзода Валиҷон – сардори Раёсати таъмини иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Маҷаллаи **“Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”** ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 декабри соли 2024 таҳти №460/м ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илмӣ Федерасияи Русия ворид карда шудааст. Инчунин, маҷалла дар Индекси маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Русия (РИНЦ) пайваста дохил карда мешавад. Маҷаллаи мазкур дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 436/МҶ - 97 аз 07 октябри соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.*

ИРТИБОТ:

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (992 37) 221-11-00, 221-32-36; e-mail: vestnik@mts.tj

Учредитель: Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Журнал основан в 2003 году. Периодичность издания 4 раза в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:

Усмонзода Хайриддин Усмон – доктор филосовских наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Муртазозода Ораз – кандидат экономических наук, дотцент

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахимзода Шариф Махсум – доктор экономических наук, профессор
Курбонов Абдурахмон Шерович – доктор философии, профессор
Мирсаидов Аброр Бобоевич – доктор экономических наук, профессор
Пиризода Джалил Сафар – доктор экономических наук, профессор
Саидмуродов Лутфулло Хабибуллоевич – доктор экономических наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана
Кудратов Рустам Рахматович – доктор экономических наук, профессор
Давлатзода Кудрат Камбар – доктор экономических наук, профессор
Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон – доктор политических наук, профессор
Муъмин Назар Абдуджалол – доктор филосовских наук,
Шарифзода Саидхомид Сафар – кандидат исторических наук
Давлатов Рамазони – кандидат философских наук

ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:

Олимзода Валиджон–начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

ПЕРЕВОД И РЕДАКТИРОВАНИЕ ТАДЖИКСКИХ, РУССКИХ И АНГЛИЙСКИХ ТЕКСТОВ:

Киёмиддин Саттори
Мансур Суруш
Эмомализода Косимджон
Содаткадамова Мадина

ТЕХНИЧЕСКИЙ РЕДАКТОР:

Олимзода Валиджон–начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

*Журнал **«Таджикистан и современный мир»** включен в перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 02 декабря 2024 года за №460/м и Высшей Аттестационной Комиссии (ВАК) Министерства образования и науки Российской Федерации. А также журнал входит в Индекс рецензируемых научных журналов России (РИНЦ). Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации (№ 436/МҶ - 97 от 07 октября 2025 года).*

КОНТАКТЫ:

Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел: (992 37) 221-11-00, 221-32-36; e-mail: vestnik@mts.tj

Founder: Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan. The journal was founded in 2003. The journal is published four times per year.

CHIEF EDITOR:

Usmonzoda Khayriddin Usmon – Doctor of Philosophy Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Murtazozoda Oraz – Candidate of Economic Sciences, Docent

EDITORIAL BOARD:

Rahimzoda Sharif Makhsum – Doctor of Economic Sciences, Professor
Qurbonov Abdurahmon Sherovich – Doctor of Philosophy Sciences, Professor
Mirsaidov Abror Boboevich – Doctor of Economic Sciences, Professor
Pirizoda Jalil Safar – Doctor of Economic Sciences, Professor
Saidmurodov Lutfullo Habibulloevich – Doctor of Economic Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
Qudratov Rustam Rahmatovich – Doctor of Economic Sciences, Professor
Davlatzoda Qudrat Qambar – Doctor of Economic Sciences, Professor
Muhammadzoda Parviz Abdurahmon – Doctor of Political Sciences, Professor
Mumin Nazar Abdujalol – Doctor of Philosophy Sciences,
Sharifzoda Saidhomid Safar – Candidate of Historical Sciences
Davlatov Ramazoni - Candidate of Philosophy Sciences

EXECUTIVE SECRETARY:

Olimzoda Valijon – Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

TRANSLATION AND EDITING OF TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH TEXTS:
Qiyomiddin Sattori
Mansur Surush
Emomalizoda Qosimjon
Sodatqadamova Madina

TECHNICAL EDITOR:

Olimzoda Valijon – Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

The journal **"Tajikistan and contemporary World"** has been included in the list of leading peer-reviewed journals and publications by the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan as of December 02, 2024, No.460/м, and by the Higher Attestation Commission (HAC) of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation. Additionally, the journal is indexed in the Russian Science Citation Index (RSCI). It is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. The registration certificate (No. 436/MJ-97) was issued on October 7, 2025.

CONTACTS:

Address of the founder: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 89. Tel: (992 37) 221-11-00, 221-32-36; e-mail: vestnik@mts.tj

МУНДАРИҶА

СИЁСАТШИНОСӢ

КОНСТИТУТСИОНАЛИЗМ ВА МАСЪАЛАИ БУНЁДИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ
КАРИМЗОДА КАРИМ МАЗИЁ……11

БУНЁДИ МУСТАҚИЛОНА ВА КОНСЕНСУС – НЕРУҲОИ ПЕШБАРАНДА: ТАҲҚИҚОТИ РУШДИ ИҶТИМОӢ-ГУМАНИТАРИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ
ДЭН СИН……...24

ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ВА СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУҲАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАҲМОН……..40

АФЗАЛИЯТҲО ВА МИҚЁСИ ТАШАББУСҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ДАР САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ
ШАРИФЗОДА САИДҲОМИД САФАР……...48

АРЗИШҲОИ ИНСОНДӮСТӢ ДАР СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ
ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДИНОВИЧ,
ВОҲИДОВ НАСРИДИН ҲИЗБУЛЛОЕВИЧ……..62

ИҚТИСОДИЁТ

НАҚШИ ЭКОСИСТЕМАИ САНОАТИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА РУШДИ УСТУВОР
МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,
НУРИДДИНЗОДА АҲЛИДДИН НУРИДДИН……...74

ПАРДОХТПАЗИРИИ БОНК ДАР РАВАНДИ ГУЗАРИШ БА ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ
СОЛЕҲЗОДА АШУРБОЙ АБДУВОҲИД,
БОЗОРОВ БАХТИЁР РАҲМОНАЛИЕВИЧ……...93

МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА СТРАТЕГИЯИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН
РАҲМОН УЛМАСОВ……...106

РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ РАСИДАН БА ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ ДАР КИШВАР
ОДИНАЗОДА АМИН ИБРОҲИМ……..124

РУШДИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ
РУСТАМҶОНИ САЙДУЛЛОИ ҚУЗРАТЗОДА,
САИДЗОДА САЙЁДИ МАЙДОН……...133

САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР ҲОШИЯИ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ МАМЛАКАТ
СОДИҚОВА АНИСА ФАРҲОДОВНА……..142

ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМИНАИ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
(таҳлили натиҷаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2024 – 2025)
САЛИХОВ ҶАМШЕД БОБОХАЛИЛОВИЧ……159

НАҚШИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР ТАҲКИМИ НИЗОМИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ВА АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ СОҲАИ САЙЁҲӢ
ЮСУПОВ УМЕДҶОН САНГИҲМАДОВИЧ,
ДАВЛАТЗОДА ДИЛМУРОД АШУРБЕК…….170

ҶОМЕАШИНОСӢ

МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИИ РАВАНДИ НОИЛ ГАРДИДАН БА ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ
ҶУРАХОНЗОДА САОДАТ ҶУРАХОН…….183

МАЛАКАҲОИ “САБЗ” ВА БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РОҲИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ
АЗИМОВА МАДИНА ТУРДИЕВНА……..201

ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИДОРИ КАДРИИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ
ЮСУПОВ ШОДМОН НАСУРОВИЧ……211

РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИЁТИ ОИЛАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БОБОЕВА ГУЛБАҲОР РАҲИМҚУЛ……227

РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ПУЛАКӢ БАРОИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ
ҚУРБОНАЛИЗОДА ДАВЛАТЛИ ТАВРАЛӢ……..239

СОДЕРЖАНИЕ

ПОЛИТОЛОГИЯ

КОНСТИТУЦИОНАЛИЗМ И ПРОБЛЕМА ПОСТРОЕНИЯ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА
КАРИМЗОДА КАРИМ МАЗИЁ……11

САМОСТОЯТЕЛЬНОЕ СТРОИТЕЛЬСТВО И КОНСЕНСУС – ДВИЖУЩИЕ СИЛЫ: ИССЛЕДОВАНИЯ СОЦИАЛЬНО - ГУМАНИТАРНОГО РАЗВИТИЯ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ
ДЭН СИНЬ…….24

ГОСУДАРСТВЕННАЯ НЕЗАВИСИМОСТЬ И ВНЕШНЯЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
МУХАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАХМОН……..40

ПРИОРИТЕТ И МАСШТАБЫ ИНИЦИАТИВ ПРЕЗИДЕНТА ТАДЖИКИСТАНА НА МЕЖДУНАРОДНОМ УРОВНЕ
ШАРИФЗОДА САИДХОМИД САФАР……...48

ГУМАНИТАРНЫЕ ЦЕННОСТИ ВО ВНУТРЕННЕЙ И ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ЛИДЕРА НАЦИИ
ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДИНОВИЧ,
ВОХИДОВ НАСРИДИН ХИЗБУЛЛОЕВИЧ……..62

ЭКОНОМИКА

РОЛЬ ПРОМЫШЛЕННОЙ ИННОВАЦИОННОЙ ЭКОСИСТЕМЫ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ
МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,
НУРИДДИНЗОДА АХЛИДДИН НУРИДДИН……...74

ЛИКВИДНОСТЬ БАНКА ПРИ ПЕРЕХОДЕ НА БЕЗНАЛИЧНЫЕ РАСЧЕТЫ: ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА
СОЛЕХЗОДА АШУРБОЙ АБДУВОХИД,
БОЗОРОВ БАХТИЁР РАХМОНАЛИЕВИЧ……...93

ТРУДОВАЯ МИГРАЦИЯ И ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКАЯ СТРАТЕГИЯ ТАДЖИКИСТАНА
РАХМОН УЛЬМАСОВ…….106

РАЗВИТИЕ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА – ВАЖНЫМ ФАКТОРОМ ДОСТИЖЕНИЯ СТРАТЕГИЧЕСКИХ ЦЕЛЕЙ В СТРАНЕ
ОДИНАЗОДА АМИН ИБРОХИМ……..124

АНАЛИЗ ЗНАЧЕНИЯ ПРОДУКЦИИ ЖИВОТНОВОДСТВА В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ
РУСТАМДЖОНИ САИДУЛЛОИ КУЗРАТЗОДА,
САИДЗОДА САЙЁДИ МАЙДОН……...133

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ В РАМКАХ СТРАТЕГИЧЕСКИХ ЦЕЛЕЙ СТРАНЫ
САДЫКОВА АНИСА ФАРХОДОВНА……..142

ОБЕСПЕЧЕНИЕ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ В РАМКАХ СТРАТЕГИЧЕСКИХ ЦЕЛЕЙ ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
(анализ результатов развития экономики Республики Таджикистан в 2024 - 2025 годах)
САЛИХОВ ДЖАМШЕД БОБОХАЛИЛОВИЧ……159

РОЛЬ ВНУТРЕННЕГО АУДИТА В УКРЕПЛЕНИИ СИСТЕМЫ ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ И ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТУРИСТИЧЕСКОГО СЕКТОРА
ЮСУПОВ УМЕДЖОН САНГИХМАДОВИЧ,
ДАВЛАТЗОДА ДИЛМУРОД АШУРБЕК…….170

СОЦИОЛОГИЯ

ОРГАНИЗАЦИОННЫЙ МЕХАНИЗМ ПРОЦЕССА ДОСТИЖЕНИЯ ПРОДУКТИВНОЙ ЗАНЯТОСТИ
ДЖУРАХОНЗОДА САОДАТ ДЖУРАХОН……..183

“ЗЕЛЁНЫЕ” НАВЫКИ И РЫНОК ТРУДА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН ПУТЬ К УСТОЙЧИВОМУ ЭКОНОМИЧЕСКОМУ РОСТУ
АЗИМОВА МАДИНА ТУРДЫЕВНА…….201

ФАКТОРЫ ФОРМИРОВАНИЯ КАДРОВОГО ПОТЕНЦИАЛА ПРЕДПРИЯТИЙ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ
ЮСУПОВ ШОДМОН НАСУРОВИЧ……211

ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ СЕМЕЙНОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
БОБОЕВА ГУЛБАХОР РАХИМОВНА…….227

РАЗВИТИЕ ПЛАТНЫХ УСЛУГ ДЛЯ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ
КУРБОНАЛИЗОДА ДАВЛАТЛИ ТАВРАЛИ……..239

CONTENT

POLITICAL SCIENCE

CONSTITUTIONALISM AND THE ISSUE OF BUILDING A CIVIL SOCIETY
KARIMZODA KARIM MAZIYO……...11

INDEPENDENT DEVELOPMENT AND CONSENSUS – DRIVING FORCES: RESEARCH OF THE SOCIAL AND HUMANITARIAN DEVELOPMENT OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES
DENG XIN……..24

STATE INDEPENDENCE AND FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
MUHAMMADZODA PARVIZ ABDURAHMON…….40

PRIORITY AND SCALES OF INITIATIVES OF THE PRESIDENT OF TAJIKISTAN AT THE INTERNATIONAL LEVEL
SHARIFZODA SAIDHOMID SAFAR……48

HUMANITARIAN VALUES IN THE DOMESTIC AND FOREIGN POLICY OF THE LEADER OF THE NATION
SHARIPOV AMRIDDIN NURIDINOVICH,
VOHIDOV NASRIDIN HIZBULLOEVICH……..62

ECONOMY

THE ROLE OF INDUSTRIAL INNOVATION ECOSYSTEM IN ENSURING ECONOMIC SECURITY AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT
MURTAZOZODA ORAZ,
NURIDDINZODA AHLIDDIN NURIDDIN……...74

BANK LIQUIDITY DURING THE TRANSITION TO NON-CASH PAYMENTS: THEORY AND PRACTICE
SOLEHZODA ASHURBOY ABDUVOHID,
BOZOROV BAKHTIYOR RAHMONALIEVICH……93

LABOR MIGRATION AND THE FOREIGN ECONOMIC STRATEGY OF TAJIKISTAN
RAHMON ULMASOV……106

DEVELOPMENT OF MANUFACTURING ENTREPRENEURSHIP IS AN IMPORTANT FACTOR FOR ACHIEVING STRATEGIC GOALS IN THE COUNTRY
ODINAZODA AMIN IBROHIM……...124

THE DEVELOPMENT OF THE LIVESTOCK INDUSTRY IS AN IMPORTANT FACTOR IN ENSURING FOOD SECURITY
RUSTAMJONI SAYDULLOI QUZRATZODA,
SAIDZODA SAYYODI MAYDON……133

THE MAIN DIRECTIONS OF DEVELOPMENT OF ECONOMIC INDICATORS OF SUGHD REGION WITHIN THE FRAMEWORK OF THE COUNTRY'S STRATEGIC GOALS
SODIQOVA ANISA FARHODOVNA……...142

ENSURING THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY WITHIN THE FRAMEWORK OF THE STRATEGIC GOALS OF THE GOVERNMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
(analysis of the results of economic development of the Republic of Tajikistan in 2024 – 2025)
SALIKHOV JAMSHED BOBOKHALILOVICH……159

THE ROLE OF INTERNAL AUDIT IN STRENGTHENING THE SYSTEM OF INTERNAL CONTROL AND ECONOMIC SECURITY OF THE TOURISM SECTOR
YUSUPOV UMEDJON SANGIHMADOVICH,
DAVLATZODA DILMUROD ASHURBEK……170

SOCIOLOGY

ORGANIZATIONAL MECHANISM OF THE PROCESS OF ACHIEVING PRODUCTIVE EMPLOYMENT
JURAKHONZODA SAODAT JURAKHON……183

"GREEN" SKILLS AND THE LABOR MARKET IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN THE PATH TO SUSTAINABLE ECONOMIC GROWTH
AZIMOVA MADINA TURDIEVNA…….201

FACTORS OF ENTERPRISE HUMAN CAPITAL FORMATION IN THE DIGITAL ECONOMY
YUSUPOV SHODMON NASUROVICH……..211

WAYS OF FORMING A FAMILY ECONOMY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
BOBOEVA GULBAHOR RAHIMOVNA…….227

DEVELOPMENT OF PAID SERVICES FOR THE POPULATION IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION
QURBONALIZODA DAVLATALI TAVARALI……239

УДК: 342.4(575.3):321.7

КОНСТИТУТСИОНАЛИЗМ ВА МАСЪАЛАИ БУНЁДИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

КАРИМЗОДА КАРИМ МАЗИЁ,
номзади илмҳои сиёсӣ, муовини Раиси Суди
конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 48;
тел: (+992) 918-67-05-32

Дар мақола ба таври фишурда аз давраҳои Юнони Қадим сар карда, то замони муосир раванди пайдоиши андеша ва ғояҳо доир ба моҳият ва хусусияти ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ниҳоди муҳимми сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ гардидааст, ки асл ва асоси онро хоҳиш, мақсад, маънавиёт, ахлоқи шаҳрвандӣ ташкил дода, бо аломати асосии худ «ихтиёрӣ» ва «муттаҳидшавӣ» ба хотири ба амал барвардани амалҳои муайяни ҷамъиятӣ ташкил меёбад. Ин навъи ҷомеа берун аз иродаи давлатӣ, таъсир ва ё маҷбуркунии мақомоти он дар заминаи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра, сурат мегирад. Яке аз хусусиятҳои асосии ҷомеаи демократӣ ба шумор рафта, бо конститутсионализм ва конститутсияи навишташуда, ки дар онҳо инсон нақш ва мавқеи меҳварӣ дорад, инчунин, ҷомеаи ҳуқуқбунёд, ки барои рушди чунин ниҳод шароити воқеӣ фароҳам меорад, вобастагии амиқ дорад.

Калидвожаҳо: *«polis»-ҳои Юнони Қадим, «politike koinonia»–Арасту, ҷомеаи шаҳрвандӣ, давраҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, конститутсионализм, конститутсия.*

Дар таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ назария ва таълимоти зиёде рӯйи кор омаданд, ки агарчи барои давлат, давлатсозӣ, ҷомеа, ҷомеасозӣ, нақш ва мавқеи инсон, дигар масъалаҳои бунёдӣ, асосҳои сохторӣ ва сохтмони давлатӣ муҳим арзёбӣ гашта бошанд ҳам, аммо онҳо натавонистанд ҳамчун назария ва таълимоти конститутсионализм нисбат ба инсон ва шаҳрванд, ҷомеа ва давлат хусусияти универсиалиро касб карда, бо дарназардошти манфиати се унсури асосии ҷамъиятӣ ё низоми сиёсӣ ё субъекти асосии сиёсӣ ва иҷтимоӣ замина ва асосҳои пойдеворӣ, моҳият ва хусусияти иҷтимоии давлат ва ҷомеаро ташкил ва танзим намоянд.

Дар ҳамин устуворӣ моҳияти фалсафии конститутсионализм ҳамчун зуҳуроти даркшаванда ва мақсаднок, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ муайян гардида, моҳияти он ҳамчун категорияи маънавию этикӣ бармало зоҳир мегардад. Заминаи ин зуҳурот ва моҳияти он адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа,

баробарӣ, озодӣ ва масъулияти унсурҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки фаъолияти муназзам ва муътадили давлат ва ҷомеаро таъмин менамоянд.

Дар замони ҳозира мавқеи конститутсионализм дар давлатҳо ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар конститутсияҳо бо дарназардошти ҳама гуна равандҳои ҷаҳонишавӣ, агарчи оқибатҳои манфӣ низ доранд, рушду таҳким меёбад ва барои инкишофи озодонаи инсон ҳамчун шахсият шароит фароҳам меоранд.

Дар ин замина ниҳоди муҳимми сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ–«ҷомеаи шаҳрвандӣ», ки асл ва асоси онро хоҳиш, мақсад, маънавиёт, ахлоқи шаҳрвандӣ ташкил дода, бо аломати асосии худ «ихтиёрӣ» ва «муттаҳидшавӣ» ба хотири ба амал барвардани амалҳои муайяни ҷамъиятӣ сурат мегирад, нақш ва мавқеи хосса пайдо кардааст. Ин навъи ҷомеа берун аз иродаи давлатӣ, таъсир ва ё маҷбуркунии мақомоти он дар заминаи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра, сурат мегирад.

Ба пайдоиш ва рушди ин ниҳоди муҳимми ҷамъиятӣ ва яке аз хусусиятҳои асосии ҷомеаи демократӣ дахл карда, зикр кардан мумкин аст, ки пайдоиши ин ниҳод таърихи қадима дорад ва ҳанӯз унсурҳои он дар қаъри ҷомеаи ибтидоӣ ба назар мерасиданд.

«Ҷомеаи шаҳрвандӣ бармаҳал, то он вақте, ки онро аз ҷиҳати назариявӣ чунин дарк кардаанд, пайдо шудааст. Ҳамчун системаи муносибатҳо, ки фардҳои баробарҳуқуқ ва иттиҳодияҳои ташкилмедодаи онҳо мутобиқи иродаи озодонаи худ дар асоси ҳуқуқ манфиатҳои худро амалӣ месозанд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ба моликияти хусусии осудаҳоли миёна асос ёфтааст ва бо пайдоиши он ба вуҷуд омадаст. Маҳз бо ба вуҷуд омадани моликияти хусусӣ пайдоиши (генезис) ҷомеаи шаҳрвандӣ оғоз мегардад» [7, 21-23].

Мутафаккири бузург Ж.Ж.Руссо низ бо андешаи худ ба моликияти хусусӣ алоқаманд будани он ва бо ҳамин таърихи қадима доштани онро бо диди худ чунин таъкид намудааст: «Нахустин касе, ки дар сараш фикр омада, қитъаи заминро девор кашиду маҳкам кард ва гуфт, ки «ин аз они ман аст!» ва одамони то дараҷае содаро ёфт, ки ба ин бовар кунанд, асосгузори аслии ҷомеаи шаҳрвандӣ буд» [22, 68].

Андешаҳои бебеҳс мавҷуданд, ки тибқи онҳо «Ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ давраи махсуси таърихи инсоният, давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи аз давлат фарқкунанда ҳама вақт вуҷуд дошт, аммо он на ҳама вақт «ҷомеаи шаҳрвандӣ» буд. Охирин дар раванд ва натиҷаи ҷудошавии давлат аз сохторҳои иҷтимоӣ пайдо шудааст, он ҳамчун соҳаи нисбатан мустақили ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳамзамон ғайридавлатӣ кардани як қатор муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷудо шудааст. Дар раванди пайдоиш ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳуқуқи муосир ва давлат ташаккул ёфтаанд.» [20, 338].

Бинобар ин, таърихан намунаи ҷомеаи шаҳрвандиро ба пайдоиш ва рушди принсипҳои демократии ташкили сиёсии давлат ва ҷомеа вобаста медонанд. Аз рӯйи чунин баҳодиҳӣ, низоми нисбатан устувор, ки ба мантиқи баробарӣ ва иштироки васеи шаҳрвандон дар идораи давлатӣ ва корҳои ҷамъиятӣ асос ёфтааст, давлати Юнони Қадим бо «polis»-ҳои он (шаҳрҳо, шаҳрҳо–давлатҳо) ба шумор меравад. Полисҳо бо қонунҳои худ, ки ҳар кадоме соҳиби қонуни хосси худ буданд, ҳаёт ба сар бурда, ҳар шаҳрванди полис ба сифатҳои гуногун баромад менамуд, бо ҳамин дар идораи давлат ва ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекард.

Полисҳои Юнони Қадим бо моделҳои гуногуни сохтори сиёсӣ полисҳои аристократӣ, демократӣ, ба монанди Афина, Милет, Эфес ва дигар шаклҳои идора фарқ мекарданд. Барои аввалинҳо дар идораи давлат шарти молу мулкӣ ва мавқеи иҷтимоӣ муҳим буда, барои дуюмин иштироки теъдоди зиёдтари шаҳрвандон дар идоракунӣ муҳим буд. Аммо демократияро демократияи аксарият ва ҳамаро фарогиранда номидан мумкин набуд, он демократияи ақаллиятҳо ба ҳисоб мерафт.

Муҳаққиқ К.Кунтсевич ба таҳқиқи сохтори ҷамъиятии Юнони Қадим дахл карда, қайд менамояд, ки калимаҳои «isonomia»–барои ҳамаи қонунҳо ягона, «isegoria» озодии сухан, «isocratia»–баробарӣ дар амалӣ намудани ҳокимият–аз ҷониби юнониёни қадим сохтори ҷамъиятии онҳо ҳисоб шуда, барои ифодаи маҷмуи қонунҳо, ки тавассути онҳо полисҳо идора карда мешуданд, инчунин, барои тартиботе, ки ба қонунҳо ва истодагарӣ зидди зулми ҳокимони бедодгар асос ёфта буд, Демосфан ва Платон калимаи «politeia»-ро истифода менамуданд» [15, 30, 36].

Бо ҳамин полисҳои юнонӣ бо сатҳи гуногуни рушду инкишоф, шаҳрвандони озоди ҷомеа ва дигар категорияи одамони ба Юнон ворид-гардида идора мешуданд.

Суқрот озодии фардӣ (шахсӣ)-ро ҳамчун имконияти шахсият бо салоҳдиди худ зистанро медонист. Бунёди ягонагии маънавию руҳии полис дар асоси хирадмандӣ ва некукориро мақсади худ арзёбӣ мекард. Идеали асосии ӯ идоракунии донишмандон буд, ки ба ҷомеаи шаҳрвандӣ наздикӣ дошт.

Афлотун ҷомеаи ба таври ратсионалӣ бунёдшавандаро тарафдор буда, адолат, ҳақиқату инсоф ва некукориро асоси рушди давлат ва ҷомеа медонист. Зарурати аз ҷониби одамон қаноатбахш гардонидани талаботи худро Афлотун асоси пайдоиши давлат меҳисобид. «Бо ҳис кардани эҳтиёҷот ба бисёр чизҳо, одамон ба як ҷо ҷамъ гардиданд, то ки якҷоя зиндагӣ намоянд, ба ҳамдигар кумак расонанд, чунин ҷойҳои сукунат дар мо номи давлатро мегиранд» [21, 10].

Арасту пайдоиши ниҳодҳои сиёсиро, ба монанди давлат, ҷомеа ва сиёсат, табиӣ ҳисобида, тавассути рағбати одамон ба муносибат (общение)

рӯйи кор омадани онҳоро қайд карда, дар идомаи андешаҳои худ доир ба аҳаммияти иштироки одамон дар идоракунии давлатӣ ба хулоса омад: «Чунки ҷойи аз тарафи як давлат ишғолшуда, дар худ ягонагии муайянро мемонад, аммо шаҳрвандон аҳли общинаи (koinonoi) як давлат ба ҳисоб мераванд» [1, 376].

«Маҳз Арасту бори аввал барои ифодаи полис ибораи «politike koinonia» эквиваленти мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ»-ро истифода намуд, ки аз ҷониби ӯ ҳамчун соҳаи ахлоқу сиёсати муносибати омавии (сиёсӣ) шаҳрвандони баробарҳуқуқи озод, ки аз тарафи қонун танзим карда мешавад, фаҳмида мешуд. Агар барои Фукидиди полис – ин одамон (арбобони давлат), барои Платон–инъикосгари ғояҳои адолат бошад, барои Арасту–полис иттиҳоди одамоне буд, ки барои расидан ба неъмати олӣ муттаҳид шудаанд» [9].

«Нахустин бор мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар осори Арасту бо номи “politike koinonia”–умумияти одамон / иттиҳод вомехӯрад. «Калка»-и ин истилоҳ дар забонии лотинӣ ифодаи «societas civilis» (ҷомеаи шаҳрвандӣ) гардид. “Politike koinonia” ҳамчун умумияти этикию сиёсии оммавии шаҳрвандони озод ва баробар, ки дар шароити ба қонуни системаи идоракунӣ асосёфта мавҷуд буд, муайян карда шуд» [6], таъкид намуданд олимони амрикоӣ Ҷ. Коэн ва Э. Арато.

Ҳамин тариқ, дар таърихи афкори сиёсию ҳуқуқии дунёи қадим масъалаи муҳим – муносибати давлат ва ҷомеа, новобаста аз кушодани паҳлу ва хусусиятҳои сиёсию иҷтимоияшон, онҳо айният ҳисобида мешуданд, бо ҳамин ҷомеаи шаҳрвандӣ–иттиҳоди шаҳрвандонро низ бо давлат айният медоданд.

Ба мафҳуми «Politike koinonia» додаи Арасту олимони амрикоӣ Ҷ. Коэн ва Э.Арато баҳои баланд дода, онро оғози анъанаи философияи сиёсӣ номиданд, чунончи, «барои мо муҳим он аст, ки маҳз ҳамин мафҳум ба анъанаи философияи сиёсӣ ҳусни оғоз башид» [6, 97].

Рушди афкори сиёсию ҳуқуқиро бе Никколо Макиавелли (1469–1527) тасаввур кардан мумкин нест. Ба маҳорати сиёсатмадорӣ ва олимии ӯ дахл карда, қайд намуданд, ки «ӯ якумин ва дар насли худ ягона мутафаккири замони Эҳё мебошад, ки тавонист ба таври кофӣ муайян тамоюлҳои асосии ин давра, мазмуни талаботи сиёсӣ ва ниятҳои онро дарк намояд....» [18, 3].

Маҳорат ва муваффақияти ҷаҳонбинии олим дар мактуби ӯ ба Лорентсо Медичи муайян мегардад, ки раванди минбаъдаи андешаҳои ӯро дар асараш «Давлат» муайян менамояд, ки тибқи он: «...барои он ки моҳияти халқро фаҳмед, бояд подшоҳ бошед, вале барои он, ки табиати подшоҳонро фаҳмед, бояд ба халқ тааллуқ дошта бошед» [18, 302].

Мақсади халқро нисбат ба мақсади ашрофону мансабдорон бовиҷдонона арзёбӣ менамояд. Хислати ашрофу мансабдоронро танқид карда, бо халқ дӯстӣ варзиданро вазифаи подшоҳ медонад. «Фақат дар

хулоса мегӯям, ки подшоҳ бояд бо халқ дӯст бошад, вагарна дар даврaҳои душвор ӯ сарнагун карда мешавад» [18, 328-330].

Андешаҳои олими англис Ҷон Локк (1632–1704) дар асараш «Ду рисола доир ба ҳукмронӣ», ки ба ҳуқуқҳои табиӣ ва позитивии шаҳрванд вобаста карда шуданд, барои ҷомеаи шаҳрвандӣ басо муҳим ва хусусиятнок буда, бе он ҷомеаи шаҳрвандиро тасаввур кардан мумкин нест. Ин андешаҳо дар фаҳмиши ҳуқуқҳои табиии инсон ва шаҳрванд ва шаклгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ қадами ҷиддӣ ба шумор мераванд. «Ҷомеаи сиёсӣ возеҳу равшан дар он ҷо, танҳо дар он ҷо аст, ки ҳар узви он аз ин ҳуқуқи табиии худ даст кашида, дар ҳама ҳолат онро ба дасти ҷомеа медиҳад, ки ба ӯ барои ҳимоя ба қонун муроҷиат кардан, ки худи ин ҷомеа муқаррар намудааст, монеа намегардад» [17, 311].

Ҷон Локк андешаи худро бо он ҷамъбаст менамояд, ки «монархияи мутлақ, ки баъзе нафарон онро шакли ягонаи идоракунӣ дар ҷаҳон мешуморанд, дар воқеияти кор бо ҷомеаи шаҳрвандӣ номувофиқ мебошад» [17, 312].

Файласуфи англис Томас Гоббс (1588–1679) дар асари худ «Дар бораи шаҳрванд» ҷомеаи шаҳрвандиро такмил дода, консепсияи ҷомеаи шаҳрвандиро пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, «... ман рад намекунам, ки одамон ба талаботи табиат итоат намуда, барои муттаҳидшавӣ бо ҳамдигар кӯшиш мекунанд. Аммо иттиҳодияи одамон муттаҳидшавии одии одамон нест, муттаҳидиест, ки ба шартнома асос ёфтааст, ки барои бунёди он садоқат ва ризояти байниҳамдигарӣ зарур мебошад» [4, 285].

Хулосаҳои мутафаккир дар хусуси «ба шартнома асос ёфтани муттаҳидии одамон», «иттиҳод ихтиёрона ташкил мешавад», «объекти ирода дар бораи ташкилшавии иттиҳод – ин аз тарафи одамон дар он ёфтани манфиат ва неъмат барои худ», «ташкил шудани ҳама гуна иттиҳод барои фоида...» [4, 287] андешаҳои буданд, ки барои кушодани мафҳум, моҳият ва дар оянда шакл гирифтани ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун муҳимтарин ниҳоди сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ нақши асосӣ доранд, ки бидуни ин принсипҳои пешниҳодшуда ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд дошта наметавонад.

«Гоббс аввалин бор мафҳумҳои «давлат» ва «ҷомеаи шаҳрвандӣ»-ро аз ҳамдигар ҷудо менамояд ва дар алоҳидагӣ истифода мекунад, агарчи ҳанӯз ҳам давлатро муқаддамтар аз ҷомеаи шаҳрвандӣ медонад» [12, 27], таъкид менамояд олими ватанӣ, мутахассис дар соҳаи таҳқиқоти ҷомеаи шаҳрвандӣ Ш.Каримов.

Мутафаккири бузург, файласуфи олмонӣ Иммануил Кант (1724–1804) дар асараш «Ғояҳои таърихи умумӣ дар нақшаи умумиҷаҳонии шаҳрвандӣ» расидан ба ҷомеаи ҳуқуқии шаҳрвандиро проблемаи бузургтарини насли инсоният меҳисобад ва таъкид менамояд, ки «проблемаи бузургтарин барои насли инсоният, ки ҳал кардани онро табиат маҷбур месозад, ноил шудан ба

ҷомеаи ҳуқуқии шаҳрвандии умумӣ мебошад. Танҳо дар ҷомеа, маҳз дар чунин, ки ба аъзои он озодии бузургтарин муҳайё карда мешавад..., таъмини озодӣ барои мувофиқати он ба озодии дигарон вуҷуд дорад, танҳо дар чунин ҷомеа метавонад ба мақсади олии табиат расид...., яъне комилан сохтори адолатноки шаҳрвандӣ бояд вазифаи олии табиат барои насли инсоният бошад ва ё танҳо тавассути ҳал ва иҷрои ин вазифаҳо, табиат метавонад ба ҳалли дигар мақсадҳои худ нисбати ба насли мо расад» [13, 27].

Олими тоҷик Ш.Каримов ба нақши Иммануил Кант дар ташаккули ғояи ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳои баланд дода, қайд менамояд, ки «кашфиёти илмии И. Кант саҳифаи наверо дар фаҳмиш ва баёни заминаҳои фалсафии ҷомеаи шаҳрвандӣ кушод. Ғояҳои Иммануил Кантро бешак, метавон ҳамчун асоси назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ қабул намуд» [12, 12].

Мутафаккир ва файласуфи маъруфи олмонӣ Георг Гегел дар асари худ «Фалсафаи ҳуқуқ» дар қисми сеюми асараш таҳти унвони «Маънавиёт», дар боби дуюми он– «Ҷомеаи шаҳрвандӣ» якчанд масъалаи муҳимми ин зуҳурот ё падида, аз ҷумла: шахси муайян ҳамчун принсипи асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ; мавқеи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар низоми ниҳодҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла оила ва давлат; замони бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва субъекти асосии он – шахси алоҳида; мақсад аз бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, муттаҳидӣ ва дигар масъалаи муҳимми ин самти илмиро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додааст. Ӯ ҷомеаи шаҳрвандиро ҷудошавӣ (дифференсия) меномад, ки аз давлат ҷудо дар миёни оила ва давлат баромад менамояд ва рушди он нисбат ба рушди давлат дертар оғоз шудааст. Ба давлат наздик будани онро ба мустақилияти муайяне доштан, вобаста дониста, бунёди онро ба ҷаҳони муосир (давраи буржуазӣ) нисбат медиҳад. Фарқи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро чунин муайян менамояд: агар давлат иттиҳоди шахсони гуногун, иттиҳоди танҳо умумиятдошта бошад, дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳар кас барои худаш мақсад аст, ҳама боқимонда барои вай чизе нестанд. Аммо таъкид менамояд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ бе муносибат намудан бо дигарон наметавонад ба мақсадҳои худ дар ҳаҷми пурраш расад. Ҳамин муносибат бо дигарон ба худ шакли умумӣ дода, дар айни замон саъю кӯшиши дигаронро ба неъматҳо қаноатманд намуда, худро қаноатманд менамояд [2, 228].

Ҳамин тариқ, Георг Гегел ҷомеаи шаҳрвандиро дорои се ҷиҳат: тавассути низоми талабот ва тақсими меҳнат қаноатбахш намудани талаботи шахси алоҳида ва ҳамаи боқимондаҳо: ҳифзи озодии умумӣ ва ҳифзи моликият бо роҳи адолати судӣ, ғамхорӣ доир ба пешгирии тасодуфҳо ва эътибор ба манфиатҳои махсус бо ёрии полис ва корпоратсияҳо арзёбӣ менамояд [2, 233].

Карл Маркс дар асари худ «Тезисҳо доир ба Фейербах» дар муқоиса бо Фейербах, ки инсонро абстракт ва ғайритаърихӣ медид, қайд намудааст, ки

дарвоқеъ, «моҳияти одам маҷмуи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад» [14, 3].

Андешаи мазкури худро дар хусуси абстракт ва ғайритаърихӣ набудани инсон, баъдтар Карл Маркс ва Фридрих Энгелс дар асари «Идеологияи олмонӣ» зимни ошкор намудани моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ идома дода, мавҷудияти умумиҷаҳонию таърихии индивидҳоро бо таърихи ҷаҳонӣ бевосита алоқаманд арзёбӣ намуданд.

Мутафаккирон ба хулоса меоянд, ки «ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамаи муносибатҳои моддии индивидҳоро дар доираи сатҳи муайяни рушди қувваҳои истеҳсолӣ дар бар мегирад. Ифодаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асри XVIII, вақте ки муносибати моликиятӣ аллакай аз умумияти антиқӣ ва асримиёнагӣ озод гардид, пайдо шудааст» [14, 35].

Ҳамин тариқ, ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби мутафаккирони Юнони Қадим ба лексикони фалсафӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ворид гардида, дар Замони Нав ташаккул ва рушд намуда, то андозае фаҳмиши имрӯзаашро соҳиб гардид.

Аз ҷониби донишмандони тоҷик Ш.Каримов, А.Сатторзода саҳми мутафаккирони гузаштаи мо низ дар таҳлили ҷомеаи шаҳрвандӣ қайд карда мешавад. Олимони мазкур зикр мекунанд, ки «мутафаккирони мо низ, аз қабили Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Низомии Ганҷавӣ, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон аз ин падидаи иҷтимоӣ бо номҳои «мадинаи фозила», «утопиё», «шаҳри зебоӣ», «мадинаи одила», «шаҳри некӣ», «фаромӯшхона” ва ғайра ёд кардаанд» [12, 27]. Саҳми мутафаккирони мо таҳқиқоти мушаххаси илмиро тақозо дорад.

Олимон А.Дятлов ва П.Сажин ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро ба се давра тақсим намуда, қайд мекунанд, ки «ғояи ҷомеаи шаҳрвандӣ се давраи асосии тағйироти дахлдорро дар ҷомеа, дар навбати аввал мураккабшавӣ ва тафриқаи сохтори иҷтимоиро мегузарад. Дар миёнаҳои асри XVIII истилоҳи «ҷомеаи шаҳрвандӣ» барои тасвир кардани навъи муайяни иттиҳоди сиёсӣ, ки ҳамаи аъзои худро зери таъсири қонун мегузошт, истифода мешуд» [8].

Олимони мазкур оғози рушди давраи сеюми ҷомеаи шаҳрвандиро солҳои 70-уми асри XX, вақте ки он на танҳо як чизи аз давлат, аз иқтисодиёт, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, мантиқи бозорӣ ва воқеият фарқкунанда фаҳмида мешуд, инчунин, онро бо худи ташкилоти шаҳрвандон алоқаманд ва ҳамчун сохтори фосилавии миёни давлат ва соҳаи иқтисодӣ арзёбӣ менамоянд.

Олими ватанӣ Г.Зокиров низ заминаҳои асосии таълимот ва тарҳи муосири ҷомеаи шаҳрвандиро вобаста ба давраҳо, хусусиятҳо, омилҳо, раванду андешаҳои мутафаккирони вақт, вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба якчанд таълимот ё давра алоқаманд медонад, ки дар таҳлил ва таҳқиқи табиати масъала муҳим мебошанд. Таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ба анъанаи аврупоию баҳримиёназаминӣ асосёфта, пайваст гардидани решаҳои таърихӣ

ва анъанаи аврупоию баҳримиёназаминӣ ба анъанаи хосси аврупоӣ, анъанаи либералии англоамрикоӣ, сотсиал-демократия ба сифати манбаи мустақили таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ [10, 241-248].

Профессор Абдураҳмон Муҳаммад дар илмҳои сиёсӣ ба се марҳалаи асосӣ ҷудо шудани рушди таълимоти ҷомеаи шаҳрвандиро қайд менамояд:

Марҳалаи «табиӣ–ҳуқуқӣ»–асоснок намудани моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ–аз давраи антиқа то асрҳои XVII; марҳалаи «легитимизатсияи ҷомеаи шаҳрвандӣ»–аз охирҳои асри XVII то ибтидои асри XX; марҳалаи «ратсонализатсияи ҷомеаи шаҳрвандӣ» аз солҳои 20-ум то 90 асри XX [19, 181].

Ҳамин тариқ, аз фалсафаи антиқӣ сар карда, то давраи асримиёнагӣ, давраи Эҳё ва давраи нав ҷомеаи шаҳрвандӣ оҳиста-оҳиста шакл гирифта бошад ҳам, аммо мафҳуми ягонаи умумиэътирофшудаи он ба миён наомадаст ва чи хеле зикр гардид, ҷомеаи шаҳрвандӣ даврaҳои дуру дароз дар муқоиса бо мафҳуми давлат истифода шудааст. Ҳатто олими олмонӣ И. Изензее қайд менамояд, ки «давлат барои он вуҷуд дорад, ки бо ҷомеа муқобил гузошта шавад» [11, 36]. Новобаста аз ин, дар адабиёт бо дарназардошти дастовардҳои илмӣ ва амалӣ, яке аз мавзуи фарогири таълимоти конститутсионализм будани он, дар самти таҳқиқи ҷомеаи шаҳрвандӣ мафҳумҳое мавҷуданд, ки моҳияти ин пададии иҷтимоиро кушода дода метавонанд.

Ба андешаҳои пажуҳишгар С. Либанова розӣ нашудан мумкин нест: «Истилоҳи «ҷомеаи шаҳрвандӣ» дар адабиёт мазмуни хосса дорад ва дар шарҳдиҳии муосир навъи муайяни (ҳолат, хусусият) ҷомеа, табиати иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, сатҳи тараққиёт, мукаммалиро ифода мекунад» [16, 74-78].

Абдураҳмон Муҳаммад зикр мекунад, ки муҳаққиқон дар омӯзиш ва таҳлили ҷомеаи шаҳрвандӣ се муносибатро мувофиқи мақсад шумориданд: ниҳодӣ (институтсионалӣ), форматсионӣ ва тамаддунӣ [19,181].

Бо дарназардошти андешаҳои зикргардида, мафҳумҳои «ҷомеаи шаҳрвандӣ» рӯй кор омаданд, ки моҳияти ин зуҳуротро ифода мекунанд.

Муҳаққиқ З.Голенкова мафҳуми худро пешниҳод менамояд, ки тибқи он «ҷомеаи шаҳрвандӣ – ин маҷмуи робитаҳои ҷамъиятӣ (коммуникатсия), ниҳодҳо ва арзишҳо, ки субъекти асосии он: шаҳрванд бо ҳуқуқҳои граждани ва созмонҳои граждани (ғайрисиёсӣ ва ғайридавлатӣ): ассотсиатсияҳо, иттиҳодияҳо, ҳаракатҳои ҷамъиятиӣ ва институтҳои граждани мебошад» [5, 26].

Пажуҳишгар И.Гобозов дар мафҳуми пешниҳод намудаи «ҷомеаи шаҳрвандӣ»-и худ сохтори (структура) ҷомеаи шаҳрвандиро номбар менамояд, чунончи: «Ҷомеаи шаҳрвандӣ – ин чунин ҷомеае мебошад, ки дар он сохторҳои ғайрирасмӣ дар намуди ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилот, ҳаракат,

кумитаҳо, ассотсиатсияҳо, маҷлисҳо, ҷамъиятҳо ва ғайра ташкил шуда, дар доираи қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ амал мекунанд ва ба мақомоти расмии ҳокимият таъсири назаррас мерасонанд» [3, 276].

Муҳаққиқ К.Струс қайд менамояд, ки «ҷомеаи шаҳрвандӣ – ин маҷмуи муносибатҳои хусусӣ ва байнишахсиятҳо, хусусияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ, фарҳангӣ, динӣ, оилавӣ ва дигар хусусиятдошта мебошад, ки ба қаноатбахш гардонидани манфиатҳои ҷомеа, фардҳои алоҳида ва ниҳодҳои бунёднамудаи онҳо нигаронида шудааст» [23, 9].

Пас алоқамандии таълимот ё назарияи конститутсионализм ҳамчун назария ва сарчашмаи конститутсияи навишташуда бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар чӣ ифода меёбад, муносибати ин ду назария ва консепсия то чӣ андоза ҳамдигарро пурра мекунанд ва бо ҳам мувофиқанд?

1) Пайдоиши тасаввурот, андеша ё ғояҳои конститутсионализм ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар як вақту замон ба гардиши илмии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ворид шуда, новобаста аз номукаммалӣ ва нагирифтани шакли аслии муосири худ, проблемаи муҳимми назарияи илмҳои ҷамъиятӣ ва амалияи давлатдорӣ, инчунин, мавзуъ ва самти актуалии таҳқиқи илмҳои мазкур муайян гардидаанд. Ғояҳои конститутсионализм ҳамчун зуҳурот дар ҷомеа ва давлат муқаррар намудани ҳама гуна падидаҳо, андешаҳо ва унсурҳои бунёдии мусбат дар идораи давлат ифодаи худро ёфта, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шакли «politike koinonia» асрҳои дароз ҳамчун соҳаи ахлоқу сиёсат, асосҳои умумии маънавиёт ва муносибати омавии (сиёсӣ) шаҳрвандони баробарҳуқуқи озод ба рушди давлату ҷомеа фаҳмида мешуд.

2) Ду зуҳуроти фалсафию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар заминаи муносибат ба инсон, шаҳрванд, озодии сиёсию иҷтимоӣ, маънавию руҳӣ, баробарии ҳама дар давлат ва ҷомеа, адолати иҷтимоӣ, худи давлат ва ҷомеа ташаккул ва рушду таҳкими минбаъда ва асоси илмии худро ёфтанд, ки он консепсияи табиию ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Минбаъд таҳлил ва таҳқиқи ҳама гуна падидаҳои ҷамъиятӣ ва табиӣ дар заминаи он сурат мегирифт. Ин ду зуҳуроти объективӣ ва воқеӣ самти таҳқиқи худро аниқ муайян намуда, татбиқи озодӣ, баробарӣ ва адолати иҷтимоиро дар шакли идораи мутлақият ғайриимкон шуморида, ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёдро асос ва заминаи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф намуданд.

3) Дар як вақт, дар асри XVIII – давраи Эҳё, конститутсионализм ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шакли имрӯзаи худро соҳиб гардида, яке ҳамчун маҳдудкунии давлат дар асоси конститутсия ё низоми идорае, ки аз ҷониби конститутсия маҳдуд карда шудааст, маънидод карда шуда, дигаре ҳамчун сатҳи баландтарини ташкили фаъолияти ҷомеа, ки дар заминаи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ асос ёфтааст, ба давлат вобаста набуда ва аломатҳои сиёсӣ ва давлатӣ надошта арзёбӣ гардид. Ҳарду назария ва зуҳурот заминаи идеологии муборизаи бо мутлақият гардида, ҳама

гуна маҳдудияти ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро қатъиян маҳкум намуданд.

АДАБИЁТ

1. Аристотель. Политика // Аристотель. Сочинения: В 4 т. Т. 4. Книга вторая. I (Кн. 2, I, 2.) / М.: Мысль, 1983. – С. 376 – 644. [Электронный ресурс]. – Режим доступа. URL: Aristotlepolitics. pdf (Дата обращения: 26 мая 2025 г.).

2. Гегель Г. Философия права. Пер. с нем.: Ред. и сост. Д. Керимов и В. Нерсесянц; Авт. вступ. ст. и примеч. В. Нерсесянц.— М.: Мысль, 1990.— С.228, 233. [2] [Электронный ресурс]. Режим доступа: 000199_ 000009_ 001565942.pdf (Дата обращения: 26 мая 2025 года).

3. Гобозов И. Социальная философия: учебник для вузов. –М.: Академический про ект, 2020. –С. 276. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https:// docs. yandex.ru/ docs/view?tm =1750178675&tld = ru&lang =ru&name (2020).pdf (Дата обращения: 1 июня 2025 г.).

4. Гоббс Т. Сочинения в 2 т. Т. 1/ Пер. с лат. и англ.; Сост. ред. изд., авт. вступ. ст. и примеч. В. Соколов. М.: Мысл, 1989. – С.285, 287. (622с). [Электронный ресурс]. Режим доступа: Гоббс Т. Сочинения. Том 1 - Соколов В.В. - 1989 (djvu. online). (Дата обращения: 26 мая 2025 года).

5. Голенкова, З. Гражданское общество // Социологические исследования. [Текст] /З. Голенкова/ М., 1997. –№ 3. –С. 26.

6. Джин Л.Коэн, Эндр Арато. Гражданское общество и политическая теория. Пер. с анг./Общ. ред. И.И. Мюрбегр. –М.:Весь мир, 2003.–784 (557с.pdf) –С.97. [Электронный ресурс]. Режим доступа. URL: https:// docs.yandex.ru/ docs/ view? tm= 1749905897 pdf (Дата обращения:1 июня 2025 г.).

7. Дробязко, С. Генезис гражданского общества и основные этапы его развития / С.Г. Дробязко // Экономика. Управление. Право. – № 1. – 2002. – С. 21–23. [Электронный ресурс]. Режим доступа. https:// docs. yandex.ru/ docs/view?tm= 1748784638&tld =ru&lang=ru&name=Drobyazko_5.pdf (Дата обращения: 26 мая 2025 г.).

8.Дятлов А., Сажин П. Гражданское общество. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://cyberleninka.ru/ article/n/grazhdanskoe-obschestvo-1/viewer (Дата обращения: 1 июня 2025 года).

9. Екадумова И. Истоки концепции гражданского общества в общественно–политической мысли Древней Греции. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https: // cyberleninka.ru› article/ n/istoki-kontseptsii-… (Дата обращения: 25 мая 2025 года).

10. Зокиров, Г. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишчуёни мактабҳои олӣ. Нашри сеюми такмилёфта. [Матн/ Г. Зокиров //Душанбе: Эр-граф, 2010. –С.164, 241-248.

11. Изензее И. Государство// Вестник Московского университета. Сер. 12. Социально-политические исследование.1992 № 6. –С.36.

12.Иқтибос аз Каримов Шамсиддин. Созмонҳои ғайридавлатӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. [Матн] / Шамсиддин Каримов. – Душанбе, 2010 – С.27, 12.

13. Кант И. Идея всеобщей истории во всемирно-гражданском плане. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https:// docs.yandex.ru/docs/view?tm= 1749633730&tld =ru&lang= ru&name=Kant_Idea.pdf (Дата обращения: 26 мая 2025 года).

14. Маркс К. и Энгельс Ф. Соч. Изд. второе. Том 3. [Текст] / Маркс К. и Энгельс Ф. Гос. изд-во полит. лит. М. 1955. – С.3, 35.

15. Кунцевич, К. Либерализм: сущность, истоки, перспективы. [Текст] / К. Н. Кунцевич, Минс, 1993.–С.30, 36.

16. Либанова С. Демокурия как способ обеспечения эффективности государственного управления гражданским обществом. Вестник КГУ, 2017. №1. - С. 74-78. [Электронный ресурс]. Режим доступа: ttps:// cyberle ninka.ru/article/n/demokuriya-kak-sposob-obespecheniya-effektivnosti-gosu darstvennogo-upravlen iya-grazhdanskim-obsc hestvom?ysclid=mbyu1zgv 27860803846 (Дата обращения: 1 июня 2025 г.).

17. Локк. Дж. Сочинения. В 3 т. [Текст] / Пер. с англ. и лат.Т 3 / Ред.сост., авт. примеч. А.Субботин.–М.: Мысль, 1988.–С.310, 311, 312.

18.Макиавелли Н. Избранные сочинения: пер. с италь. /вступит. статья К. Долгова; сост. Р. Хлодовского; коммент. М.Андреева и Р. Хлодовского. – М.: Худож. лит., 1982.– С.3, 301.

19. Муҳаммад Абдураҳмон. Инсон, сиёсат ва ҷомеа. (Таҷрибаи таҳлили фалсафию сиёсӣ) Матн/ Муҳаммад Абдураҳмон. Душанбе: Империал групп, 2018.–С.181.

20.Общая теория государства и права. [Текст] / Академический курс в 2 томах. Отв. ред. проф. М.Марченко –Том 1. Теория государства. –М.: Зерцало, 1998. – С.338.

21.Платон. Государство. Книга вторая. С. 10. (68с.) [Электронный ресурс].–Режим доступа.URL: http:// www.civisbook.ru/files/File/Platon. Gosudarstvo.pdf (Дата обращения: 26 мая 2025 г.).

22. Руссо Ж. Ж. О причинах неравенства =De linegalite parmi les hommes/ Ж. Ж. Руссо; пер. с. фр. Н.С. Южакова; под ред. и с предис. С.Н. Южакова – Санкт-Петербург; Све-тос, 1907. –С.68. (XXIV, 166 с.) [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://rusneb.ru/ catalog/000199_ 000009_ 003417451 / (Дата обращения: 26 мая 2025 г.).

23. Струсь К. Государство и гражданское общество: Проблемы правового взаимодействия в России: автореф. дис. к. ю. наук. Саратов, 2003. –С.9. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https:// rusneb.ru/

catalog/000199_-000009_-002653661-/?ysclid=mc0o15ntd1616 198074 (Дата обращения: 1 июня 2025 г.).

КОНСТИТУЦИОНАЛИЗМ И ПРОБЛЕМА ПОСТРОЕНИЯ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА

КАРИМЗОДА КАРИМ МАЗИЁ,
кандидат политических наук, заместитель Председателя
Конституционного суда Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Бохтар 48;
тел: (+992) 918-67-05-32.

В данной статье в сжатой форме, начиная с древнегреческого периода и до наших дней, анализируется и исследуется процесс возникновения мыслей и идей о сущности и характере гражданского общества. Гражданское общество считается важным политико-правовым и социальным институтом, ядром и основой которого являются желание граждан, цель, духовность, мораль, с его главными признаками «добровольность» и «объединения» для осуществления определенных общественных действий. Этот тип общества существует вне воли государства, влияния или принуждения его властей на основе конституционного права граждан объединяться в политические партии, профсоюзы, общественные объединения и др. Являясь одной из основных характеристик демократического общества, оно тесно связана с конституционализмом и принятой Конституцией, в которых человек играет центральную роль и занимает центральное положение, а также с правовым обществом, создающим реальные условия для развития такого института.

Ключевые слова: «polis» древнегреческий, «politike koinonia» - Аристотеля, гражданское общество, периоды развития гражданского общества, конституциона-лизм, конституция.

CONSTITUTIONALISM AND THE ISSUE OF BUILDING A CIVIL SOCIETY

KARIMZODA KARIM MAZIYO,
Candidate of Political Sciences, Deputy Chairman of the
Constitutional Court of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Bokhtar str. 48;
tel.: (+992) 918-67-05-32

In this article, in a concise form, starting from the ancient Greek period to the present day, the process of the emergence of thoughts and ideas about the essence

and character of civil society is analyzed and investigated. Civil society is considered as an important political, legal and social institution, the core and foundation of which are desire, purpose, spirituality, and civic morality, and its main features are "expression of will" and "association" to carry out certain public actions. This type of society exists outside the will of the state, the influence or coercion of its authorities on the basis of the constitutional right of citizens to unite in political parties, trade unions, public associations, etc. Being one of the main characteristics of a democratic society, it is closely related to constitutionalism and the written Constitution, in which a person plays a central role and occupies a central position, as well as to a legal society that creates real conditions for the development of such an institution.

Keywords: *"polis"- ancient Greek, "politike koinonia" - Aristotle, civil society, periods of development of civil society, constitutionalism.*

УДК: 316.42(575):321.01

САМОСТОЯТЕЛЬНОЕ СТРОИТЕЛЬСТВО И КОНСЕНСУС – ДВИЖУЩИЕ СИЛЫ: ИССЛЕДОВАНИЯ СОЦИАЛЬНО - ГУМАНИТАРНОГО РАЗВИТИЯ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

ДЭН СИНЬ,
директор института международного культурного обмена
Синьцзянского педагогического университета
7031, КНР, Синьцзян, город Урумчи, улица Новая Медицинская 102.
Тел.: 0086-15022909697; e-mail: 645290830@qq.com

В данной статье автор анализирует, что за годы независимости в странах Центральной Азии сформировалась общая для региона социально-гуманитарная среда, которая выражается, прежде всего, в акценте на реконструкции истории и культуры основных этнических групп с целью продвижения идеологического и духовного ядра национального развития, продвижении социально-гуманитарного строительства вокруг национальной независимости и стабильности и развития светского правопорядка, а также принятии и интеграции мультикультурализма в открытой и толерантной манере. Исследования стран Центральной Азии в области гуманитарных и социальных наук отражают инициативу независимого строительства, при этом все более очевиден консенсусный характер. Заглядывая в будущее, гуманитарные науки стран Центральной Азии будут продолжать придерживаться развития современности путем самостоятельного строительства и развития на основе консенсуса.

Ключевые слова: *Центральная Азия, самостоятельное строительство, консенсус, движущая сила, социально - гуманитарное развитие, президент, Эмомали Рахмон, Шавкат Мирзиёев, Садыр Жапаров, Сердар Бердымухамедов, Касым-Жомарт Токаев, идеологическое и духовное ядро, национальная строительства и развития, мультикультурализм, культурная идентичность, правовое развитие общества, интеграция, секуляризация, политики многосторонних и открытых обменов.*

I. **Достижения социально-гуманитарного развития стран Центральной Азии после обретения независимости**.

После обретения независимости Центральноазиатские страны всегда настаивали на объединении национальной независимости с региональной автономией, чтобы изменить свой социально-гуманитарный дух и таким образом сформировать характеристики социально-гуманитарной среды с региональной общностью. Эти особенности в основном проявляются в том,

что все страны Центральной Азии уделяют большое внимание перестройке идеологического и духовного ядра основной национальной истории и культуры в целях содействия сплочению национального строительства и развития, содействия социально-гуманитарному строительству вокруг независимой стабильности и светской легализации страны, а также принятия интегрированного мультикультурализма открытым и инклюзивным образом.

2.**Упорное углубление культурной идентичности независимого государства и основной этнической группы.**

Для центральноазиатских государств независимость–это врата в их новую историю, и все граждане имеют возможность идти рука об руку под флагом независимых государств и составлять планы своего будущего развития. Как сказал Основатель мира и национального единства- Лидер нации, Президент Республики Таджикистана уважаемый Эмомали Рахмон: *«это дает нам еще один реальный шанс на создание суверенного государства, такой исторический шанс был только один раз за многие столетия»* [3]. Но интернализация чувства независимости должна сочетаться с идентичностью независимого государства, чтобы сформировать эндогенный импульс для стабильного продвижения страны вперед. Для того чтобы максимально сплотить национальную идентичность, полностью мобилизовать национальный энтузиазм для участия в строительстве независимого государства, страны Центральной Азии проделали большую работу, используя все эффективные факторы, насколько это возможно.

Таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва озодии виҷдон. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ, Тоҷикистон барои риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла озодии виҷдон ва пайравӣ ба дину мазҳаб, тамоми шароитҳоро фароҳам овард. Ин арзишҳо зери ҳимояи давлат қарор дошта, имкон медиҳанд, ки шаҳрвандон озодона эътиқоди худро пайравӣ намоянд ва дар фазои сулҳу субот зиндагӣ кунанд. Конститутсияи кишвар аз эътирофи баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳо оғоз мегардад. Боиси таъкид аст, ки ҷиҳати пешгирии ихтилофҳои иҷтимоӣ дар заминаи маҳал, мазҳаб, дин ва миллат тағйироти Конститутсияи кишвар сурат гирифт, ки таъсиси ҳизбҳои сиёсиро дар ин асосҳо пешгирӣ менамояд [7].

Ҳифз ва эҳёи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ. Тарҳрезии барномаҳои азими фарҳангӣ (Бузургдошти Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит, тарҷумаи китоби муқадаси дини ислом – Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ ва

дастрас намудани он ба оммаи мардум, бознашри китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ва дастрасии он ба ҳар як оилаи тоҷик, ташкили озмуну чорабиниҳои фарҳангӣ, ба мисли «Фурӯғи субҳи доноӣ», «Тоҷикистон ватани азизи ман», «Илм фурӯғи маърифат», озмуни «Шоҳномахонӣ» ва нашри "Шоҳнома"-и безаволи Фирдавсӣ ва тақдими он ба ҳар як хонадони сокини кишвар ва ғайра, аз корҳои мондагори фарҳангии Пешвои миллат мебошанд.

Пешвои миллат ба эҳёи расму суннатҳои миллӣ, маросимҳои динӣ ва ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Наврӯз, Меҳргон, Тиргон ва Сада, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Ин ҷашнҳо ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ эҳё гардида, ба таҳкими худшиносии миллӣ ва ваҳдати ҷомеа мусоидат менамоянд.

*Бозгардонидани шаҳрвандон аз минтақаҳои низоъ***.** Яке аз ташаббусҳои инсондӯстонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикситон Эмомалӣ Раҳмон бозгардонидани шаҳрвандони тоҷик аз кишварҳои ҷангзада мебошад. Ин иқдом, ки бо хиради инсонмеҳварӣ ва фитрати баланди инсондӯстии Президенти кишвар амалӣ гардид, нишон медиҳад, ки давлат барои ҳифзи шаҳрвандон ва таъмини амнияти онҳо ғамхориҳои пайваста мароқ зоҳир менамояд. Дар асоси хислатҳои инсонмеҳварии Роҳбари давлат тайи солҳои 2019–2023 зиёда аз 300 нафар шаҳрванди кишвари худро аз минтақаҳои даргири сайёра ба Ватан баргардонидаанд. Ин иқдом дар ҳоле сурат мегирад, ки авзои ҷаҳон ба ҳадди хатарноку ноором буда, ҳар лаҳза хавфи барҳӯрди абарқудратҳои сиёсӣ пеш омада, таҳдид ба амнияти мамлакатҳои рӯ ба инкишоф дорад. Дар чунин шароити ҳассос, ки андешаву зиракии сиёсӣ бояд дар ҷойи аввал қарор гирад, рӯ овардан ба чунин иқдоми инсондӯстона танҳо аз матонату садоқат ва муҳаббату ҷасорати Пешвои миллат дарак медиҳад, ки ҳамеша мушкилкушову раҳнамои мардуманд.

*Арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ дар Паёмҳо***.** Дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ, Пешвои миллат ҳамеша ба арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ арҷгузорӣ намуда, онҳоро ҳамчун омили муҳимми рушди ҷомеа ва таҳкими давлатдорӣ мешуморанд. Ин таъкидҳо ба рушди маънавии ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ мусоидат мекунанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тайи солҳои раҳбарии худ бо татбиқи сиёсати инсондӯстона ва адолатпарварона, тавассути эълони афвҳои гуногун, ба шахсони маҳкумшуда имкони бозгашт ба зиндагии осоишта ва саҳмгузорӣ дар ҷомеаро фароҳам овардаанд.

Қонуни афв ва татбиқи он. Дар асоси принсипи инсонмеҳварии Роҳбари давлат дар даврони соҳибистиқлолии кишвар якчанд маротиба ба муносибати санаҳои ҷашнии кишвар аз қабили Рӯзи Истиқлоли давлатӣ, Рӯзи Сарқонуни кишвар, ҷашни байналмилалии Наврӯз як қатор қонунҳои афв ки бо ташаббуси Президенти кишвар нисбат ба доираи васеи

маҳкумшудагон ва шахсоне, ки парвандаҳои онҳо таҳти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва дар баррасии судӣ қарор доштаанд, ба имзо расонида шудаанд. Дар баробари ин, зимни татбиқи "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон" беш аз 5,5 ҳазор намояндагони мухолифин афв гардиданд.

Вобаста ба принсипи инсондӯстӣ ва сиёсати башардӯстонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон метавон гуфт, танҳо ба муносибати ҷашни 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 16 октябри соли 2019 бо ташаббуси Сарвари давлат лоиҳаи Қонуни афв ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод шуда буд, ки 20 ҳазор шахсони ҷиноятсодиркарда, ки фарогири ноболиғон, занон, маъюбон, шаҳрвандони хориҷӣ ва дигар шаҳрвандон буд татбиқ карда шуд [17]. Ин иқдомҳо ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва ҳамгироии иҷтимоии шаҳрвандон амалӣ карда мешаванд.

Ҷашни Наврӯз, ки рамзи эҳё, ҳамбастагӣ ва меҳру муҳаббат ба инсоният аст, имсол низ дар фазои сулҳу субот таҷлил мегардад. Наврӯз ҷашни бахшоиш ва дӯстист. Маҳз ин сифати ҷашни Наврӯз аст, ки дар арафаи таҷлили он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми башардӯстона нишон дода, дар асоси фармон аз 20 марти соли 2025, №1009 «Дар бораи бахшиши ҷазои шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд», ҷазои 897 нафар маҳкумшударо бахшиданд [5].

Ёдовар мешавем, ки бо чунин иқдоми инсодӯстона ва ғамхорию бахшида тавонистани Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ то ба қабули фармони навбатии бахшиши ҷазо баъди имзои санадҳои дахлдори афв ва бахшиши ҷазо дар муассисаҳои Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар маҷмуъ, нисбат ба 102 ҳазору 671 нафар татбиқ гардидааст, ки аз инҳо 58 ҳазору 233 нафар аз адои ҷазои ҷиноятӣ озод карда шудаанд [6].

*Афви сармоягузорон***.** Соли 2021 бо дастури Пешвои миллат афви махсус барои сармоягузорон эълон гардид. Ин иқдом ба ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, беҳтарсозии фазои соҳибкорӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар равона шуда, нишондиҳандаи сиёсати оқилона ва дурбинонаи роҳбарияти давлат мебошад.

Татбиқи афвҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси бозгашти ҳазорон нафар шаҳрвандон ба ҳаёти муқаррарӣ гардида, ба онҳо имкон дод, ки дар рушди ҷомеа ва иқтисоди миллии кишвар саҳмгузор бошанд. Ин иқдомҳо инчунин, ба таҳкими ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ мусоидат намуда, арзишҳои инсондӯстӣ ва бахшишро дар ҷомеаро тарғиб мекунанд.

Дар маҷмуъ, сиёсати дохилии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба таҳкими арзишҳои инсондӯстӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва

шаҳрванд, эҳёи фарҳанг ва арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, инчунин, таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандон равона гардида, ба рушди устувори ҷомеа ва давлат мусоидат менамояд.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси арзишҳои инсондӯстӣ ва принсипи «дарҳои боз» ташаккул ёфтааст. Ин сиёсат ба рушди муносибатҳои дӯстона, ҳамсоягии нек, шарикӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ равона гардидааст, ки ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

–Ташаббусҳои байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти глобалӣ. Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба об ва тағйирёбии иқлим, саҳми назаррас дорад. Ташаббусҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикситон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун «Раванди оби Душанбе» маъруф буда, кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз дипломатияи об дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки дар арсаи ҷаҳонӣ дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об нақши фаъол дошта бошад. Бо ҳамин дарназардошт дар “Консепсиси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дипломатияи об инъикос ёфтааст, ки далели гуфтаҳои болост.

Дар доираи ин ташаббусҳо ва дар партави сиёсати созанда дар соҳаи об «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», «Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт», 2005–2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013»), Даҳсолаи байналмилалии амал об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, 2025, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳои баланд гирифтааст, муваффақияти дипломатияи кишвар эътироф гардида, татбиқи ташаббусҳои навро дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, пеш аз ҳама, СММ пешбинӣ менамояд. Соли 2013 бо мақсади таҳкими шарикии кишварҳои узв дар самти истифодаи самараноки захираҳои об “Соли дипломатияи об” эълон гардид. Шуруъ аз ҳамон сол ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон дорад, ки тавассути рушди дипломатияи об барои наслҳои оянда қарорҳои муҳим қабул намояд [14, 113-121]. Ҳадаф аз ин ташаббусҳо таъкид бар зарурат ва ҳамкории созанда дар ҳалли мушкилоти об ба манфиати ҳифзи ҳаёт ва рушди устувори башарият мебошад.

Роҳандозии сиёсати сулҳҷӯёна, мусоидат ба сулҳ ва субот дар минтақа. Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 29 сентябри соли 1993 бори нахуст дар Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ намуда, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нақшаҳои созанда ва ҳадафҳои сулҳомез, расидан ба ваҳдати миллӣ, инчунин, таҳкими ҳамкориҳо бо тамоми кишварҳои сулҳдӯсти ҷаҳонро пешниҳод намуд. Ин суханронӣ аслан пешниҳоди шакли мухтасари қарорҳои қабулнамудаи Иҷлосияи XVI ба кишварҳои аъзои СММ буд, ки татбиқи пайгиронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз онҳо кишвари моро ҳамчун

давлати дорои ташаккули дипломатияи устувор, пайгирона, шинохтанӣ ва қобили пешгӯйӣ муаррифӣ намуд, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ даҳҳо маротиба тасдиқ гардидааст [13, 293].

Аввалин ташаббуси Пешвои миллат дар самти таъмини сулҳу субот дар минтақа ироаи ташаббуси "Эҷоди камарбанди амниятӣ дар атрофи Афғонистон" аз 20 июли соли 1998 дар Созмони Милали Муттаҳид ба шумор меравад. Ин ташаббус бо дарназардошти мубрамият моҳи сентябри соли 2021 дар ҷаласаи сарварони кишварҳои СҲШ, Конфронси байналмилалии "Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон" (18 –19 октябри соли 2022) низ садо дода, ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли қазияи Афғонистон даъват менамояд [9].

Мусаллам аст, ки аксар донишмандони ҷаҳонӣ тоҷиконро ҳанӯз аз замонҳои қадим бо ваҳдатсолориву фарҳангсолорӣ ва бунёдкориву созандагӣ ёд мекунанд. Таҳаммулпазирӣ ва сулҳу ваҳдат ҳамеша дар тинати мардуми тоҷик ба арзишҳои муқаддасе табдил ёфтаанд, ки бо мақрои равони мо сиришта шуда, дар ташаккули рафтор, фарҳанг ва зиндагии маънавии ҷомеаи мо нақши бунёдӣ доранд. Аз ин ҷост, ки таҷрибаи ваҳдатофарии мардуми тоҷик дар замони кунунӣ барои башарият ва кишварҳои ҷаҳон омили муҳиме дар роҳи эъмори сулҳ ва таҳкими он маҳсуб меёбад. Дар иртибот ба ин пешоҳанг будани ҷониби Тоҷикистон, бахусус, ташаббускории Пешвои миллат дар самти таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда корнамоӣ ва иқдоми бузург ва ваҳдатофар барои мардуми сайёра ба шумор меравад.

Бояд таъкид намуд, ки мусоидат ба таъмини сулҳу суботи пойдор, амнияти байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҳаёти осоишта дар тамоми олам яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ҷумла пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 79-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати қабули қатъномаи махсус оид ба эълон гардидани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» далели гуфтаҳои болост [1].

Имрӯзҳо таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар бобати ҳалли мусолиматомези низоъ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба сарвати илми сиёсатшиносии ҷаҳонӣ мубаддал шудааст. Ҳамчун нишони эътирофи ин заҳматҳо раёсати ҷаласаи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ ба зиммаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон вогузор гардид.

Ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва муаррифии онҳо дар сатҳи байналмилалӣ. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва густариши арзишҳои ғарбӣ яке аз вазифаҳои асосии кишварҳои миллӣ – ҳифзи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва динӣ ба шумор меравад. Дар ин қарина, дипломатияи фарҳангии

тоҷик бо сарварии Пешвои миллат бо муаррифии мероси адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ, бузургдошти доимии чеҳраҳои мондагор ва фарзандони барӯманди миллат ва таърихи қадимаи миллати тоҷик дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ алоқаманд мебошад. Ин дастовардҳои мардуми тоҷик аз ҷониби ниҳоди бонуфузтарини ҷаҳонӣ дар самти илм, маориф ва фарҳанг ЮНЕСКО эътироф шуда, ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии он ворид гардиданд. Дар ин радиф, ворид шудани ёдгории таърихии Саразм (соли 2010), Боғи миллии Тоҷикистон (соли 2013), ба Рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил гардидани «Шашмақом» (соли 2008), Наврӯз (соли 2010), “Оши палав” (2016) ва “Чакан” (соли 2018), бо қарорҳои ЮНЕСКО арҷгузорӣ намудани як қатор шахсиятҳои фарҳангии тоҷикон ва рӯйдодҳои таърихии миллат далели ҷавҳари фарҳангии миллати тоҷик, моҳияти сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи он маҳсуб мегардад [2].

Ташаккули ҳусни ҳамҷаворӣ ва умқи равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ. Аз қадимулайём риштаҳои канданашавандаи дӯстию ҳамкорӣ халқҳои Осиёи Марказиро ба ҳам пайваста, муборизаи якҷояи зидди душман ва истилогарон онҳоро муттаҳид сохтааст. Ин арзиш зимни татбиқи сиёсати хориҷии Пешвои миллат бевосита амалӣ мегардад, ки дар моҳияти сиёсати хориҷии минтақавӣ ва намунаи бевоситаи ҷавонмардӣ ва дӯстии ӯ инъикос мегардад.

Ҷанбаи муҳим дар самти татбиқи сиёсати минтақавӣ қатъияти Сарвари давлат дар масъалаи рушду таҳкими ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

Дар маҷмуъ, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикситон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҳалли мушкилоти глобалӣ ва муаррифии арзишҳои фарҳангии миллӣ равона гардида, ба таҳкими сулҳ, субот ва рушди устувор дар минтақа ва ҷаҳон мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Воҳидов Н. Раванди Душанбе: аз сатҳи миллӣ то байналмилалӣ. [Захираи электронӣ] https:// old.mts.tj/?p=14118/ (Санаи муроҷиат:11.07.2025).

2. Давлатёров Ф. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон эҳёгари арзишҳои фарҳанги миллии мардуми тоҷик дар асри навин. [Захираи электронӣ] URL: https://philosophical.tnu.tj/tj/peshvoi-millat-jemomal-ra-mon-je-jogari-arzish-oi-far-angi-millii-mardumi-to-ik-dar-asri-navin// (санаи муроҷиат:10.05.2025)

3. Дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] URL: https://mfa.tj / tg/ main/view/12/dastovardhoi-sijosati-khorijii-tojikiston. (Санаи муроҷиат: 21.03.2025)

4. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. Душанбе: Ирфон, 2009, 296 с. –С.23

5. Дӯстзода Ҳ. Бозтоби инсонгароӣ дар сиёсати Пешвои миллат. [Захираи электронӣ] URL: https:// philol.tnu.tj/tj/boztobi-insongaro-dar-sijosati-peshvoi-millat/. (Санаи мурочиат: 24.03.2025)

6. Зарангези Л. Пайвандони маҳбусон: «Бахшиши ҷазои маҳкумшудагон намунаи барҷастаи инсондӯстӣ ва меҳру муҳаббати Пешвои миллат нисбат ба мардум мебошад». [Захираи электронӣ] URL: // https://khovar.tj /2025/03/ . (Санаи мурочиат 24.03.2025)

7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ] URL:https://mfa.tj/tg/main/tojikiston/konstitutsiya. (Санаи мурочиат 23.03.2025)

8. Қурбон В. Давлатсоз. Душанбе: Дониш, 2012. –426 с.

9. Мирзоён М. Консепсияи «Камарбанди амниятӣ». Татбиқи он дар атрофи Афғонистон чӣ зарурат дорад? [Захираи электронӣ] URL: https:// peshina.jumhuriyat.tj/ (Санаи мурочиат: 23.03.2025)

10. Нурматзода Ҳ. Пешвои миллат ташаббускори таҳкими сулҳи байналмилалӣ. [Захираи электронӣ] URL: https://www.facebook.com/dsx.tj/ posts/Пешвои миллат ташаббускори таҳкими сулҳи байналмилалӣ ва афкори инсондӯстӣ/1192806642498578/ (Санаи мурочиат: 23.03.2025)

11. Худойбердӣ Х. Ваҳдат–кафолати ҳастии миллат. Маҷмуи мақолаҳо ва матни суханрониҳои солҳои 2010–2015. Душанбе: Эр-граф, 2015. –260 с.

12. Шарипов А. Дастовардҳои сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон [Захираи электронӣ] URL: https:// khovar.tj / 2021/09/dastovard-oi-s-soli-siyosati-hori-va-diplomatiyai-to-ikiston-andesha-oi-dotsenti-dmt-dar-ostonai-ashni-isti-loliyat-davlat/ (Санаи мурочиат: 22.03.2025)

13. Шарипов А. Махсусият ва омилҳои маҳбубият касбнамудаи Пешво.// Паёми ДМТ. –№1, 2019, –С. 292-296. –С.293

14. Шарипов А. Хусусиятҳои хосси дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир// Паёми ДМТ, №6, қисми 2, 2024, –С.113-121, дар ҳаммуаллифӣ бо Назаров Б.Б.

15. Шарипов А. Ҷаъфаров С. Нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] URL: https://www.facebook.com/groups/ 570079634896282 (Санаи мурочиат: 22.03.2025)

16. Шарипов А. Региональный аспект внешней политики РТ// Внешняя политика РТ в контексте современных глобальных угроз и вызовов // Сборник материалов Межвузовской научно-практической конференции в РТСУ (28.02.2020. –Душанбе, 2020. –262 с. – С. 99–109.

17. Эълони афв дар Тоҷикистон: [Захираи электронӣ]. https://sputnik.tj/20201030/Eloni-avfi-zindonin-dar-Toikiston-Ramon-besh-az-300-mabusro-bakhshid-1032189021.html/. (Санаи мурочиат:10.07.2025).

ГУМАНИТАРНЫЕ ЦЕННОСТИ ВО ВНУТРЕННЕЙ И ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ЛИДЕРА НАЦИИ

ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДИНОВИЧ,
кандидат исторических наук, ведущий специалист управления анализа и прогнозирования проблем региональной безопасности Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992)105-50-10-18; эл. почта: amrsharif@mail.ru

ВОХИДОВ НАСРИДИН ХИЗБУЛЛОЕВИЧ,
заместитель начальника Управления анализа и прогнозирования проблем региональной безопасности Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992) 555-555-147; e-mail: vokhidzoda.nasriddin@mail.ru

В статье рассматриваются ценности гуманизма во внутренней и внешней политике Лидера нации, Президента Республики Таджикистан. Авторы отмечает, что ценности гуманизма в деятельности Президента Республики Таджикистан берут своё начало из трудов и мыслей гениев таджикской нации, и по сей день таджикский народ, следуя им, стал для мирового сообщества примером мира и дружбы. Ценности гуманизма проявились с самого начала политической карьеры Президента Республики Таджикистан и нашли свое отражение во внутренней и внешней политике.

В статье отражена суть гуманных ценностей во внутренней и внешней политике Лидера нации. При этом обсуждается наличие прямого примера, сути дружбы и гуманности уважаемого Эмомали Рахмона. В статье также обозначены направления отражения гуманитарных ценностей во внутренней и внешней политике. В то же время, подчёркивается необходимость придерживаться гуманных ценностей и представлять таджикский народ на мировой арене находит своё отражение в поведении и действиях каждого гражданина страны.

Ключевые слова: *Лидер нации, гуманитарные ценности, Республика Таджикистан, внутренняя политика, внешняя политика, мир, региональная стабильность, глобальные инициативы, культурно-гуманитарный аспект, добрососедство, перспективы.*

HUMANITARIAN VALUES IN THE DOMESTIC AND FOREIGN POLICY OF THE LEADER OF THE NATION

SHARIPOV AMRIDDIN NURIDINOVICH,
candidate of Historical Sciences, Leading Specialist of the Department of Analysis and Forecasting of Regional Security Issues of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992)105-50-10-18; e-mail: amrsharif@mail.ru

VOHIDOV NASRIDIN HIZBULLOEVICH,
Deputy Head of the Department of Analysis and Forecasting of Regional Security Issues of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992) 555-555-147; e-mail: vokhidzoda.nasriddin@mail.ru

The article examines the values of humanism in the domestic and foreign policy of the Leader of the nation President of the Republic of Tajikistan. The authors note that the values of humanism in the activities of the President of the Republic of Tajikistan originate from the works and thoughts of the geniuses of the Tajik nation, and to this day the Tajik people, following them, have become an example of peace and friendship for the world community. The values of humanism have manifested themselves from the very beginning of the political career of the President of the Republic of Tajikistan and are reflected in domestic and foreign policy. The article reflects the essence of human values in the domestic and foreign policy of the Leader of the nation. At the same time, the presence of a direct example, the essence of friendship and humanity of his Excellency Emomali Rahmon is discussed. The article also outlines the directions for reflecting humanitarian values in domestic and foreign policy. At the same time, the need to adhere to human values and represent the Tajik people on the world stage is reflected in the behavior and actions of each citizen of the country.

Keywords: *Leader of the nation, humanitarian values, Republic of Tajikistan, domestic policy, foreign policy, peace, regional stability, global initiatives, cultural and humanitarian aspect, good neighborliness, prospects.*

УДК: 330.341.1:338.45:502.131.1(575.3)

НАҚШИ ЭКОСИСТЕМАИ САНОАТИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА РУШДИ УСТУВОР

МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми директори
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.:(+992 37) 221-32-48; e-mail: oraz-2009@mail.ru

НУРИДДИНЗОДА АҲЛИДДИН НУРИДДИН,
номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини Вазири рушди
иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 78:
тел: (+992) 777-17-18-18; e-mail: nuriddinzodaahliddin@gmail.com

Экосистемаи саноатии инноватсионӣ дар шароити ноустувории стратегии ҷаҳонӣ на танҳо ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ, балки ҳамчун василаи калидии таъмини амнияти иқтисодӣ ва устувории миллии давлат баромад мекунад. Дар айни замон, экосистемаи саноатии инноватсионӣ ҳамчун муҳаррики асосии рушди иқтисодӣ ва сутуни устувори амнияти иқтисодӣ метавонад барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, имконияти беҳамто барои ташкили модели нави иқтисодӣ фароҳам созад.

Ҳалли масъалаи амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор дар Тоҷикистон бе такя ба экосистемаи мукаммали саноатии инноватсионӣ ғайриимкон буда, системаи мазкур бояд ҳамчун муҳаррики асосии рушди иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани мустақилияти технологӣ ва таъмини ҳифзи манфиатҳои стратегӣ дониста шавад. Бо дарназардошти ин, таҳқиқоти мазкур ба баррасии нақши экосистемаи саноатии инноватсионӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор равона гардида, омӯзиши ин масъала ва таҳияи механизмҳои амалисозии он дар шароити кишвар, дорои аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Зимнан, муаллифон қайд менамоянд, ки масъалаи татбиқи навовариҳо барои самаранокии фаъолияти корхонаҳои даврии пурра ва дар навсозии технологии корхонаҳои мавҷуда мусоидат ба технологияҳои инноватсионӣ, инчунин, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузории мустақим ва таъмини кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ дар ин росто бояд тақвият дода шавад.

Калидвожаҳо: *таъмини амнияти иқтисодӣ, рушди устувор, раванди саноатикунонии босуръати кишвар, экосистемаи саноатӣ, татбиқи*

лоиҳаҳои инноватсионӣ, ташаккули экосистемаҳои мукаммал, самаранокӣ, ҳамгироии инноватсионӣ, стратегия, рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, корхона, кластерҳои инноватсионӣ.

Дар шароити ноустувории стратегӣ, таҳдидҳои афзояндаи иқтисодию геополитикӣ ва тағйирёбии муҳити глобалии амниятӣ, масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор ба унсури калидии сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ин ҳадаф на танҳо шарти ҳатмии устувории миллӣ мебошад, балки омили асосии таъмини муқовиматпазирии иқтисод дар баробари таъсирҳои беруна низ ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти ин, масъалаи амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор ҳамчун ду ҳадафи калидии сиёсати давлатӣ ва стратегияи миллии ҳар як кишвар, хосса кишварҳои рӯ ба инкишоф, баррасии амиқро талаб менамояд. Зеро амнияти иқтисодӣ маънои қобилияти давлатро дар ҳифзи манфиатҳои стратегӣ, устувории сохторҳои истеҳсолӣ, таъмини ниёзи дохилӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои дохиливу хориҷиро ифода намуда, рушди устувор ҳамчун модели иқтисодӣ ба наслҳои оянда имкони зиндагии шоистаро фароҳам меорад.

Мусаллам аст, ки Тоҷикистон метавонад ба як модели муваффақи гузариш аз иқтисоди анъанавӣ ба иқтисодиёти “сабз” ва инноватсионӣ табдил ёбад. Барои ин ба мо ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ, дастгирии ҷомеаи илмӣ ва фаъол шудани бахши хусусӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар робита ба ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми навбатии худ, ки санаи 28 декабри соли 2024 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, қайд намуданд, ки “…идоракунии самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъсис додани ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад” [1]. Дар заминаи ин, саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи стратегӣ дар доираи сиёсати давлатӣ муайян шудааст. Махсусан, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани солҳои 2022–2026 ҳамчун "Солҳои рушди саноат" шаҳодати равшани аҳаммияти ин соҳа дар сиёсати иқтисодии кишвар дониста мешавад. Бо дарки мубрамияти ин масъала муҳаққиқ Н.Нурализода зикр менамояд, ки “... саноати ватанӣ неруи азими пешбаранда ва иқтидори калидии тараққиёти иқтисодӣ дар кишвар ба шумор рафта, Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намуд, ки он барои таъмини устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи амиқ мегузорад”. [14] Ба андешаи мо, саноати ватанӣ дар ташаккули заминаҳои устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти иҷтимоӣ ва тавсеаи имкониятҳои

содиротии кишвар нақши калидӣ дошта, иқдомҳои мазкур ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир буда, барои расидан ба мақсадҳои иқтисодиву иҷтимоӣ аҳаммияти бузург дорад. Дар ин раванд имкон фароҳам меояд, ки Тоҷикистон тадриҷан аз модели иқтисодиёти истеъмолгаро ба модели истеҳсолӣ гузашта, барои таъмини рушди устувор ва коҳиши вобастагӣ аз омилҳои хориҷӣ беш аз пеш мусоидат намояд. Бо дарназардошти ин, имрӯзҳо саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи стратегӣ, на танҳо омили муҳимми рушди иқтисоди миллӣ, балки кафолати таҳкими истиқлоли иқтисодӣ ва таҳияи заминаи мусоиди иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад.

Бисёре аз муҳаққиқон, аз ҷумла олимони ватанӣ: С.Ҷ. Комилов, А.Б. Мирсаидов, Ғ. Ҷӯрабоев Т.Д. Низомова, М.К. Файзуллоев, Б.Х. Нурдинов ва олимони хориҷӣ: С.Н. Каруна, Ю.И. Селиверстов, С.А. Киселкин, Г.Н. Дилмуродова, А.Б. Кипнис ва дигарон, дар асарҳои худ аҳаммияти рушди фаъолияти инноватсиониро дар амалияи корхонаҳои саноатии кишвар бо дарназардошти ба инобат гирифтани принсипҳои иқтисодиёти рақамӣ баён мекунанд. Ба андешаи онҳо, идораи фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми таъмини фаъолияти самаранок ва муваффақонаи корхонаҳои гуногун, аз ҷумла саноатӣ, баррасӣ мешавад. Ҷорӣ намудани ин равандҳо дар фаъолияти корхонаҳо имкон медиҳад, ки бартариятҳои рақобатӣ ҳифз ва такмил ёбанд, самаранокӣ афзоиш ёбад ва монеаҳои бозорӣ паси сар гарданд. Илова бар ин, муҳаққиқон аҳаммияти ҳавасмандгардонии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро бо дарназардошти рушди иқтисодиёти рақамӣ таъкид менамоянд. Дар ин раванд менеҷменти инноватсионӣ метавонад ҳамчун омили асосӣ барои таъмини фаъолияти муваффақонаи корхонаҳои саноатӣ ва нигоҳдории бартариятҳои рақобатии онҳо дар шароити бозор хизмат намояд.

Ба андешаи мо, дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ташаккули фазои инноватсионӣ барои рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аҳаммияти калидӣ дорад, зеро ки он ба татбиқи дастовардҳои илм дар истеҳсолот мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти ин, имрӯзҳо ташкили иқтисодиёти инноватсионӣ ба як самти афзалиятноки стратегии кишвар табдил ёфтааст [12], ки дар расми 1 возеҳтар нишон дода шудааст.



Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси адабиёти соҳа.

Расми 1.–Афзалиятҳои рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар шароити имрӯза

Дар робита ба расми 1 метавон хулоса намуд, ки ташкили иқтисодиёти инноватсионӣ имрӯз ба яке аз самтҳои стратегӣ ва шарти муҳимми рушди устувори кишварҳо табдил ёфтааст. Инноватсия тавассути технологияҳои нав ва таҳқиқоти илмӣ, рақобатпазириро афзун намуда, сатҳи зиндагии аҳолиро беҳтар месозад. Барои расидан ба ин ҳадаф, муҳити мусоид, сармоягузорӣ дар илм ва омода намудани мутахассисони соҳибкасб муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар ин бора, иқтисодшинос ва олими ватанӣ Ш.Раҳимзода иброз медорад, ки "… барои таъмини амнияти иқтисодии кишвар чораҳои зарурӣ андешида, дастгирӣ ва рушди молистеҳсолкунандагони ватанӣ бо роҳи пешниҳоди кумаки молиявӣ, имтиёзҳои андозӣ, субсидияи истеҳсолот ва беҳтар кардани инфрасохтор имкон медиҳад, ки иқтисодиёт тақвият ёфта, вобастагӣ аз воридот кам карда шавад ва саноати ватанӣ рушд намояд" [16]. Бо итминони комил метавон гуфт, ки имрӯз бо роҳнамоии сиёсати хирадмандонаи Роҳбарияти олии кишвар соҳаи саноат ба як василаи муҳимми амнияти иқтисодӣ ва рушду шукуфоии миллӣ табдил ёфта, бо

пайваста ҷустуҷӯйи навоварӣ, рақобатпазирӣ ва устувории иқтисодӣ ҳамасола нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо устуворӣ боло рафта истодаанд. Бо дарназардошти ин, ташкили экосистемаи саноатии инноватсионӣ барои тақвияти рушди саноати ватанӣ ва нигоҳдории устувории он муҳим арзёбӣ мегардад. Яъне экосистема–маҷмуи муназзами шароит, равандҳо ва субъектҳост, ки ба рушди ҳамзамон ва ҳамоҳанги илм, технология, истеҳсолот ва муҳити соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, бо тақозои замон гузариш ба модели нави рушд–модели экосистемаи саноатӣ амали саривақтӣ мебошад. Дар ин замина, экосистемаи саноатии инноватсионӣ ҳамчун муҳаррики асосии рушди технологӣ ва иқтисодӣ баромад мекунад. Он на танҳо заминаи тавлид ва интиқоли донишҳои нав ва технологияи пешқадамро фароҳам меорад, балки барои баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ ва коҳиши вобастагӣ аз захираҳои хориҷӣ заминаи мусоид мегузорад. Дар ин радиф, технологияҳои муосир ба унвони як омили асосии пешбарандаи рушди истеҳсолоти саноатӣ баромад мекунанд, ки дар ин хусус А.Рогова [17] ба таври муфассал ибрози андеша намудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Сарвари давлат зимни мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар иброз намуданд, ки “... дар давраи шиддати рӯзафзуни рақобату мухолифатҳо танҳо давлатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки миллати босаводу огоҳ, низоми пешрафтаи илмиву инноватсионӣ ва олимону навоварони донишманд дошта бошанд. Ҳамзамон, зарурати таъмин кардани пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ дар замони муосир натиҷаҳои самарабахши илмиро, аз ҷумла дар самтҳои ихтироъ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, талаб менамояд” [19]. Гуфтаҳои Пешвои миллат на танҳо як изҳори сиёсӣ, балки як ҳушдор ва самти стратегии рушди миллӣ мебошад. Танҳо тавассути рушди илму маориф ва дастгирии неруи зеҳнӣ мо метавонем дар шароити рақобат ва мухолифати ҷаҳонӣ мавқеи худро нигоҳ дорем ва рушди устуворро таъмин намоем. Дар ин росто, ба андешаи муҳаққиқ С.Комилов ва дигарон: “Дар шароити кунунии рушди даҳсолаҳои охир иқтисоди инноватсионӣ шарти ҳатмии сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ба шумор меравад” [7]. Метавон гуфт, ки гузариш ба иқтисоди инноватсионӣ барои Тоҷикистон роҳи асосии таъмини амнияти иқтисодӣ, рушди устувор ва мутобиқшавӣ ба мушкилотҳои сатҳи ҷаҳонӣ буда, он ҳамчун шарти калидии сиёсати иқтисодии кишвар бояд бо тадбирҳои мушаххас, аз ҷумла сармоягузорӣ ба илм ва таҳқиқот, дастгирии стартапҳо, рушди кластерҳои инноватсионӣ ва татбиқи бештари рақамисозӣ мқсоидат хоҳад намуд. Масалан, экосистемаҳои инноватсионӣ маҷмуи мутобиқшудаи унсур ва сохторҳо мебошанд, ки фаъолияти якпорчаро дар самти тавлид, интиқол ва татбиқи инноватсия дар соҳаи саноат таъмин менамоянд. Вобаста ба ин, унсурҳои

калидии экосистемаи саноатии инноватсионӣ дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1.

Унсурҳои калидии экосистемаи саноатии инноватсионӣ

№	Унсурҳо	Тавсиф
1	Корхонаҳои саноатии инноватсионӣ	Нақши корхонаҳои саноатӣ дар ташкили экосистемаи инноватсионӣ муҳим арзёбӣ гардида, барои дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ ва технологияи муосир заминагузор мебошанд.
2	Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ	Донишгоҳҳо ва пажуҳишгоҳҳо дар рушди экосистема ҳамчун манбаи асосии дониш, ихтироъ ва технология хизмат намуда, мутахассисонеро омода мекунанд, ки қодиранд дар муҳити рақобатноки шаддиди саноатӣ фаъолият кунанд. Зеро рушди инноватсиониро бе захираи илмӣ ва кадрии устувор тасаввур намудан ғайриимкон аст.
3	Сармоягузорӣ ва фондҳои инноватсионӣ	Маълум аст, ки маблағгузорӣ ва сармоягузории устувор барои амалӣ шудани лоиҳаҳои инноватсионӣ бениҳоят зарур дониста мешавад. Ташкилотҳои молиявӣ ва қарзӣ на танҳо сармоя пешниҳод мекунанд, балки дар арзёбии таваккалҳо ва таҳияи механизмҳои бозгашти сармояҳо низ кумак мерасонанд.
4	Марказҳои инноватсионӣ ва технопаркҳо	Технопаркҳо ва марказҳои инкубатсионӣ барои рушди стартапҳо ва татбиқи технологияҳои муосир фазои мусоиди инфрасохторӣ фароҳам намуда, онҳо шабакаи дастгирии техникӣ, ҳуқуқӣ, бозорӣ ва машваратӣ фароҳам оварда, байни илм, истеҳсол ва сармоя фазои самараноки ҳамкориро таъмин мекунанд.
5	Стартапҳо ва корхонаҳои хурди инноватсионӣ	Стартапҳо одатан, аз ғояҳои нав ва технологияҳои пешрафта сарчашма гирифта, метавонанд бо истифода аз равишҳои ғайрианъанавӣ маҳсулот ва хидматҳои рақобатпазир таҳия намоянд, ки аксаран шарики муҳимми корхонаҳои бузург хоҳанд шуд.
6	Платформаҳои рақамӣ ва иттилоотӣ барои рушди истеҳсолоти инноватсионӣ	Дар равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ истифодаи технологияҳои рақамӣ аҳаммияти калон дошта, барои суръат бахшидани равандҳои тадқиқот ва таҷриба, ҳамоҳангсозии корҳо ва самаранокӣ мусоидат мекунанд. Маҳз барои рушди истеҳсолоти инноватсионӣ воситаи калидии рақобат дар бозори ҷаҳонӣ дониста мешаванд.
7	Захираҳои кадрӣ ва зеҳнӣ	Бо тақозои замон дар экосистемаи инноватсионӣ омили инсонӣ нақши калидӣ дошта, имконияти татбиқи инноватсияҳо аз мутахассисони дорои малакаҳои техникӣ ва зеҳнии баланд вобастагии калон дорад.
8	Ҳамкориҳои байналмилалии технологӣ ва рақамикунӣ	Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ҳамкории байналмилалӣ барои рушду татбиқи технологияҳои пешрафта, воридшавӣ ба бозорҳои нав ва истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ин равандҳо имкон медиҳанд, ки кишварҳо дар занҷири глобалии арзиш ҷойгоҳи устувор касб кунанд ва рақобатпазирии худро беш аз пеш таъмин намоянд.

Сарчашма: таҳия ва коркарди муаллифон.

Аз ҷадвали мазкур метавон хулоса намуд, ки дар Тоҷикистон экосистемаи саноатии инноватсионӣ то ҳол дар марҳалаи ибтидоии ташаккул қарор дорад. Ҳарчанд, ки таъсиси фондҳои давлатӣ, марказҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани стартапҳо дар бахшҳои рақамӣ ва кишоварзӣ ба назар мерасад, аммо дар соҳаҳои инфрасохтори техникӣ, ҳамкории илм ва истеҳсолот, захираҳои кадрӣ ва маблағгузорӣ дигар мушкилот боқӣ мемонад. Масалан, корхонаҳои саноатӣ асосан бо технологияҳои куҳна фаъолият доранд ва зарурати рақамикунии истеҳсолот ва ҷорӣ кардани технологияи муосирро беш аз пеш эҳсос мекунанд. Ҳамзамон, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таълимӣ аз имкониятҳои ҳамкорӣ бо бахши истеҳсолӣ пурра истифода намебаранд. Ё ин, ки стартапҳо ва соҳибкорони навовар ба мушкилоти дастрасӣ ба сармоя, машварати касбӣ ва бозори фурӯш дучор мегарданд. Бо дарназардошти ин, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва лоиҳаҳои минтақавӣ метавонанд ҳамчун омили муҳимми ҷалби таҷриба ва технологияҳои муосир дар ин самт таккони ҷиддӣ бахшад.

Алҳол дар кишвар барои рушди экосистемаи инноватсионӣ торафт зарурати ба дастгирии молиявии тадқиқот ва инноватсияҳо, баланд бардоштани сифати таълим ва рушди кадрҳои зеҳнӣ ва тавсеаи инфрасохторҳои инноватсионӣ пеш меояд. Дарвоқеъ, танҳо дар сурати мавҷудияти равандҳои ҳамоҳангшуда ва мутақобилан муфид, Тоҷикистон метавонад экосистемаи саноатии рақобатпазир ва устувори инноватсионӣ дар татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди устувор ташаккул дода шавад. Илова бар ин, саноатикунонии босуръати кишвар, рушди инноватсионии соҳаҳо ва бахшҳои иқтисоди миллӣ ҳамчун натиҷаҳои пешбинишавандаи “Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027” [3] қайд гардидааст, яъне татбиқи самараноки ин барнома ба пешбурди фаъолияти илмӣ ва таҳкими асосҳои истеҳсолоти муосир нигаронида шудааст.

Ба ақидаи пажуҳишгар Ю.Гришина: “Татбиқи инноватсияҳо яке аз омилҳои асосии афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва беҳдошти некӯаҳволии ҷамъият ба ҳисоб меравад” [22]. Албатта, ин боиси афзоиши самаранокии истеҳсолот, пастшавии хароҷот, афзоиши сифати маҳсулот ва таъмини бозор бо навгониҳои рақобатпазир мегардад. Ба ин сохторҳо муассисаҳои таҳқиқотӣ, корхонаҳои саноатӣ, бахши хусусӣ, ниҳодҳои давлатӣ, сармоягузорон ва дигар шарикони стратегӣ дохил мешаванд. Масалан, таҷрибаи кишварҳое чун Финландия, Кореяи Ҷанубӣ ва Сингапур нишон медиҳад, ки ташаккули экосистемаҳои мукаммал (бо ҳамгироии бахши давлатӣ, хусусӣ ва илмӣ) шарти асосии муваффақияти онҳо дар ин самт дониста мешавад. Яъне инноватсия ва саноат ҳар яке дар алоҳидагӣ наметавонанд ҷавобгӯйи тамоми талаботи рушди устувор бошанд. Танҳо

вақте ки онҳо дар шакли экосистемаи ҳамгирошуда фаъолият мекунанд, яъне бо ҳамкории муассисаҳои илмӣ, ширкатҳои истеҳсолӣ, ниҳодҳои давлатӣ, сармоягузорон ва марказҳои инноватсионӣ дар натиҷа, рушд бо суръат ва самаранокӣ ба вуқуъ мепайвандад. Ё ин, ки чунин системаҳоро як қатор кишварҳо татбиқ кардаанд (мисли Олмон бо модели "Industrie 4.0", Чин бо минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ва ё ИМА бо кластерҳои технологӣ), дар сатҳи ҷаҳонӣ рақобатпазирии баланд доранд ва ба таври устувор рушд мекунанд.

Бо такя ба нуктаҳои боло, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар пешбурди сиёсати иқтисодӣ барои рушди Тоҷикистон муфид мебошад. Имрӯзҳо нақши чунин экосистемаҳо дар таҳкими амнияти иқтисодӣ равшан ва бисёрсамта мебошад. Ба андешаи мо, "…пас аз бомуваффақият ҳал кардани масъалаҳои оғози фаъолият, бояд ба масъалаҳои сатҳи баландтар, яъне таъмини мавқеи рақобатпазирии корхона дар дурнамои дарозмуддат гузаштан лозим аст" [13].

Бинобар ин, мо бояд дарк намоем, ки ташкили экосистемаи саноатии инноватсионӣ–на як вазифаи ихтиёрӣ, балки як зарурати стратегии амнияти иқтисодӣ ва рушди устувори Тоҷикистон мебошад. Яъне онҳо бо коҳиши вобастагӣ аз воридот, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, афзоиши арзиши иловашудаи маҳсулоти миллӣ, рушди технологияҳои рақамӣ ва автоматикунонии истеҳсолот имкониятҳои нави рушди мустақил ва устувори иқтисодиро фароҳам меоранд. Дар робита ба ин, пажуҳишгар Ҷ.Неъмонов қайд менамояд, ки "…маҳз корхонаҳои хурди инноватсионӣ бояд сарчашмаи асосии пешравии саноат бошанд" [15]. Илова бар ин, ташкили ҷойҳои нави корӣ, дастгирии соҳибкории навоварона ва рушди захираҳои инсонии баландихтисос, ба таҳкими суботи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунанд.

Муҳимтарин омилҳои инноватсионии мезоиқтисодӣ ин муттаҳидсозии технологияҳои рақамӣ, эҷоди системаҳои истеҳсолии «зирак» ва рушди моделҳои нави тиҷорӣ мебошанд, В.Маричев ва Т.Красота [10] иброз медоранд. Яъне ҳамгироии ин омилҳо дар сатҳи мезоиқтисодӣ ба баланд гардидани рақобатпазирии кластерҳо ва минтақаҳои истеҳсолӣ, ташаккули муҳити инноватсионӣ ва тақвияти амнияти иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Алҳол таҳлили дақиқ ва фарогири омилҳои таъсиррасон ба экосистемаи саноатии инноватсионӣ, ки дар он омилҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ ворид мешаванд, барои таҳия ва амалӣ намудани стратегияҳои самарабахш бениҳоят муҳим мебошанд. Танзим ва таҳкими ин омилҳо имкон медиҳад, ки низоми инноватсия дар саноат устувор ва самаранок кор карда, дар навбати худ барои таъмини дарозмуддати амнияти иқтисодӣ ва рушди устувори мамлакат заминаи мустаҳкам фароҳам меоварад. Бе донистани равандҳои мураккаб ва

таҳлили амиқи омилҳои таъсиргузор, қонеъ кардани талаботи муосир ва мутобиқ шудан ба таҳдидҳои глобалӣ ғайриимкон мебошад. Маҳз таҳти таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла:

–якум, омилҳои институтсионалӣ ва сиёсати давлатӣ, ки қонунгузорӣ, ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва дастгирии молиявиро дар бар мегиранд, заминаи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии иноватсияҳоро ташкил медиҳанд;

–дуюм, омилҳои иқтисодӣ, аз қабили сармоягузорӣ, рақобатпазирӣ ва рушди кластерҳои саноатӣ, имкониятҳои молиявӣ ва бозориро фароҳам меоранд. Дар ин хусус, олимони ватанӣ: С.Комилов, Ш.Садикова, Д. Ҳодиев [6] ба таври мукаммал ибрози андеша намудаанд;

–сеюм, омилҳои технологӣ бо дастрасӣ ба технологияҳои нав ва рақамигардонӣ тавсеа меёбанд. Масалан, муҳаққиқ А.Сидорова ва дигарон иброз медоранд, ки "…дар ояндаи наздик саноати гармидиҳии тамоми шаҳрҳо, минтақаҳо ва кишварҳо танҳо аз ҷониби як ё ду оператор бо истифода аз иқтидорҳо ва технологияҳои зеҳни сунъӣ метавонад дар сатҳи каммасраф нигоҳ дошта шавад" [20];

–чорум, омилҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла малакаҳои кадрӣ ва ҳамкории субъектҳои гуногун, муҳити фароҳамовардаи иноватсияро таъмин менамоянд;

–панҷум, омилҳои экологӣ ва устуворӣ ба паст кардани таъсири манфии истеҳсолот ба муҳити зист ва истифодаи технологияҳои "сабз" равона шудаанд. Ин омилҳо бо ҳамдигар мутақобилан алоқаманд буда, экосистемаи инноватсиониро таҳким медиҳанд, ки ин барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувори саноат муҳим дониста мешавад.

Алҳол "Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025" [2] "… барои ташаккули фаъолияти инноватсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои саноат, дар амал ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, навсозӣ ва аз нав муҷаҳҳазгардонии техникии корхонаҳо ҳамчун омили асосии ҳалли мушкилиҳои дар боло зикршуда кӯмаки амалӣ хоҳад расонид.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити муосир идоракунии раванди рушди инноватсионии саноатӣ ба ду равиши асосӣ тақсим мешавад: анъанавӣ ва экосистемавӣ. Ҳар кадоме аз ин равишҳо хусусият ва афзалиятҳои хосси худро дорад, ки дар идоракунӣ ва натиҷаҳои инноватсионӣ таҷассум меёбанд. Бинобар ин, дар таҳқиқоти пажуҳишгар О.Чернова [21, 49] муқоиса миёни муносибати анъанавӣ ва муносибати экосистемавӣ дар идораи раванди рушди инноватсионӣ дар саноат ба таври муфассал дарҷ карда шудааст. Ба андешаи мо, дар идораи рушди инноватсионӣ муносибати анъанавӣ бештар ба фаъолияти дохилӣ ва идоракунии мустақили субъектҳои саноат такя мекунад. Ин равиш барои замони пешина ва шароитҳое, ки робитаҳои беруна кам будаанд, муносиб аст.

Аммо дар шароити муосир, ки технологияи рақамӣ ва ҷаҳонишавӣ равандҳоро метезонад, ин равиш метавонад маҳдудиятҳои худро нишон диҳад. Ба андешаи пажуҳишгар Н.А. Коновалова: "…Дар айни замон масъалаи таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ аҳамияти рӯзмарра пайдо намуда, инноватсия асоси таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатиро ташкил медиҳад" [8].

Алҳол, саноат яке аз соҳаҳои афзалиятнок, хусусан тавлидкунандаи асосии неъматҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, Ҳукумати кишвар ҳамеша барои таъмини рушди истеҳсолоти молӣ ва содироти маҳсулоти тайёри дорои арзиши баланди иловашуда бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хом ва коркарди пурраи онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, ки рушди соҳаи саноат дар нимсолаи аввали соли 2024-ум ва ҳамин давраи соли 2025-ум дар диаграммаи 1 нишон дода шудааст.

Диаграммаи 1.

Нишондиҳандаҳои рушди соҳаи саноат дар нимсолаи аввали соли 2024 ва соли-2025

(млн. сомонӣ)

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси маълумоти омории "Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ–июни соли 2024, саҳ. 14 ва "Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", январ – июни соли 2025, саҳ. 14. [4].

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои диаграммаи 1 муайян мегардад, ки дар нимсолаи аввали соли 2025-ум 3849 адад коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ дар кишвар мавриди фаъолият қарор доштанд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 269 адад бештар мебошад. Аз ҷумла дар соҳаҳои истихроҷи 351 адад (соли 2024-ум 327), коркард 3323 адад (соли 2024-ум 3081), таъмини неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 72 адад (соли 2024-ум 72) ва таъмини об ва коркарди партовҳо 103 адад (соли 2024-ум 100) фаъолият менамуданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар нимсолаи якуми соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ якҷо бо соҳибкорони хусусӣ ба 29617 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум ба

маблағи 790,2 млн. сомонӣ бештар мебошад ва ҳиссаи соҳа дар ММД – 17,4 дарсадро ташкил намуд. Суръати рушди соҳаи саноат асосан, аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷ ба андозаи 1,7 баробар, саноати коркард 5,0 дарсад, таъмини неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 13,2 дарсад, таъмини об, тозакунӣ, коркарди партовҳо 15,9 дарсад таъмин гардидааст.

Дар ин радиф, муносибати экосистемавӣ ба рушди муназзам ва ҳамоҳангшудаи субъектҳои гуногун дар доираи як экосистема такя мекунад, ки метавонад таъсири бештар ва устувор ба рушди саноат ва муҳити атроф расонад. Ин равиш барои саноати муосир, ки ба ҳамкории шабакавӣ ва истифодаи имкониятҳои ҷаҳонӣ ниёз дорад, мувофиқтар дониста мешавад. Чунки пешрафти инноватсионӣ ва рушди устувори саноатро танҳо тавассути ҳамгироии равишҳои анъанавӣ ва экосистемавӣ метавон таъмин намуд, ки ба ҳамгироии захираҳо, таҳкими ҳамкориҳо ва эҷоди муҳити мусоид барои инноватсия нигаронида шудааст. Ба андешаи мо, “ҳамгироии инноватсионӣ ба корхонаҳо имкон фароҳам меорад, ки бо истифода аз технологиҳои пешрафта ва тарҳҳои нав дар корхонаҳои худ, маҳсулоти нав ва равишҳои истеҳсолиро созанд. Дар натиҷа, инноватсия ба рушди коркард, навсозии маҳсулот ва паст кардани масраф (хароҷот) мусоидат намуда, ба ин васила, он эҷоди иқтидори нав барои устуворii экосистемаи саноатӣ ва мусоидат кардани рушди доимии соҳаҳои иқтисодӣ мебошад” [11]. Барои татбиқи инноватсия, тибқи “СМР–2030” метавон хулоса намуд, ки “сатҳи пасти ҳамкориҳои дохилисоҳавӣ, байнисоҳавию байниминтақавӣ ва ҳамгироӣ, рушд наёфтани муносибатҳои кластерӣ” [18], яке аз мушкилоти ҳалталаб боқӣ мемонад.

Тавре медонем, замони муосир аз мо талаб мекунад, ки дар асоси ҳамкорӣ, ҳамоҳангсозӣ ва якҷоягии иқтидорҳо рушди устувор ва рақобатпазирро таъмин намоем. Танҳо бо роҳандозии як низоми ҳамкории муназзам ва шабакаи кластерии рушдёфта мо метавонем ба рушди устувор, рақобатпазир ва инноватсионии иқтисоди миллӣ ноил гардем. Зеро ҳеч як соҳа ва ё минтақа наметавонад дар алоҳидагӣ ба рушди босубот ноил гардад, агар байни онҳо робитаи зич ва ҳамгироии муассир вуҷуд надошта бошад. Пас танҳо бо ташкили низоми ҳамкории муназзам ва рушди муносибатҳои кластерие, ки дар он илм, истеҳсолот, тиҷорат дар як фазои ягона ҳамкорӣ мекунанд, метавонад заминаи воқеии рақобатпазирии миллӣ, таҳкими амнияти иқтисодӣ ва пешбурди инноватсия дар иқтисодиёт фароҳам оварда шавад. Аз ин лиҳоз, дар Тоҷикистон татбиқи модели кластерии рушд ҳамчун воситаи тақвияти ҳамгироӣ ва самаранокгардонии равандҳои иқтисодӣ, барои мо на танҳо муҳим, балки ҳамчун дурнамои рушд мебошад.

Ба ақидаи пажуҳишгарон Е.Вишнягова ва И.Соловева: “Экосистемаи саноатӣ метавонад ҳамзамон, якчанд соҳаҳои гуногунро дар бар гирад, аз ҷумла кимиё, металлургия, мошинсозӣ, энергетика ва ғайра. Ҳамчунин, мумкин аст экосистема бо таваҷҷуҳ ба рақамисозӣ, технологияҳо ё як навъи маҳсулот дар доираи як гурӯҳи мушаххаси саноатӣ ташкил карда шавад” [5]. Аз нуқтаи назари мо, ташкили экосистема дар сатҳи корхонаи саноатӣ метавонад ба системаи принсипҳои ташкилӣ ва рушди экосистема асос ёбад. Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки хусусиятҳои ҳар як корхонаи алоҳида бодиққат арзёбӣ ва таҳлил шаванд, то механизми муассир ва мувофиқи татбиқи модели экосистемавӣ дар саноат хоҳ дар доираи як гурӯҳи саноатӣ бошад, хоҳ байни соҳаҳои ба ҳам алоқаманд интихоб гардад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Тоҷикистон рушди кластерҳои инноватсионӣ, аз ҷумла дар бахшҳои технологияҳои иттилоотӣ, биотехнология ва нанотехнология, ба сабаби норасоии маблағгузорӣ ва тамаркуз ба соҳаҳои анъанавӣ маҳдуд аст. Зарфияти (иқтидори) истеҳсолии риштаи пахта (78 ҳазор тонна) нисбат ба истеҳсоли воқеӣ (21,5 ҳазор тонна) истифода намешавад, ки сабабҳои он метавонанд норасоии ашёи хом, таҷҳизоти куҳна ва бозорҳои маҳдуд бошанд. Бо ташкили экосистемаи саноатии инноватсионӣ барои тақвияти рушди саноати ватанӣ ва нигоҳдории устувории соҳа, имкони афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва содирот мавҷуд мебошад. Пешбинӣ мешавад, ки то соли 2040 истеҳсоли риштаи пахта ба 158 ҳазор тонна расида, 7,3 маротиба афзоиш ёбад, ки дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 2.

Дурнамои истеҳсоли нахи пахта ва ришта дар Тоҷикистон то 2040, ҳазор тоннна, ба ҳисоби %,

Нишондиҳандаҳо	2015	2020	2021	2040, дурнамо	2040 /2015, бо %, б.ф.
Нахи пахта, ҳазор тонна	98,4	101,6	100,3	165,0	1,7 маротиба
Риштаи пахта, ҳазор тонна	4,9	17,9	21,5	158,0	32 маротиба
Коркард дар кишвар %	5,0	17,6	21,4	100,0	+95,0 б.ф.

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон мувофиқи “Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – С.58 [9]

Аз таҳлили ҷадвали 1 бармеояд, ки то соли 2040 истеҳсоли ришта барои ҳар нафар аҳолӣ дар Тоҷикистон ба 14,2 кг мерасад, ки кишварамонро дар ҷаҳон пас аз Ӯзбекистон, Покистон ва Туркия дар ҷойи чорум қарор медиҳад. Ин нишондиҳанда аз кишварҳои бо саноати пешрафтаи сабук, мисли Малайзия ва Ҳиндустон беҳтар мебошад. Бо

вуҷуди рақобати шадид аз кишварҳои калон, Тоҷикистон дар истеҳсоли ришта натиҷаҳои назаррас нишон дода, бо таъсиси кластерҳои бофандагӣ-дӯзандагӣ метавонад мавқеи худро дар бозори ҷаҳонӣ устувор созад ва истеҳсолкунандаи маҳсулоти баландсифати бофандагӣ гардад. Ин рушди кластерҳо ҳамчунин, ба афзоиши шуғл ва баланд шудани сатҳи тахассуси кадрҳои маҳаллӣ мусоидат мекунад.

Ҳамгироии технологияҳои инноватсионӣ ва ҷалби сармоягузорӣ заминаи устувори рушди соҳаи бофандагӣ ва саноати сабукро фароҳам меоварад, ҳарчанд, ки агрокластерҳо ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар ММД зиёд ва арзиши иловашудаи соҳаро баланд мекунанд. Дар ин замина, ташкили се агрокластери пахта–бофандагӣ дар Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар ба нақша гирифта шудааст ва дар 3–5 соли оянда се агрокластери иловагӣ дар минтақаҳои Турсунзода, Кӯлоб ва Данғара таъсис ёфта, то соли 2030 шумораи умумии кластерҳои нассоҷӣ–дӯзандагӣ ба 6 мерасад (ниг. ба ҷадвали 3). Ҳамин тавр, тадбирҳои мазкур заминаи рушди устувор ва рақобатпазирии саноати бофандагӣ дар Тоҷикистонро таъмин хоҳанд намуд.

Дар асоси таҳлили ҷадвали 2 маълум мегардад, ки таъсиси 6 кластери нассоҷӣ–дӯзандагӣ дар кишвар метавонад ба як таҳаввули ҷиддӣ дар рушди соҳаи саноати сабук ва иқтисоди миллӣ мусоидат намояд. Пеш аз ҳама, татбиқи ин иқдом имкон фароҳам меоварад, ки 135 400 ҷойи нави корӣ ташкил карда шавад. Ин нишондиҳанда на танҳо ба коҳиши сатҳи бекорӣ дар кишвар мусоидат мекунад, балки дар маҷмуъ, ба боло рафтани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва рушди иҷтимоӣ таъсиргузор мебошад.

Ҷадвали 3.

Ояндабинии ташаккули кластерҳои нассоҷӣ-дӯзандагӣ ва нишодиҳандаҳои рушди онҳо дар минтақаҳои Тоҷикистон дар давраи то соли 2030

Нишондиҳанд аҳо	**Кластерҳои нассоҷӣ-дӯзандагӣ**						
Макони ташаккул	**Кӯлоб**	**Қубодиён**	**Ҷалолиддини Балхӣ**	**Шаҳри Душанбе**	**Конибодом**	**Зафаробод**	**Ҳамагӣ**
Минтақаҳои вобасташуда	**Кӯлоб, Фархор Ҳамамдонӣ, Восеъ**	**Қубодиён, Шаҳритӯс, Н.Хисрав**	**Ҷалолиддин БалхӣБалхӣ, Ҷайҳун, Дӯстӣ**	**Шаҳринав, Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат, Рӯдакӣ**	**Конибодом, Ашт, Б. Ғафуров**	**Зафаробод, Спитамен, Ҷ.Расулов**	
Масоҳати замини кишти пахта, га	26100	16178	31546	3076	19749	26294	122943
Иқтидори солонаи корхонаи	31,9	19,8	38,6	2,7	24,1	32,1	149,2

пахтатозакунӣ, ҳаз. тн. нахи пахта							
Иқтидори солонаи корхонаи ресандагӣ, ҳаз. тн ресмон	27,1	16,8	32,8	2,3	20,4	27,2	126,6
Иқтидори солонаи матои пахтагӣ, млн. м^2	135,5	84	164	11,5	102	136	633
Маблағи сармоягузорӣ, млн. доллари ИМА	167	163,5	165,9	70,4	163,5	153	883,3
Ҳосилнокии пахта аз ҳар гектар, сентнер	35	35	35	35	35	35	35
Ҷамъоварии солонаи пахта, ҳаз. тн	91,3	56,6	110,4	10,8	69,1	92	430,2
Шумораи ҷойҳои корӣ, адад	25304	27624	26953	1553	27624	26342	135400

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамзамон, дар доираи ин кластерҳо ҳаҷми истеҳсоли риштаи баландсифат то 126,6 ҳазор тонна афзоиш хоҳад ёфт. Ин ба рушди минбаъдаи истеҳсоли матоъ ва маҳсулоти ниҳоии дӯзандагӣ заминаи боэътимод мегузорад. Дар ин замина, интизор меравад, ки то 633 миллион метри мураббаъ матои рақобатпазир истеҳсол карда шавад. Чунин ҳаҷми истеҳсолот на танҳо талаботи бозори дохилиро қонеъ хоҳад кард, балки имконияти густариши содироти маҳсулоти нассоҷиро ба кишварҳои хориҷӣ низ муҳайё месозад.

Қобили қайд аст, ки бо истифодаи инфрасохтори муҳайёшудаи кластерҳо ва иқтидори коркарди амиқ, истеҳсоли маҳсулоти тайёри дӯзандагӣ ба таври назаррас афзоиш хоҳад ёфт. Ин барои тақвияти занҷираи арзиши иловашуда ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои байналмилалӣ муҳиму муассир дониста мешавад. Бо дарназардошти омилҳои мазкур, ташкили кластерҳои нассоҷӣ-дӯзандагӣ метавонад ҳамчун як василаи муҳимми рушди иқтисоди инноватсионӣ ва саноати миллӣ хизмат намояд. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки рақобати иқтисодӣ торафт шиддат мегирад, чунин ташаббусҳо аҳамияти стратегӣ дошта, метавонанд ба рушди устувор ва амнияти иқтисодии кишвар такони ҷиддӣ бахшанд.

Дар шароити ноустувории стратегии ҷаҳонӣ ва тағйирёбии босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор барои Тоҷикистон аҳамияти ҳалкунанда дорад. Стратегияи саноатикунонии босуръат, ки аз ҷониби давлат пеш гирифта шудааст, ба ташаккули экосистемаи саноатии инноватсионӣ равона шудааст.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки экосистемаи саноатии инноватсионӣ яке аз унсурҳои калидии сиёсати иқтисодии ҳар як кишвари рӯ ба рушд ба шумор рафта, ба сифати яке аз василаҳои муҳими таҳкими рақобатпазирӣ ва тақвияти рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои соҳаи саноати коркард баромад мекунад. Ин раванд шароити мусоидро хусусан, дар миёнамуддат ва дарозмуддат, барои ҳамкории муассир миёни корхонаҳо, марказҳои илмию таҳқиқотӣ ва сохторҳои дастгирии давлатӣ фароҳам оварда, ба баланд гардидани сатҳи самаранокии истеҳсолот, ворид намудани технологияҳои нав ва афзоиши иқтидори содиротӣ мусоидат менамояд. Барои Тоҷикистон низ ин самт дорои аҳамияти хос аст, зеро рушди чунин экосистема метавонад дар таъмини амнияти иқтисодӣ, беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор нақши калидӣ бозад. Аз ин лиҳоз, бо тақозои замон таҳкими тадбирҳои амалӣ дар самти ташаккули чунин экосистема, афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаҳои илмӣ ва дастгирии инноватсияҳои миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2024, ш. Душанбе, [Захираи электронӣ] https://www.president.tj/event/missives/49225

2. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 аз 27 майи соли 2020, №293. – С. 37

3. Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, аз 31 августи соли 2023, № 417

4. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ – июн 2024, саҳ. 14 ва Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ – июни соли 2025, саҳ. 14.

5. Вишнягова Е.А. Экосистема как механизм устойчивого развития промышленности / Е.А. Вишнягова, И.А. Соловьева // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия: Экономика и менеджмент. – 2022. – Т. 16, № 1. – С. 62-76. – DOI 10.14529/em220106. – EDN LDKESV

6. Комилов С.Ҷ. Рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ: ҷанбаҳои институтсионалӣ. Монография / С.Ҷ. Комилов, Ш.К. Садикова, Д.А. Ҳодиев. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2025. – 184 с. – С.106.

7. Комилов С.Д. Совершенствование управления инновационным развитием золотодобывающих предприятий / С.Д. Комилов, Б.К. Шарипов, Ш. Сафар. Монография.–Душанбе, филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в г. Душанбе, 2024. – 212 с. –С. 47

8. Коновалова Н.А. Инновации - главный фактор устойчивого развития предприятий промышленности / Н.А. Коновалова // Инновации в экономике, науке и образовании: концепции, проблемы, решения: Материалы международной научно-методической конференции, Брянск, 19–20 марта 2014 года. – Брянск: Издательство Брянской ГСХА, 2014. – С. 49-52. – EDN TVZESH

9. Маҷмуаи оморӣ. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – С. 58

10. Марычев В.Я. Доминирующие факторы инновационной мезоэкономики в условиях «Индустрия 4.0» / В.Я. Марычев, Т.Г. Красота // Проблемы развития современного общества: Сборник научных статей 10-й Всероссийской национальной научно-практической конференции. В 4-х томах, Курск, 23–24 января 2025 года. – Курск: ЗАО "Университетская книга", 2025. – С. 289-292.

11. Муртазозода О. Ҳамгироии инноватсионӣ ҳамчун омили ташаккули экосистемаи саноатӣ / О. Муртазозода // Маҷаллаи “Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният”. – 2025. – № 1(13). – С. 114–128.

12. Муртазозода О. Нақши инноватсия дар коҳиши хатарҳои иқтисодӣ / О. Муртазозода, З.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – № 2(57). – С. 61-72.

13. Нуриддинзода А.Н. Таъмини рақобатпазириикорхонаҳои саноатӣ: шароитҳо, олмилҳо ва принсипҳо / А.Н. Нуриддинзода // Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”, 2022. – № 4 (80). – С.183-193.

14. Нурализода Н. Инноватсионикунонии соҳаи саноат - омили муҳими рушди иқтисодиёти мамлакат / Н. Нурализода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – No. 2(67). – P. 107-110. – EDN ZXOEPG.

15. Неъмонов Ҷ.М. Масоили рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷ.М. Неъмонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – №. 1(51). – 32.

16. Раҳимзода Ш.М. Сиёсати иқтисодӣ: моҳият ва роҳҳои пешбурди он / Ш. М. Раҳимзода // Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон”. – 2024. – № 1. – С.14-24

17. Рогова А.А. Инновации в двигателестроении: новый уровень развития промышленности / А.А. Рогова // Фундаментальные и прикладные научные исследования: актуальные вопросы современной науки, достижения и инновации: Сборник научных статей по материалам XVII Международной научно-практической конференции, Уфа, 27 мая 2025

года. – Уфа: Общество с ограниченной ответственностью "Научно-издательский центр "Вестник науки", 2025. – С. 63-66. – EDN UDSTEB

18. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, аз 1 декабри соли 2016. - №636. – С. 62

19. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш дар санаи 01 сентябри соли 2023, ноҳияи Данғара (санаи мурочиат 29.10.2024) [Захираи электронӣ] https://www.president.tj/event/domestic_ trips/35598

20. Сидорова А.С. Урбанизация и энергетическая эффективность жилищного сектора / А.С. Сидорова, И.В. Костюченко, О.Г. Любская // Интеграция науки, производства, промышленности и инноваций: Сборник статей всероссийской научной конференции, Петрозаводск, 07 ноября 2024 года. – Санкт-Петербург: ООО "Международный институт перспективных исследований им. Ломоносова", 2024.–С. 10-13.–DOI 10.58351/241107.2024.68.95.003. – EDN KBAHYG

21. Чернова О.А. Экосистемный подход к управлению процессами инновационного развития промышленности / О.А. Чернова, Л. Г. Матвеева, Г. В. Горелова // Journal of New Economy. – 2021. – Т. 22, № 2. – С. 44-64.

22. Grishina Y.I. Management of innovations in industry / Y.I. Grishina // 22–23 апреля 2024 года, 2024. – С.155-158

РОЛЬ ПРОМЫШЛЕННОЙ ИННОВАЦИОННОЙ ЭКОСИСТЕМЫ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,
кандидат экономических наук, доцент, первый заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел.:(+992 37) 221-41-63; e-mail: oraz-2009@mail.ru

НУРИДДИНЗОДА АХЛИДДИН НУРИДДИН,
кандидат экономических наук, заместитель Министра экономического развития и торговли Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 78;
тел: (+992) 777-17-18-18; e-mail: nuriddinzodaahliddin@gmail.com

Инновационная промышленная экосистема в условиях глобальной стратегической нестабильности выступает не только как важный фактор экономического развития, но и как ключевой инструмент обеспечения экономической безопасности и национальной устойчивости государства. В настоящее время инновационная промышленная

экосистема, являясь главным двигателем экономического развития и прочной опорой экономической безопасности, может предоставить странам с развивающейся экономикой, в том числе Таджикистану, уникальную возможность для формирования новой экономической модели.

Решение задач обеспечения экономической безопасности и устойчивого развития в Таджикистане невозможно без опоры на полноценную инновационную промышленную экосистему. Данная система должна рассматриваться как главный двигатель национального экономического роста, повышения технологической независимости и защиты стратегических интересов. В связи с этим целью настоящего исследования является изучение роли инновационно-промышленной экосистемы в обеспечении экономической безопасности и устойчивого развития. Изучение данной проблемы и разработка механизмов её реализации в условиях страны имеют научное, теоретическое и практическое значение.

При этом авторы отмечают, что вопрос внедрения инноваций для повышения эффективности деятельности предприятий полного цикла и в технологической модернизации существующих предприятий, а также содействия инновационным технологиям, создания благоприятных условий для привлечения прямых инвестиций и обеспечения отрасли высококвалифицированными кадрами в этом направлении должен быть усилен.

Ключевые слова: *обеспечение экономической безопасности, устойчивое развитие, ускоренная индустриализация страны, промышленная экосистема, реализация инновационных проектов, формирование целостных экосистем, эффективность, инновационная интеграция, стратегия, конкурентоспособность отечественной продукции, предпринимательство, инновационные кластеры.*

THE ROLE OF INDUSTRIAL INNOVATION ECOSYSTEM IN ENSURING ECONOMIC SECURITY AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT

MURTAZOZODA ORAZ,
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, First Deputy Director of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992 37) 221-41-63; e-mail: oraz-2009@mail.ru

NURIDDINZODA AHLIDDIN NURIDDIN,
Candidate of Economic Sciences, Deputy Minister of

Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 78;
tel.: (+992) 777-17-18-18; e-mail: nuriddinzodaahliddin@gmail.com

In the context of global strategic instability, an innovative industrial ecosystem acts not only as an important factor in economic development, but also as a key instrument for ensuring economic security and national sustainability of the state. At present, the innovative industrial ecosystem, as the main driver of economic development and a solid foundation for economic security, can offer developing countries, including Tajikistan, a unique opportunity to shape a new economic model.

The solution to the problem of ensuring economic security and sustainable development in Tajikistan is impossible without relying on a full-fledged innovative industrial ecosystem. This system should be considered as the main engine of national economic growth, increasing technological independence and protecting strategic interests. In this regard, the aim of the present study is to examine the role of the innovative industrial ecosystem in ensuring economic security and sustainable development. The study of this problem and the development of mechanisms for its implementation in the country's conditions have scientific, theoretical and practical significance.

At the same time, the authors note that the issue of introducing innovations to improve the efficiency of full-cycle enterprises and in the technological modernization of existing enterprises, as well as promoting innovative technologies, creating favorable conditions for attracting direct investment and providing the industry with highly qualified personnel in this area should be strengthened.

Keywords: *ensuring economic security, sustainable development, the country's rapid industrialization process, industrial ecosystem, implementation of innovative projects, formation of complete ecosystems, efficiency, innovative integration, strategy, competitiveness of domestic products, enterprise, innovative clusters.*

УДК: 336.71:004.738.5(575.3)

ПАРДОХТПАЗИРИИ БОНК ДАР РАВАНДИ ГУЗАРИШ БА ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

СОЛЕҲЗОДА АШУРБОЙ АБДУВОҲИД,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734042, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 901-60-70-70; e-mail: ashurboy@mail.ru

БОЗОРОВ БАХТИЁР РАҲМОНАЛИЕВИЧ,
докторант аз рӯйи ихтисоси Ph.D-и иқтисодиёти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734067, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Нахимов 64/14;
тел.: (+992) 987-61-94-94; e-mail: bozorov.b93@mail.ru.

Дар мақола муаллифон аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ масъалаҳои пардохтпазирии бонкҳоро баррасӣ карда, омилҳои ба он таъсиррасон, ақидаи олимони ватанию хориҷӣ, равияҳои мавҷуда дар таҳқиқи ин нишондиҳанда дар шароити имрӯзаро мавриди арзёбӣ қарор додаанд. Дар баробари баррасии омилҳои ба пардохтпазирӣ таъсиррасон, ба низоми пардохтҳои электронӣ, воситаҳои пардохти муосир ва пардохтҳои ғайринақдӣ диққати аввалиндараҷа дода шуда, аҳаммияти онҳо дар рушди низоми бонкӣ дар умум, дарҷ шудаанд.

Дар мақола аҳаммияти фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва эълон шудани солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия ба рушди ояндаи низоми бонкӣ дар кишвар, аз ҷумла баланд шудани сатҳи пардохтпазирии онҳо, нишон дода шудааст. Муаллифон бо истифода аз омори бонкӣ вусъатёбии ин равандро дар кишвар таҳлил намуда, исботи авҷ гирифтани рақамикунонии соҳаи бонкӣ ва низоми пардохтҳои ғайринақдӣ нишон дода шудаанд.

Дар ин мақола сабабҳои пайдоиши мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар самти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ба таври муфассал баён шудаанд, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Калидвожаҳо: *рақобати бонкӣ, пардохтпазирӣ, ташкилоти қарзии молиявӣ, дороиҳо, уҳдадориҳо, эътимод ва имиҷи ташкилот, меъёрҳои макропруденсиалӣ, диверсификатсияи хизматрасонии бонкӣ, воситаҳои пулӣ, пардохти ғайринақдӣ, пардохти электронӣ, рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ, менеҷменти бонкӣ.*

Дар шароити шадидшавии рақобат байни ташкилотҳои қарзӣ нишондиҳандаи пардохтпазирӣ нақши муҳимро бозида, барои муайян кардани мавқеи ташкилот аз тарафи мизоҷон ва ташкилотҳои байналхалқӣ мувофиқ арзёбӣ мегардад.

Дар бисёр луғатҳои иқтисодӣ мафҳуми пардохтпазирӣ қариб ки монанданд. Тибқи ақидаи пажуҳишгар А.Азрилиян, “пардохтпазирӣ қобилияти давлат, шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ доир ба саривақт ва пурра иҷро кардани уҳдадориҳои пардохтӣ, ки натиҷаи он аз тиҷорат, қарзҳо ва дигар амалиёти хислати пулидошта иборат аст, ба ҳисоб меравад” [2]. Ба монанди ин, чи тавре муҳаққиқ А.Борисов қайд менамояд, “пардохтпазирӣ–имконияти давлат, шахсони ҳуқуқиву воқеӣ доир ба саривақт ва дар ҳаҷми пурра уҳдадориҳои пулии худро аз тиҷорат, қарзҳо ва дигар амалиёти гуногун иборат мебошад, дар бар мегирад” [3]. Тибқи ақидаи олимони ватанӣ Н. Ашӯров ва И. Лалбеков, “пардохтпазирии бонк – аз рӯйи уҳдадориҳои молиявӣ дар ҳолатҳои зарурӣ ҷавоб додани он аст, яъне қонеъ намудани талаботи муштариёне, ки амонат ва пасандозҳои худро талаб менамоянд ва бонк бояд дарҳол ин талаботро қонеъ карда тавонад”. Ба таври умум, ин таъриф хеле фаҳмо ва сода аст.

Бонк ин амалро дар ҳолате иҷро карда метавонад, ки сармояи хусусуиаш кифоя ва ҷобаҷогузории дороиҳоро мувофиқи муҳлати амонат ва пасандозҳо ба роҳ монда бошад. Бинобар ин, барои таъмини пардохтпазирӣ бонк бояд таносуби се омили асосӣ–сармояи хусусӣ, воситаҳои пулии ҷалбшуда ва ҷобаҷогузории онҳоро риоя намояд [1]. Пажуҳишгарон А. Хонҷонов ва Б. Шарипов низ ба ҳамин монанд мафҳуми пардохтпазирии бонкро шарҳ додаанд [6].

Бо мақсади таъмини саривақтии пардохтпазирии бонк, зарурат пеш меояд, то дороӣ ва уҳдадориҳои бонк ба таври сифатнок диверсификатсия карда шаванд. Диверсификатсияи дороиҳо чун меъёри сифати онҳо истифода шуда метавонад, ки он дараҷаи тақсимоти захираҳои бонкро дар бахшҳои гуногуни дахлдор нишон медиҳад.

Дараҷаи пардохтпазирии ягон дороӣ бо табдилёбии осони ҳамин дороӣ ба шакли пулӣ, инчунин, бо қобилияти бетағйир нигоҳ доштани арзиши номиналии худ муайян мегардад. Аз рӯйи дараҷаи пардохтпазирӣ дороиҳои бонк ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд (ниг. ба ҷадвали 1):

Ҷадвали 1.

Дараҷаи пардохтпазирии дороиҳои бонк

Дороиҳои бонк	Дороиҳои пардохтпазириашон баланд		- воситаҳои пулӣ дар хазина ё дар суратҳисобҳои муросилотӣ; - амонатҳое, ки дар Бонки миллӣ ҷойгир карда шудаанд; - коғазҳои қиматноки давлатӣ; - вомбаргҳои эмитентҳои аввалиндараҷа

	Дороиҳои пардохтпазир		- қарзҳои кӯтоҳмуддат ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ; - қарзҳои байнибонкӣ; - амалиётҳои факторингӣ; - коғазҳои қиматноки корпоративӣ
	Дороиҳои пардохтпазирии дарозмуҳлат		-сармоягузориҳои дарозмуҳлат ва сармоягузориҳои бонк, аз ҷумла: - қарзҳои дарозмуҳлат; - амалиёти лизингӣ; - коғазҳои қиматноки сармоягузорӣ
	Дороиҳои пардохтпазириашон паст ва пардохтнопазир		- қарзҳои муҳлатгузашта; - баъзе навъҳои коғазҳои қиматнок; - биною иншоот

Таҳияи муаллифон.

Аз ҷадвали 1 дида мешавад, ки аз рӯйи дараҷаи пардохтпазирӣ чор гурӯҳи дороиҳои бонкро фарқ мекунанд: дороиҳои пардохтпазириашон баланд, дороиҳои пардохтпазир, дороиҳои пардохтпазириашон дарозмуҳлат, дороиҳои пардохтпазириашон паст ва пардохтнопазир. Дороиҳои пардохтпазирии баланд – дороиҳое мебошанд, ки фавран барои иҷрои уҳдадориҳои бонк истифода бурда мешаванд, ё дар наздиктарин фурсат ва бо камтарин хароҷоти фурӯш ба воситаҳои пулӣ табдил меёбанд. Дар сатҳи муайян нигаҳ доштани ҳаҷми гурӯҳи якуми дороиҳо шарти ҷудонашавандаи таъмини пардохтпазирии бонк мебошад. Ҳиссаи бештари гурӯҳи зикршудаи дороиҳои пардохтпазир (захираҳои ибтидоӣ ва иловагӣ) ба бонкҳое зарур мебошад, ки амонатҳои зиёд ва ноустувор доранд, ё афзоиши талабот ба қарз дар назар дошта шудааст.

Дороиҳои пардохтпазир–дороиҳое мебошанд, ки дар 30 рӯзи наздиктарин ба воситаҳои пулӣ табдил ёфта метавонанд. Фурӯши пеш аз муҳлати дороиҳои пардохтпазириашон дарозмуҳлат бошад, душвор мебошад: маъмулан, онҳоро на пештар аз ду моҳ ва бо хароҷоти зиёд (то 20% аз арзиши онҳо) ба воситаҳои пулӣ табдил додан мумкин аст. Фурӯши дороиҳои пардохтпазириашон паст ва пардохтнопазир бошад, хеле душвор мебошад. Бозори чунин дороиҳо бо бозори бимаи (суғуртаи) қарзҳо ва пасандозҳо алоқаманд буда, арзиши хизматрасониҳои онҳо баланд аст. Дар як қатор мавридҳо дар кишварҳои рӯйи ба пешрафт чунин бозори хизматрасонӣ вуҷуд надорад, ё хеле маҳдуду гарон аст.

Ҳар бонк хароҷотеро, ки ба ғайр аз додани фоизҳои пасандозҳо сурат мегирад, бояд таҳти назорат гирад, зеро кам кардани масраф боиси нигоҳ доштани пардохтпазирӣ ва даромад мегардад [6].

Ҳар қадар пардохтпазирии дороиҳо камтар бошад, ҳамон андоза хавфнокии онҳо зиёдтар аст, яъне имкони талаф ҳангоми ба воситаҳои пулӣ табдил додани дороиҳо ва хавфи барнагардонидани маблағҳои додаи бонк аз эҳтимол дур нест.

Ҳар қадар хавфи маҷмуии дороиҳои бонк баландтар бошад, ҳамон андоза пардохтпазирии бонк пасттар аст. Дараҷаи хавфи дороиҳо ба омилҳои зиёде вобастагӣ дорад, ки барои ҳар як навъи онҳо ҳолати молиявӣ хос аст: барои қарзҳои қарзгиранда – сифати таъминот, ҳаҷми қарз, тартиби додани қарз ва пардохти он, устувории молиявии эмитент ва ғайра; барои сармоягузориҳо бо коғазҳои қиматнок – шартҳои бароориш ва гардиш, нархгузорӣ дар биржа ва ғайра.

Хавфи дороиҳои бонк аз даромаднокии онҳо вобаста аст: ҳар қадар дараҷаи хавфи ягон дороӣ баландтар бошад, бонк метавонад, ки ҳамон андоза нархи баланд (меъёри фоизӣ)-ро барои он муқаррар намояд. Даромаднокии дороиҳо чун меъёри сифат қобилияти даромаднокии онҳоро инъикос намуда, ҳамин тавр, барои рушди бонк ва устувории пойгоҳи сармоявии он сарчашма муҳайё месозад. Ҳар қадар ҳиссаи дороиҳои даромаднок зиёдтар бошад, бонк ҳамон қадар дар дигар шароитҳои баробар даромади (фоидаи) бештар ба даст меорад ва бинобар ин, имкони устувор гардонидани пойгоҳи сармоявии худро таъмин карда метавонад. Аммо афзоиши даромаднокӣ қариб ҳама вақт ба зиёдшавии хавф ва коҳиши пардохтпазирӣ вобастагӣ дорад.

Ҳар қадар дороиҳо бештар диверсификатсия шуда бошанд, ҳамон андоза пардохтпазирии бонк аз сатҳи хавф пасттар аст. Омили муҳиме, ки дараҷаи пардохтпазирии бонкро муайян менамояд, сифати маблағҳои ҷалбшуда мебошад, ба монанди қарзи байнибонкӣ, ки он то ҳадди муайян барои пардохтпазирӣ таҳдидовар нест, баръакс, он рафъи норасоии кӯтоҳмуддати маблағҳои пардохтпазирро имконпазир мегардонад. Агар қарзи байнибонкӣ дар захираҳои ҷалбшуда мавқеи асосӣ дошта бошад, он гоҳ вазъи номусоид дар бозори байнибонкӣ ба шикасти бонк боис шуда метавонад.

Пардохтпазирӣ ба даромади бонк таъсири бевоситаи худро расонида, сиёсати бехавфро интихоб карда, дороиҳои худро зиёд менамояд ва дар асоси он пардохтпазирии худро беҳтар мекунад [4].

Дар аксари кишварҳо, барои таҳлили устувории молиявии бонкҳо, системаи “CAMELS” ё системаи коэффисентҳои миллии таҳлилии дар асоси он таҳияшуда истифода мешаванд. Системаи “CAMELS” 6 категорияи устувории бонкро дар бар мегирад: C – кифоятии сармоя; A– сифати дороиҳо; M – эътимоднокии назорат; E – фоида, L – пардохтпазирӣ, S – ҳассосият ба хавфи бозор.

Муайян кардани мушкилии боло бурдани пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ аз тарафи пажуҳишгар Е.Золотарева истифода кардани модели хавфи амалиётӣ пешниҳод карда шуд, ки бо истифода аз усули “Bayesian approach” барои баҳодиҳии талафи эҳтимолии бонк дар ҳолати норасоии маълумоти оморӣ истифода мегардад. Муаллиф истифодаи равия “Bayesian

approach” барои дарёфти параметрҳои тақсимоти тасодуфӣ моделсозии хавфи амалиётӣ истифода намуд [5, 69].

Пажуҳишгар П.Малишев қайд мекунад, ки пардохтпазирии ҳар як бонк асосан аз рӯйи тамоюлҳое, ки дар идоракунии захираҳои асъории бонкҳо ташаккул ёфтаанд, муайян карда мешавад. Дар байни онҳо диверсификатсия аз рӯйи навъи воситаҳо ва портфелҳои дорои сатҳҳои гуногуни даромад ва хавфи сармоягузорӣ; кам шудани ҳиссаи дороиҳои доллар бинобар ноустувории онҳо; баланд бардоштани шаффофияти иттилооти Бонки марказӣ дар бораи захираҳои асъорӣ [5, 70].

Таҳлили макропруденсиалӣ ва нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ дар мақолаи муҳаққиқ С. Хасянова [7] тавсифи вазъи макроиқтисодии бахши бонкии иқтисодиёт ва шартҳои фаъолияти онро дар бар мегирад. Таҳлили микропруденсиалӣ барои омӯхтани вазъи молиявии ташкилоти қарзии алоҳида, аз ҷумла дар муқоиса бо гурӯҳи ташкилотҳои монанд, истифода мешавад ва имкон медиҳад, ки фарқи назаррас дар арзишҳои нишондиҳандаҳо муайян гардад.

Ба яке аз омили дохилие, ки дараҷаи пардохтпазирии бонк аз онҳо вобаста аст, менеҷмент мебошад, яъне низоми идораи фаъолияти бонк дар маҷмуъ ва идораи пардохтпазирӣ дар алоҳидагӣ. Сифати идораи бонк бо талаботи зерин муайян мегардад: мазмуни сиёсати бонк; сохтори дурусти ташкилӣ, ки ҳалли масъалаҳои стратегӣ ва ҷориро имконпазир мегардонад; механизми идораи дороиҳо ва қарзҳои (пассивҳои) бонк; муназзамии расмиёт, аз ҷумла расмиёте, ки ба қабули қарорҳои муҳим дахл дорад.



Расми 1. Омилҳои дохилӣ ба пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ таъсиррасон

Аз расми 1 дида мешавад, ки пойгоҳи пуркуввати сармоя ҳамчун омили асосии таъмини мизоҷон бо воситаҳои пулӣ мебошад. Аз дигар тараф қайд кардан бамаврид аст, ки то чӣ андоза воситаҳои худии бонк зиёд бошад, ҳамон андоза пардохтпазирии бонк таъмин карда мешавад.

Сатҳи баланди менеҷмент мавҷудияти мутахассисони соҳибихтисос, ташкили пойгоҳи зарурии иттилоотӣ ва аз ҳама асосӣ, аз тарафи роҳбарияти бонк дарк гардидани муҳиммияти ташкили низоми илман асосноккардашудаи идораи фаъолияти бонкро пешбинӣ менамояд. Дар ин низом дар замони муосир мавқеи технологяи рақамӣ ва истифодаи васеи он дар ҳама амалиёти бонкӣ ва истифодаи пулҳои электрониву ҳамёнҳо ва дигар воситаҳои пулии муосир ниҳоят калон мебошад. Аз шурои директорон ва менеҷменти бонк тақозо менамояд, ки ҳамқадами замон буда, аз низомҳои пешрафтаи пешбурди фаъолияти бонкӣ дур набошанд.

Ба қатори омилҳое, ки ба таъмини пардохтпазирии бонк вобастаанд, имиҷи он низ дохил мешавад. Имиҷи мусбати бонк дар назди бонкҳои дигар ҷиҳати ҷалби захираҳо ба он афзалият бахшида, ҳамин тавр, зуд бартараф намудани норасоиҳоро дар маблағҳои пардохтпазир имконпазир мегардонад. Бонки некном устувории пойгоҳи амонатии худро ба осонӣ таъмин менамояд. Он имкон медиҳад, ки бо мизоҷони аз ҷиҳати молиявӣ устувор ҳамкорӣ ба роҳ монда шавад, яъне сифати баландтари дороиҳо таъмин карда шавад. Имиҷи аввалиндараҷаи бонк тақвияти робитаҳоро бо шарикони хориҷӣ имконпазир гардонида, ба устувории ҳолати молиявӣ ва пардохтпазирии бонк мусоидат менамояд. Ташкили имиҷи мусбати бонк раванди мураккаб буда, инҳоро фаро мегирад: интихоби дурусти стратегияи рушд; баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон; тақвияти таҳқиқоти маркетингӣ; ташкили рекламаи муътамаду мунтазам ва густурда, ба роҳ мондани робита бо ҷомеа; таъмини дастрасии маълумот дар бораи фаъолияти худ, аз ҷумла тавассути нашри ҳисоботҳо, истифодаи васеи технологияи рақамӣ ва технологияи молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Бонке, ки дар вазъиятҳои буҳронӣ пардохтпазирии худро зуд ва осон барқарор намудан мехоҳад, бояд фаъолона ва мақсаднок ба ташкили имиҷи мусбати худ, бахусус, бо пешниҳоди хизматрасониҳои рақамӣ, машғул шавад, ки он дар шароити кунуни яке аз роҳҳои асосӣ барои расидан ба фаъолияти пурсамари бонк мебошад.

Ҳолати пардохтпазирии бонк низ ба як қатор омилҳои берунӣ вобаста аст, ки берун аз фаъолияти бонк қарор доранд. Онҳо дар расми 2 тасвир шудаанд.



Расми 2. ***Омилҳои берунии ба пардохтазирии бонки тиҷоратӣ таъсиррасон***

Аз расми 2 дида мешавад, ки ба қатори омилҳои берунӣ вазъи умумии сиёсию иқтисодӣ дар кишвар дахл дорад. Он барои рушди амалиёти бонкӣ ва фаъолияти муваффақи системаи бонкӣ замина фароҳам оварда, устувории асосҳои иқтисодии фаъолияти бонкҳоро таъмин намуда, эътимоди сармоягузорони ватанӣ ва хориҷиро ба бонкҳо тақвият мебахшад. Бонкҳо бидуни шартҳои зикршуда барои ташкили пойгоҳи устувори амонатӣ, таъмини даромаднокии амалиёт, инкишофи воситаҳо, баланд бардоштани дороиҳо ва такмили системаи идора қудрат надоранд. Рушди бозори коғазҳои қиматнок таъмини варианти мувофиқи ташкили воситаҳои пардохтпазирро бе талафи фоида имконпазир мегардонад, зеро роҳи аз ҳама зуд ва осони ба воситаҳои пулӣ табдил додани дороиҳои бонк дар бисёр кишварҳои хориҷӣ ба фаъолияти бозори фондӣ вобаста аст.

Барои муайян кардани сатҳи пардохтпазирии ҷорӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тавассути меъёрҳои муайяншуда танзим карда мешавад.

Бо мақсади назорати вазъи пардохтпазирии ҷории ташкилоти қарзӣ меъёри пардохтпазирии ҷорӣ муқаррар карда мешавад.

Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К2–1) ҳамчун ҷамъи пули нақд, ҳисобҳои мукотибавӣ ва дороиҳои пардохтпазири ташкилотҳои қарзӣ то 30 рӯзи наздик нисбат ба амонатҳои дархостшаванда, таҳвили пулӣ, уҳдадориҳои муҳлаташон то 30 рӯзи наздик муқаррар карда мешавад:

$$К2\text{-}1 = \frac{ДП}{УК} \times 100\%,$$

ки дар ин ҷо: ДП – дороиҳои пардохтпазир, яъне ҷамъи ҳисобҳои тавозунӣ.

УК – амонатҳои дархостшаванда ва уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат, яъне ҷамъи ҳисобҳои тавозунӣ.

Меъёри пардохтпазирӣ (К2–1) ба андозаи на камтар аз 30% муқаррар карда мешавад [8, 12–13].

Бо мақсади беҳтар кардани сатҳи пардохтпазирии бонкҳо зарурат пеш омад, то ҳисобаробаркуниҳои ғайринақдӣ зиёд шавад ва аз ҷониби аҳолӣ талабот ба пули нақдро кам карда, бо ин васила ҳаҷми пули зиёдатии дар муомилотбуда гирифта шавад. Дар Тоҷикистон ин навъи пардохтҳо дар солҳои охир бо суръат рушд мекунад, ки ба пешрафти технология, афзоиши дастрасӣ ба хидматҳои бонкӣ ва талошҳои ҳукумат барои рақамикунонии иқтисодиёт вобаста аст.

Барои ташкилоти қарзии молиявӣ зиёд кардани пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз воситаҳои муосири рақамӣ барои пардохтпазирӣ мусоид аст. Маҳз Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ” барои баланд бардоштани сатҳи эътимоднокӣ ва рақобатпазириву пардохтпазирии бонкҳо ҳамчун омили беруна такони ҷиддӣ мебахшад [11].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ба аҳолии кишвар фароҳам овардани имконият барои ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани ҳаққи хизматрасониҳои корхонаҳои давлатӣ, пардохтҳои андоз, ҷарима, боҷу хироҷ ва дигар пардохтҳои давлатӣ бо истифодаи воситаҳои муосири пардохтҳои электронӣ тибқи ин Фармон чораҳои таъхирнопазирро андешида истодаанд.

Маҳз бонкҳое, ки имрӯз ҷиҳати зиёд намудани пардохти ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои электронӣ қадами устувор гузошта истодаанд, дар рақобати байнибонкӣ устувор боқӣ монда истодаанд.

Яке аз ҳадафҳои Бонки миллии Тоҷикистон мусоидат ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо ин мақсад дар давоми соли 2023 дар қаламрави ҷумҳурӣ тавассути роҳҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ (дохилибонкӣ, тавассути муносибатҳои мустақими муросилотӣ ва тавассути суратҳисоби муросилотии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда) 395,9 млн пардохтҳо ба маблағи 1 705,8 млрд сомонӣ амалӣ гардиданд. Шумораи пардохтҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 46,8% ва ҳаҷми пардохтҳо 8,4% афзоиш ёфтаанд [9].

Диаграммаи 1.

Маълумот доир ба пардохтҳои дар низоми бонкӣ амалигашта



Сарчашма: *Сомонаи БМТ ва ҳисобҳои муаллифон.*

Тибқи маълумоти оморӣ ба санаи 31 декабри соли 2023 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби 24 ташкилоти қарзии молиявии ватанӣ 6,7 млн адад кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шуда, нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин санаи соли 2022 ба андозаи 32,6% зиёд мебошад [9].

Диаграммаи 2.

Афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ (млн. адад)



Сарчашма: *Сомонаи БМТ ва ҳисобҳои муаллифон.*

Татбиқи технологияи интиқоли маблағҳои электронӣ – яке аз тамоюлҳои нави хизматрасониҳои пардохтӣ дар низоми бонкии ватанӣ мебошад. Ба санаи 31 декабри соли 2023 теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии 21 ташкилоти қарзии молиявӣ 8,7 млн ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли 2022 2,4 млн. адад (37,6%) афзудааст.

Диаграммаи 3.

Афзоиши шумораи ҳамёнҳои электронӣ (адад)



Сарчашма: *Сомонаи БМТ ва ҳисобҳои муаллифон.*

Дар соли 2023 тавассути ҳамёнҳои электронӣ 15,1 млн адад амалиёти пардохти ғайринақдӣ ба маблағи зиёда аз 1,7 млрд сомонӣ анҷом дода шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 12,6 дарсад ва 6,9 дарсад зиёд мебошад.

Диаграммаи 4.

Шумора ва ҳаҷми амалиёт тавассути ҳамёнҳои электронӣ дар солҳои 2018-2023



Сарчашма: *Сомонаи БМТ ва ҳисобҳои муаллифон.*

Рушди низоми пардохт ва ҳисобаробаркуниҳои ғайринақдӣ яке аз омилҳои пешгирии болоравии сатҳи таваррум аз лиҳози барзиёдии пули нақд ба ҳисоб рафта, он ба фаъолнокии сиёсати пулию қарзӣ метавонад таъсири мусбат расонад.

Дар давоми соли 2023 амалиёти ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) аз

рӯи шумора 71,0 дарсад ва аз рӯйи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 90,4 дарсад афзоиш ёфтааст [9].

Эълон шудани 2025–2030 ҳамчун “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар собит месозад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ қадамҳои устувор мегузорад [10]. Дар ин замина, солҳои минбаъда бо татбиқи низомҳои электронӣ ва васеъ истифода намудани пулҳои рақамӣ сатҳи пардохтпазирии бонкҳо низ баланд хоҳад шуд, ки таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамояд. Ин раванд на танҳо ба рушди устувори низоми молиявӣ ва бонкдорӣ мусоидат менамояд, балки имкониятҳои навро барои баланд бардоштани шаффофият, кам намудани хароҷоти муомилот ва ҷалби бештари муштариён фароҳам меорад. Ҳамзамон, тағйироти босуръат дар технологияҳои молиявӣ зарурати таҳлили мунтазам ва таҳқиқоти илмиро ба миён меорад, то таъсири онҳо ба хавфҳои молиявӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва сатҳи рақобат дар бозори бонкдорӣ дуруст арзёбӣ гардад.

АДАБИЁТ

1. Ашуров Н., Лалбеков И. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк / Н.Ашӯров, И. Лалбеков, УДК 336-71. А–98. –2002 с.

2. Азрилияна А.Н. Большой экономический словарь / Под ред.. 3-е изд. стереотип. М.: Институт новой экономики, 1998. –864 с.

3. Борисов А.Б. Большой экономический словарь. Издание 3-е, перераб. и доп. М.: Книжный мир, 2010. –860 с.

4. Жуков, Е.Ф. Банки и небанковские кредитные организации и их операции : учебник для студентов вузов / Е. Ф. Жуков и др.; под ред. Е. Ф. Жукова, Н. Д. Эриашвили. -4-е изд., перераб. и доп. – М. : ЮНИТИ–ДАНА, 2012. – 559 с.

5. О повышении роли кредита и банков в инновационном развитии экономики России // Финансы и кредит. – 2011.–№ 4. – С. 69–71.

6. Хонҷонов А., Шарипов Б. Асосҳои фаъолияти бонкӣ / А. Хонҷонов, Б. Шарипов, “14. –Душанбе: ЭР-граф, –500 с.

7. Хасянова, С. Ю. О системе оценки финансовой устойчивости банковского сектора / С. Ю. Хасянова // Финансы и кредит. – 2012. – № 12. – С. 24–28.

8. Дастурамали №176 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ” илова бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №1, аз 4 январи с.2018 тасдиқ шудааст. –18 с.

9. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, www.nbt.tj

10. Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҷумҳурият”, 19 феврали 2025, https://jumhuriyat.tj/5256-2025-2030-jeloni-soloi-rushdi-itisodi-raam-va-innovatsija-taozoi-zamon-ast.html

11. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ», 22 июни соли 2023, № 586

ЛИКВИДНОСТЬ БАНКА ПРИ ПЕРЕХОДЕ НА БЕЗНАЛИЧНЫЕ РАСЧЕТЫ: ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА

СОЛЕХЗОДА АШУРБОЙ АБДУВОХИД,
кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики,
Таджикского национального университета
734042, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел.: (+992) 901-60-70-70; e-mail: ashurboy@mail.ru

БОЗОРОВ БАХТИЁР РАХМОНАЛИЕВИЧ,
докторант по специальности “Экономика”, PhD, кафедры
банковской деятельности Таджикского государственного
финансово-экономического университета
734067, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Нахимова 64/14;
тел. (+992) 987-61-94-94; -mail: bozorov.b93@mail.ru.

В данной статье авторы исследуют платежеспособность банков с теоретической и практической точек зрения. Анализируются факторы, влияющие на платежеспособность, рассматриваются мнения отечественных и зарубежных ученых, а также современные тенденции изучения данного показателя.

Особое внимание уделяется электронным платежным системам, современным платежным инструментам и безналичным расчетам, подчеркивается их значение для развития банковской системы в целом.

Статья раскрывает важность указов Президента Республики Таджикистан о мерах по расширению безналичных расчетов и объявлении годов развития цифровой экономики и инноваций для перспективного развития банковского сектора страны, включая повышение уровня платежеспособности. На основе банковской статистики авторы проанализировали динамику этого процесса, приведя доказательства активной цифровизации банковского сектора и системы безналичных расчетов.

Подробно рассмотрены причины возникновения проблем в сфере платежеспособности кредитных организаций и предложены пути их решения, имеющие теоретическую и практическую значимость.

Ключевые слова: *банковская конкуренция, платежеспособность, финансово-кредитная организация, активы, обязательства, доверие и имидж организации, макропруденциальное регулирование, диверсификация*

банковских услуг, платежные инструменты, безналичные расчеты, электронные платежи, цифровизация банковских услуг, банковский менеджмент.

BANK LIQUIDITY DURING THE TRANSITION TO NON-CASH PAYMENTS: THEORY AND PRACTICE

SOLEHZODA ASHURBOY ABDUVOHID,
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy, Tajik National University
734042, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 901-60-70-70; e-mail: ashurboy@mail.ru

BOZOROV BAKHTIYOR RAHMONALIEVICH,
PhD student in Economics, Department of Banking,
Tajik State University of Finance and Economics
734067, Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov ave. 64/14;
tel.: (+992) 987-61-94-94; e-mail: bozorov.b93@mail.ru

In the article, the authors theoretically and practically considered the issues of bank liquidity, assessed the factors influencing it, the opinions of domestic and foreign scientists, and the existing trends in the study of this indicator in today's conditions. Along with the consideration of factors affecting liquidity, the main focus is on the electronic payment system, modern means of payment and non-cash payments, emphasizing their importance in the development of the banking system as a whole.

The article reveals the importance of the decrees of the President of the Republic of Tajikistan on measures to expand non-cash payments and the declaration of years of digital economy and innovation development for the promising development of the country's banking sector, including increasing the level of solvency. Based on banking statistics, the authors analyzed the dynamics of this process, providing evidence of the active digitalization of the banking sector and the non-cash payment system.

Furthermore, the study identifies root causes of solvency-related challenges faced by credit institutions and proposes solutions with theoretical and practical relevance.

Keywords: *banking competition, solvency, financial and credit institutions, assets, liabilities, organizational trust and reputation, macroprudential regulation, diversification of banking services, payment instruments, cashless payments, electronic payments, digitalization of banking services, bank management.*

УДК: 331.556.4:339.9(575.3)

ТРУДОВАЯ МИГРАЦИЯ И ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКАЯ СТРАТЕГИЯ ТАДЖИКИСТАНА

РАХМОН УЛЬМАСОВ,
доктор экономических наук, профессор РТСУ,
734025; Таджикистан, г. Душанбе ул. М. Турсунзода 30.
e-mail: ulmasovr@gmail.com

В статье рассматривается взаимосвязь между трудовой миграцией и внешнеэкономической стратегией Республики Таджикистан. Автор анализирует роль миграционных процессов как ключевого фактора, формирующего экономическую устойчивость страны и влияющего на её внешнеполитические приоритеты. Особое внимание уделено объёму денежных переводов мигрантов (ремиттенсов), их влиянию на платёжный баланс и уровень потребления внутри страны. Раскрываются механизмы институционального сотрудничества Таджикистана с принимающими странами, в первую очередь с Российской Федерацией, а также с международными организациями в сфере регулирования трудовой миграции. Отмечается, что зависимость от внешней занятости одновременно является как источником экономической поддержки, так и уязвимостью, влияющей на внешнеэкономическую политику. В заключение формулируются предложения по диверсификации внешнеэкономических связей и оптимизации миграционной политики в контексте устойчивого развития.

Ключевые слова: *Таджикистан, трудовая миграция, внешнеэкономическая стратегия, денежные переводы, Россия, миграционная политика, устойчивое развитие.*

В современном мире разворачиваются масштабные глобальные процессы, формирующие новые тренды в различных сферах — от политики и экономики до технологий и демографии. В этих трансформациях миграция занимает особое, стратегически важное место. В условиях стремительного технологического развития, многие эксперты прогнозируют наступление так называемой технологической сингулярности уже в 2030-е годы– гипотетического этапа, при котором темпы прогресса станут неуправляемыми и приведут к качественным изменениям цивилизационного характера. Эти вызовы, наряду с динамикой глобальной экономики, делают трудовую миграцию неотъемлемым элементом функционирования и развития мировой экономики XXI века.

Для Таджикистана вопросы миграции приобретают первостепенное значение. Стратегическое самоопределение страны невозможно вне контекста

миграционной политики. Уже сегодня миграция оказывает ключевое влияние на социально-экономические процессы и будет сохранять свое значение в долгосрочной перспективе. Внешнеполитическая активность Таджикистана, в том числе участие в международных форумах, рост роли столицы как площадки для политических, экономических и культурных мероприятий, подчеркивает стремление страны позиционировать себя как активного участника глобального диалога.

Мигранты, несмотря на разрыв с родиной, сохраняют тесную идентификацию с национальным государством. Это подтверждает необходимость не только изучения, но и постановки вопросов, определяющих долгосрочную стратегию взаимодействия между государством, обществом и его миграционной частью.

В последние десятилетия человечество оказалось в эпицентре стремительных глобальных изменений. Технологические, информационные и социальные трансформации затрагивают все стороны жизни. Если еще 15–20 лет назад доминирующим каналом информационного воздействия оставалось телевидение, то сегодня информационное пространство прочно заняли интернет и мобильные технологии. Молодежь, особенно в миграционной среде, все активнее интегрируется в цифровую реальность, что оказывает влияние на формирование новых моделей поведения и социального самоощущения.

Возможности значительного увеличения числа трудовых мигрантов в Российской Федерации практически исчерпаны. На глобальном рынке труда Россия утрачивает привлекательность в качестве страны-импортёра рабочей силы, с одной стороны, из-за нестабильности курса рубля, а с другой — вследствие ужесточения миграционной политики и негативного отношения к мигрантам из стран Центральной Азии. Современный трудовой мигрант должен быть готов к жизни в условиях высокой изменчивости и неопределенности. Это требует от него не только адаптивности, но и рационального, стратегически выверенного поведения. Как отмечают многие исследователи, миграция в XXI веке становится не просто вынужденной формой экономического выживания, но и важным фактором устойчивого развития, способствующим глобальному перераспределению человеческих ресурсов. В этом контексте трудовая миграция может рассматриваться как «спасительная соломинка» для мировой экономики, особенно в условиях дефицита рабочей силы, с которым сталкиваются многие развитые страны[2].

Таджикистан, как государство с активным миграционным потоком, не может игнорировать стратегическое измерение миграции. Наряду с природными и человеческими ресурсами важнейшим активом страны выступает культурный код таджикского народа — глубокая историческая и идентичностная основа, осмысленная, в частности, в трудах академика

Бободжона Гафурова[3]. Этот культурный код–неотъемлемая часть национального капитала, которую необходимо осознанно интегрировать в процессы формирования миграционной политики.

Однако миграционные проблемы часто коренятся в дефиците образования, низком уровне культуры и слабой социальной подготовке молодежи[4]. Для минимизации этих рисков необходимо создание эффективных механизмов воспитания, просвещения и патриотического становления будущих мигрантов. Решение этой задачи становится условием, при котором экономические трудности могут быть преодолены. Как показывает опыт последних лет, Душанбе удалось за короткий срок превратиться в современный урбанистический центр Востока[5], что подтверждает высокий потенциал страны при наличии целенаправленной государственной политики.

Современный подход к миграции требует от государства не репрессивной, а креативной модели взаимодействия с мигрантами–основанной на партнерстве, взаимной поддержке и стратегическом диалоге[6]. Государственные органы, ученые, эксперты и гражданское общество должны выступать в роли «старших партнеров» трудовых мигрантов, обеспечивая им опору, защиту и прогнозируемость.

Россия, несмотря на низкий уровень безработицы, сталкивается с острым дефицитом рабочей силы, что вызывает рост заработных плат, увеличение спроса и расширение рынков, но одновременно приводит к росту издержек и снижению инвестиционной привлекательности[7]. По данным Росстата, в 2024 году российским компаниям не хватало около 2,2 млн работников, что составляет 7,6% от общего числа трудоспособного населения – самый высокий показатель с 2008 года. Ежегодное пополнение трудовых ресурсов за счет вступающей в трудоспособный возраст молодежи сократилось на 40% в период с 2000 по 2020 гг. Более половины занятых–это лица старше 40 лет, а доля населения старше трудоспособного возраста уже превышает 25%. Молодые и квалифицированные специалисты часто покидают Россию в поисках лучших условий труда и жизни за рубежом. После 2022 года произошло значительное сокращение притока трудовых мигрантов из стран СНГ – на 35-40% по сравнению с допандемийным периодом. Например, в строительстве нехватка рабочих оценивается в 200–400 тыс. человек. В 2023 году из сельскохозяйственной отрасли ушло около 200 тыс. человек, что составляет 3,3% от общего числа сельскохозяйственных работников. Прогнозируется в системе образования и здравоохранения, дефицит кадров в этих сферах может вырасти до 40-45% к 2030 году. На текущий момент за границей проживают около 11 млн россиян по оценке ООН–Россия занимает 3-е место в мире по числу эмигрантов. С 1991 по 2020 год эмигрировали примерно 4–5 млн граждан РФ. Ежегодно 100–120 000 россиян покидают страну официально (в страны дальнего зарубежья) Общий отток (включая

СНГ) в обычные годы – около 200–300 тыс. человек, а после 2022 года – до 600–900 тыс. ежегодно. Отъезжают преимущественно молодые квалифицированные специалисты (25–44 года), включая IT-специалистов — 60 % имеют высшее образование

5. Дар заминаи ҷорӣ кардани механизмҳои гуногуни андозию гумрукӣ ва молиявӣ баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандии субъектҳои соҳибкории инфиродӣ ҷиҳати васеъ ва инкишоф додани доираи фаъолияти худ. Тибқи маълумот, ҳоло тақрибан 89 дарсади субъектҳои соҳибкорӣ дар мамлакатро соҳибкони инфиродӣ ташкил медиҳанд.

6. Дар заминаи омӯзиши таҷрибаи ғании кишварҳои пешрафта дар самти дастгирии рушди соҳибкории истеҳсолӣ давра ба давра бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда татбиқи низоми протексионӣ вобаста ба ҳимояи бозори дохилӣ ва дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи дар соҳаҳои

афзалиятноки саноатӣ фаъолияткунанда. Қобили қайд аст, ҳоло ҳифзу ҳимояи протексионии корхонаҳои хурди саноатӣ дар бисёре аз кишварҳо, бахусус, Ҳиндустон, на танҳо тавассути муқаррар намудани меъёрҳои баланди боҷи воридотӣ ва ҷорӣ кардани маҳдудиятҳои воридотӣ, балки бо роҳи ҳифзи рақобат амалӣ гардида, ҳамчун омили муҳим дар таъмини рушди корхонаҳои хурди саноатӣ ба ҳисоб меравад.

7. Зоҳир намудани таваҷҷуҳи хосса ба ташкил ба рушди кооперативҳои истеҳсолию тиҷоратӣ, бахусус, агрокластерҳо ва дигар шаклҳои ҳамгироии хоҷагидорӣ, ки самаранокии баланди иқтисодиро дар соҳаи комплекси агросаноатӣ таъмин менамояд. Тибқи маълумот, ҳоло саҳми кооперативҳои истеҳсолию тиҷоратӣ дар шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ–фермерӣ (ХДФ) ҳамагӣ 2,5-3 дарсадро ташкил медиҳаду халос. Дар баробар ин, ҳоло саҳми онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 38,2 дарсадро ташкил дода, ин рақам дар хоҷагиҳои аҳолӣ, ки чун субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ муқаррар нагардидаанд, ба 50,4 дарсад баробар мебошад. Ҳол он, ки 70 дарсади заминҳои истифодаи кишоварзӣ ва 82,3 дарсади заминҳои кишт дар ихтиёри ХДФ ҳамчун соҳибкорӣ мнфиродӣ қарор доранд [13].

Ногуфта намонад, ки тибқи арзёбиҳои коршиносон, ҳоло тақрибан 50 дарсади иқтисодиёти кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта, бевосита дар заминаи рушди низоми кластерикунонии соҳаҳои афзалиятнок ба роҳ монда шудааст. Дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо зиёда аз 2 ҳазор кластерҳои гуногунсоҳа фаъолияти самарнок намуда, дар доираи он тақрибан 40 дарсади аҳолии қувваи қобили меҳнат ба кор ҷалб гардидаанд [14].

Дар самти истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бошад, саҳми ХДФ чун субъекти соҳибкорӣ ҳамоно ночиз ба назар мерасад. Аз ин нуқтаи назар хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳоло ХДФ чун соҳибкории инфиродӣ, андозаи хурди заминро дар ихтиёр доранду ҳанӯз дар масъалаи истифодаи оқилонаи замин, ки сабабҳои гуногунро дар пай дорад, ба натиҷаҳои назаррас ноил нагардидаанд. Бинобар ин, таввачуҳ ба масъалаи гузошташуда, муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. «Аз натиҷаҳои таҳқиқот мушоҳида мегардад, ки ҳар қадаре, ки андозаи майдони замини кишт хурд гардад, ҳамон андоза имкони хоҷагидор, бахусус, дар самти дастрасӣ ба техникаю таҷҳизот, таҷҳизоти муосири кишоварзӣ ва истифодаи самараноки он, инчунин, иҷрои киштгардон, дастрасӣ ба захираҳои қарзию молиявӣ ва иҷрои пурраи қоидаҳои агротехникӣ, ки аз ҷумлаи омилҳои асосии баланд гардидани сатҳи ҳосилнокӣ ва таъмини самаранокии истеҳсоли маҳсулот ба ҳисоб меравад, маҳдуд мегардад. Ҳатто хоҷагиҳое, ки камтар аз 50 гектар замин дар ихтиёр доранд, аз бисёр ҷиҳат самарабахш нестанд. Қобил ба зикри хос аст, ки дар кишварҳои Аврупо андозаи миёнаи замини дар ихтиёри хоҷагиҳои кишоварзӣ қарордошта на кам аз 100 гектарро ташкил медиҳад» [15].

8. Дар доираи баъзе шаклҳои пардохти андоз ҷорӣ намудани низоми регрессивии андозбандӣ танҳо барои субъектҳои соҳибкорие, ки ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд ва дар фаъолияти худ чун супорандаи андози ягона ба ҳисоб намераванд, ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Ба андешаи мо, дар амал татбиқи низоми мазкур ба ҳаллу фасли баъзе масъалаҳои зерин, аз ҷумла саъй ва кӯшиши бештар ҷиҳати мунтазам баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва рақобатпазирӣ, пурра нишон додани ҳаҷми даромади бадастоварда, пешгирии зери соя рафтани иқтисодиёти кишоварзӣ, таъмини устувории молиявии соҳибкорони кишоварзӣ мусоидат хоҳад кард.

9. Тақвияти низоми датгирии давлатии соҳибкории кишовар, бахусус, дар самти дастрасӣ ба воситаҳои истеҳсолӣ, техникаи кишоварзӣ бо нархҳои дастрас, қарзҳои имтиёзнок, дарёфти бозори фурӯш, шарики боътимод, фароҳам оавардани шароити инфрасохторӣ, инчунин, мусоидат дар иҷрои қоидаҳои агротехникӣ ҳангоми кишту парвариш, муаррифии ҳарчи бештари имкониятҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва ғайра, барои рушди фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ муҳим шуморида мешавад.

10. Ниҳоят мунтазам баланд бардоштани донишу малака, сатҳи ҷаҳонбинӣ, маърифати молиявию иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорони дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар шаҳру минтақаҳои дурдасти кишвар фаъолияткунанда, инчунин, омода сохтани соҳибкорони воқеии марбут ба соҳа яке аз самтҳои муҳимми дигар ин самт ба ҳисоб меравад. Тибқи арзёбиҳои коршиносони соҳавӣ ҳоло тақрибан 90 дарсади соҳибкорони кишоварӣ маълумоти соҳавӣ надошта, ба технологияи кишту парвариш ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ чандон дуруст сарфаҳм намераванд, ки ин ба рушди соҳаи мазкур таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти натиҷаҳои зимни таҳқиқи масъалаи гузошташуда бадастомада, метавон чунин хулоса баровард, ки ҳоло бо вуҷуди он, ки дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар ва таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат дастовардҳои назаррас ва тамоюлҳои мусбат ба назар расад, ҳам вале суръати рушди он, бахусус, дар заминаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва имкониятҳои мавҷуда дар ин самт, то ба ҳол қонеъкунанда нест. Бинобар ин, дар заминаи имкониятҳои ҷойдошта, марҳала ба марҳала, ҳаллу фасл намудани масъалаҳои ба миён гузошташуда ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва дар ин асос ноил гардидан ба мақсаду ҳадафҳои стратегии зикргардида, инчунин, солона ба ҳисоби миёна дар сатҳи на кам аз 8 дарсад таъмин намудани суръати рушди иқтисоди миллӣ ва то ба 10 дарсад коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар мусоидати комил хоҳад кард.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.01.2021

2. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе, 2025.–С.1

3. Стратегияи милии рушд барои давраи то соли 2030.

4. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе, 2025.–С.14

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.01.2021

6. https://egov.tj/site/industry/press/news/details/888?lang=tg (санаи ворид 22.04.2025)

7. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Маҷмуаи оморӣ.–Душанбе, 2020.–С.14; 2025.–С.14

8. https://khovar.tj/2025/05/dar-semo-ai-yakumi-soli-2025-dar-to-ikiston-159-korhona-az-faoliyati-iste-sol-boz-mondaast/?ysclid=mdmss3eega939259468 иштирок дар Семинар-машварати ҷумҳуриявии кишоварзон ва мулоқот бо фаъолон дар н.Данғара 17.05.2025

9. https://www.president.tj/event_by_theme/internal_politics/national_development_council/37754 (Санаи мурочиат 04.08. 2025);

10. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Маҷмуаи оморӣ.–Душанбе, 2024.–С. 259;

11. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ.–Душанбе, 2023.-С.-160

12. Абдураҳмон Ҳ. Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар сохтори иқтисоди миллӣ.–Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Тоҷикистон.–Душанбе, 2023.-№ 1 (45). –С.75–82

13. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021; 21.12.2021; 23.12.2022; 28.12.2023 ва шарҳи мухтасар доир ба натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар солҳои 2023 https://nbt.tj/tj/old_news/?ELEMENT_ID=559906; 2024 https://nbt.tj/tj/news/568091/

14. Одиназода А.И. Арзёбии самарнокии ташкили агрокластер ҳамчун шакли фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ. Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”.–Душанбе, 2024.–№ 1 (85). –С.145

15. Одиназода А. Рушди кластеризатсия муҳимтарин омили таъмини амният ва рақобатпазирии иқтисодиёт. Маҷаллаи “Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният”. –Душанбе, 2024.–№ 2 (10). –С.142

16. Одиназода А. Арзёбии самарнокии ташкили агрокластер ҳамчун шакли фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ. Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”.–Душанбе, 2024.–№ 1 (85). –С.146

РАЗВИТИЕ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА – ВАЖНЫМ ФАКТОРОМ ДОСТИЖЕНИЯ СТРАТЕГИЧЕСКИХ ЦЕЛЕЙ В СТРАНЕ

ОДИНАЗОДА АМИН ИБРОХИМ,
к.э.н, начальник Управления анализа и прогнозирования вопросов предпринимательства и частного сектора ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.(+992) 988-55-26-90; e–mail: o–amin@mail.ru

В статье оценены и проанализированы роль и место производственного предпринимательства в промышленном и аграрном секторах как стратегических целей развития страны.

В этом контексте, в целях обеспечения перспективы развития производственного предпринимательства в указанных направлениях, были даны некоторые полезные предложения и рекомендации, решение которых будет способствовать устойчивому развитию этой важной отрасли экономики.

Ключевые слова: *производственное предпринимательство, льготные кредиты, инновации, стратегия, продовольственная безопасность, производственные ресурсы, конкурентоспособность, экспорт.*

DEVELOPMENT OF MANUFACTURING ENTREPRENEURSHIP IS AN IMPORTANT FACTOR FOR ACHIEVING STRATEGIC GOALS IN THE COUNTRY

ODINAZODA AMIN IBROHIM,
candidate of economic sciences, head of the Department of analysis and forecasting of entrepreneurship issues and the Private Sector of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.:(+992) 988-55-26-90; e-mail: o-amin@mail.ru

The article evaluates and analyzes the role and place of manufacturing entrepreneurship in the industrial and agricultural sectors as strategic goals of the country's development. In this context, in order to ensure the prospects for the development of industrial entrepreneurship in the indicated areas, some useful proposals and recommendations have been attached, the solution of which will contribute to the sustainable development of this important sector of the economy.

Keywords: *manufacturing entrepreneurship, soft loans, innovation, strategy, food security, production resources, competitiveness, export.*

УДК: 636:631.95(575.3)

РУШДИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

РУСТАМҶОНИ САЙДУЛЛОИ ҚУЗРАТЗОДА,
номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 901-31-38-68; e-mail: caidullozoda1992@mail.ru;

САИДЗОДА САЙЁДИ МАЙДОН,
директори меҳмонхонаи Дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе
734024, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев 1;
тел.: (+992) 909-99-94-87; e-mail: caid1989@mail.ru;

Дар мақола нақши маҳсулоти чорводорӣ дар сабади истеъмолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, ки яке аз мушкилоти асосии на танҳо кишвари мо балки мушкилоти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, инъикос меёбад. Чунки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот ба маҳсулоти хӯрокворӣ низ афзоиш ёфта истодааст. Ҳамзамон, муаллифон таҳлил намудаанд, ки чӣ тавр маҳсулоти чорводорӣ ба сабади истеъмолӣ ва саҳми он дар ин самт чӣ гуна таъсири бевоситаи худро мерасонад.

Мусаллам аст, ки соҳаи кишоварзӣ аз истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва маҳсулоти соҳаи чорводорӣ иборат мебошад, бинобар ин, онҳо ягона омили таъмини амнияти озуқаворӣ дар дилхоҳ кишвар ба ҳисоб мераванд. Аз ин лиҳоз, дар мақола муаллифон самтҳои гуногуни соҳаи рустанипарварӣ ва чорводориро дар алоҳидагӣ таҳлил намудаанд. Чунки бе рушди соҳаи рустанипарварӣ самаранокии соҳаи чорводориро таъмин намудан ғайриимкон мебошад. Дар баробари ин, муаллифон доир ба истеҳсоли маҳсулоти хушсифати чорводорӣ ва самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои муфид намудаанд.

Калидвожаҳо: *амнияти озуқаворӣ, маҳсулот, чороводорӣ, рустанипарварӣ, самаранокӣ, ҳосилнокӣ, сабади истеъмонӣ, арзиши аслӣ, нарх, рушд, кишоварзӣ, маҳсулоти саноатӣ.*

Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат яке аз ҳадафҳои муҳимми “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” мебошад. Соҳаи саноати хӯрокворӣ яке аз бахшҳои асосии пешбарандаи иқтисодиёти кишвар ба шумор рафта, рушди он барои

таъмини аҳолӣ бо молу маҳсулоти истеъмолӣ, баланд гардидани сатҳи зиндагӣ ва бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмини амнияти озуқавориро яке аз ҳадафҳои стратегии давлат эълон намудаанд [3].

Мусаллам аст, ки афзоиши босуръати аҳолии ҷаҳон (8,2 млрд аҳолӣ дар соли 2025) боиси афзудани талаботи онҳо ба маҳсулоти озуқаворӣ гардидааст. Омили ягонаи таъминкунандаи он дар мади аввал соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки предмети асосии истеҳсоли он замин аст. Бо дарназардошти ин, майдони кишт на дар ҳолати зиёдшавие қарор дорад, ки аҳолии дунё рушд мекунад (0,9 дарсад дар соли 2024). Аз ин лиҳоз, зарурати суръат бахшидан ба рушду тағдиди соҳаи кишоварзӣ ба миён меояд, зеро таъмини амнияти озуқаворӣ масъалаи асосии амнияти миллии ҳар як кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳисоб меравад.

Ёдовар мешавем, ки бо тамоми навъҳои маҳсулоти озуқаворӣ ба кадри кифоя таъмин намудани аҳолӣ на танҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ, балки аз ҷиҳати ҷамъиятию сиёсӣ аҳаммияти калон дорад. Таъмини амнияти озуқаворӣ заминаи мустаҳками истиқлоли сиёсӣ ва иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Яке аз чунин маҳсулоти барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ зарур–маҳсулоти чорводорӣ мебошад. Истеҳсоли васеъ ва истеъмоли зиёди маҳсулоти чорво дар баробари таъмини суботи иҷтимоӣ барои рушди мутаносиб ва ҳамаҷонибаи ҷомеа шароити мусоид фароҳам меоварад. Як нуктаи дигарро ҳам бояд қайд намуд, ки беш аз 59 дарсади аҳолии дунё дар қитъаи Осиё зиндагонӣ мекунанд ва коэффисенти аз ҳамма баланди тавлид дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Амнияти озуқаворӣ таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти босифат ва кофӣ озуқаворӣ ҳамчун шарти муҳимми тарзи ҳаёти солим мебошад. Ин истилоҳ бори нахуст дар соли 1974 дар Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид мавриди истифода қарор гирифт. Аммо нахустин Саммити ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ соли 1996 баргузор шуда буд. Дар Саммити ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ дар соли 2008 дар шаҳри Рими Италия, ки бо ҳузури 181 кишвар, аз ҷумла 43 сарони давлату ҳукуматҳо баргузор шуд, масъалаи якбора боло рафтани нархи маводи ғизоӣ бар асари тағйирёбии иқлим ва рушди биологӣ баррасӣ шуд. Қайд карда шуд, ки ҳар як давлат уҳдадор аст, ки ҳуқуқи шаҳрвандони худро ба ғизо таъмин кунад ва аз гуруснагӣ пешгирӣ кунад [4].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки масъалаи баланд гардидани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ, навобаста аз маҳсулоти чорводорӣ ё рустанипарварӣ, нархи он ба таври назаррас афзоиш меёбад. Аз ин хотир, бояд ҳар як кишвари дунё масъалаи таъмини амнияти озуқавориро дар мадди назари аввалиндараҷа гузорад.

Чи тавре Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид борҳо таъкид менамояд, башарият воқеан, бо табиат дар ҳолати ҷанг қарор дошта, бархе аз ин низоми кунунии ғизо аст, ки аз се як ҳиссаи онро партофти газҳои гулхонавӣ (гармхонавӣ) ба атмосфера, ки боиси аз байн бурдани гуногунии биологии табиатро ба миён меоварад. Ҳамзамон, дар суханронии худ қайд менамояд, ки низоми имрӯзаи ғизои муосир бесамар ва нобаробар мебошад. Масалан, зиёда аз 780 миллион нафар гурусна буда, тақрибан сеяки тамоми маҳсулоти истеҳсолшуда талаф ё исроф мешаванд. Беш аз се миллиард нафар одамон наметавонанд ғизои солимро харидорӣ намоянд, аммо зиёда аз ду миллиард нафар вазни зиёдатӣ доранд, яъне фарбеҳ мебошанд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар шароити кунуни имконияти мувоҷеҳ гардидан бо 462 миллион нафарро дорем, ки аз ҳад зиёд камвазн мебошанд [6].

Ғайриқаноатбахш ва самаранок набудани маҳсулоти соҳаи хӯрокворӣ на танҳо дар ҷаҳон балки дар кишварҳои мо низ дида мешавад, чунки таъсири нарх ба арзиши аслӣ на танҳо дар истеҳсол намудани маҳсулот, балки то дастрас гардонидани он низ буда метавонад. Ҳар соле на камтар аз 20-25 дарсади маҳсулоти ғизоӣ то дастрас гардидан талаф меёбад. Инчунин, ҳангоми омода гардидани хӯрок ва истеъмоли он низ то 5–10 дарсади дигар нобуд мегардад, ки ин ҳолати самаранокии соҳаро таъмин карда наметавонад.

Мувофиқи маълумоти Созмони Ҷаҳонии Ғизо (СҶҒ) барои як инсон 1800 килокалория дар як шабонарӯз лозим аст, ки вазн, қувватнокӣ ва барқароршавии масуниятро таъмин намуда, фаъолияти ояндадору бардавом дошта бошад. Дар навбати дигар бошад, барои мард ва зани фаъол ин нишондиҳандаҳо гуногун буда, вобаста ба фаъолияти ҷисмонии вазнин ё сабук фарқ карда метавонад. Барои марди фаъол ва барои он касоне, ки боз ҳам дар инкишофанд, 2500 килокалория лозим (меъёр барои бештари мардуми ИМА) меояд. Аз ин миқдор килокалория бояд 700 килокалория дар наҳорӣ сарф шуда, боқимонда низ дар давоми рӯз тақсимбандӣ карда мешавад, ки риояи он бениҳоят муҳим мебошад. Чунки на танҳо он ба ҳолати фаъолияти ҷисмонӣ, балки ба андешаронӣ низ таъсир мерасонад, ки дар тамоми таҳлилҳои Созмони Ҷаҳонии Ғизо ба таври назаррас нишон дода шудааст [5].

Ба ҳамагон маълум аст, ки Созмони Ҷаҳонии Ғизо ва самтҳои асосии он ин паҳн кардани инқилоби “сабз”, ғизои солиму дастрас, дучанд афзун намудани истеҳсоли хӯрокворӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, таҳияи нақшаҳо ва пешгӯйиҳои ҷаҳонии рушди кишоварзӣ, паҳн кардани технологияи устувори кишоварзӣ ва рушди деҳот мусоидат менамояд. Бо вуҷуди он, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дастрасии ғизои солим ба аҳолии сайёраи Замин ҳама вақт таъмин бошад [7, 93].

Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабади истеъмолиро ба 11 номгӯй ҷудо менамоянд, ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1.

Маҳсулоти сабади истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми як моҳ

№	Номгӯйи маҳсулот	Меъёри ченак бо кило	Нархи бозор (сомонӣ)	Нархи умумӣ (сомонӣ)
1.	Маҳсулоти ғалладонагӣ ва лӯбиёгиҳо	12.1	Ба ҳисоби миёна 6	72,6
2.	Гӯшт	3,4-3,5	100	340
3.	Моҳӣ	0,7-08	45	31,5
4.	Тухм	15-20 дона	1,3	26,0
5.	Маҳсулоти ширӣ	9,5-10 (11литр)	10	96,0
6.	Меваю буттамеваҳо	10,2-10,5	Ба ҳисоби камтарин 13	132,6
7.	Картошка	7,6-8	5	38
8.	Қанди сафед (шакар)	1,6-2	12	19,2
9.	Чойи хушк	0,2-03	60	12
10.	Сабзавот ва полезӣ	13,7-14	10 ба ҳисоби миёна	137
11.	Равғани рустанӣ	1,4-15 (литр)	22	30,8

Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси нархҳои бозори “Меҳргон”-и шаҳри Душанбе ва пешниҳодоти сабади истеъмолӣ.

Аз таҳлили ҷадвали боло бармеояд, ки дар 11 нишондиҳандаи сабади истеъмолӣ ба ҳисоби камтарин 935 сомонӣ барои як шахс лозим аст. Ин нишондиҳандаҳоро метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд: якум соҳаи рустанипарварӣ, дуюм соҳаи чорводорӣ ва сеюм қисми хӯроквории саноатӣ, ки қариб сад дарсад аз ҳисоби воридот вобаста мебошад. Дар гурӯҳи якум панҷ нишондиҳандаи сабади истеъмолӣ ё ин ки 72,4 дарсади сабади истеъмолиро ташкил медиҳад. Дар гурӯҳи дуюм бошад, чор номгӯйи маҳсулот, ки ба 24,2 дарсади сабади истеъмолӣ баробар аст. Ҳамчунон, гурӯҳи сеюм ё маҳсулоти саноатӣ, ки сад дарсад ба воситаи воридот таъмин карда мешавад ва 2,8 дарсади сабади истеъмолиро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин, ҳар як маҳсулот барои таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳим дорад ва тавассути диаграммаи 1 саҳми ҳар як маҳсулот дар сабади истеъмолӣ тариқи дарсад нишон дода шудааст.

Диаграммаи 1.

Саҳми маҳсулот дар сабади истеъмолӣ, ба ҳисоби %



Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси ҷадвали 1.

Аз маълумоти диаграммаи 1 бармеояд, ки саҳми соҳаи рустанипарварӣ дар сабади истеъмолӣ афзалият дошта, яъне маҳсулоти саноатӣ ё метавон гуфт маҳсулоти воридотӣ бениҳоят ночиз мебошад. Гурӯҳи дуюм ё маҳсулоти соҳаи чорводорӣ бошад, на он қадар зиёд, аммо муҳим мебошад. Бо дарназардошти ин сабади истеъмолиро таҳлил намоем (ниг. ба диаграммаи 2).

Диаграммаи 2.

Нархи маҳсулоти сабди истеъмолӣ тариқи дарсад



Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси ҷадвали 1.

Чи тавре дар боло қайд кардем, сабади истеъмолиро ба се қисм: *маҳсулот аз соҳаи рустанипарварӣ, чорводорӣ ва саноатӣ ё воридотӣ* тақсим намудем. Аз диаграмма ба таври возеҳу равшан маълум мегардад, ки гарчанде саҳми соҳаи чорводорӣ дар сабади истеъмолӣ кам бошад ҳам, нисбат ба нарх (ё ифодаёфта бо пул) он 52,76 дарсади сабади истеъмолиро ташкил медиҳад. Саҳми рустанипарварӣ 43,91 (бо пул ифода намудан) дарсади сабади истеъмолиро ташкил медиҳад. Самти саноатӣ ё воридотӣ 3,32 дарсади сабади истеъмолиро ташкил дода, он нисбат ба гурӯҳи якум ва дуюм на он қадар нақши калон дорад. Пас аз ин ҷо бармеояд, ки нақши соҳаи чорводорӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ, махсусан дар сабади истеъмолӣ, басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Соҳаи чорводорӣ қисми муҳимми соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, он аҳолиро бо гӯшт, шир, равған, тухм, (ҳамчун воситаи меҳнат–асп ва ғайра) ва саноатро ба ашёи хом, пӯст, пашм, нуриҳои органикӣ таъмин менамояд. Асоси соҳаи чорводориро чорвои калони шохдор, чорвои майда, қутоспарварӣ, асппарварӣ, харгӯшпарварӣ, замбӯри асалпарварӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ташкил медиҳад. Аммо дар шароити имрӯз саҳми назаррасро дар соҳаи чорводории кишвар–ЧКШ, ЧМ ва мурғпарварӣ ташкил медиҳад, бинобар ин, маҳсулоти сабади истеъмолиро аз ин нишондиҳандаҳо баҳо медиҳанд.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2024-ум 73 млрд сомониро ташкил медиҳад, ки аз он 31,1 дарсадашро маҳсулоти чорводорӣ ва 68,9 дарсадашро маҳсулоти соҳаи рустанипарварӣ ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар панҷ моҳи соли 2025 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ маблағи 10 155,2 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум бо нархи муқоисавӣ 0,4 дарсад зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда аз ҷумла дар соҳаи чорводорӣ 6 137,3 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 6,0 дарсад зиёд мебошад. Дар соҳаи рустанипарварӣ ба 4 017,9 млн сомонӣ баробар буда, 7 дарсад кам мебошад [1].

Акнун саволе ба вуҷуд меояд, ки чаро бо дарназардошти зиёд гардидани самти чорводорӣ нархи маҳсулоти чорводорӣ бениҳоят баланд мегардад? Ба назари мо, мушкилот танҳо дар боло рафтани нархи хӯроки чорво буда, ин раванд ба арзиши аслии маҳсулоти соҳа таъсир мерасонад. Дар баъзе аз мавридҳо олимон зотҳои чорворо низ нисбат медиҳанд, ки ба арзиши аслии маҳсулот таъсири худро мерасонад. Аммо барои нигоҳубини чорвоҳои зоти хушзот нигоҳубин ва хӯроки хушсифат лозим аст, зеро қариб 85 дарсади чорво ҳоло ҳам бо усули анъанавӣ тариқи чарогоҳҳо парвариш карда мешавад, ки ин самаранокии соҳаро таъмин карда наметавонад.

Барои мушаххас кардани ин боз як таҳлили дигари соҳаи кишоварзиро зарур мешуморем. То соли 2024 аз рӯйи маълумоти Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ масоҳати умумии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 137,9 ҳазор гектарро ташкил медод (141 370 км^2), ки аз онҳо 3 683 500 гектар заминҳои истифодаи кишоварзӣ мебошанд. Аз ин миқдор 2 829 700 гектар чарогоҳ ва 861 500 гектар заминҳои киштро ташкил медиҳанд. Заминҳои обёришаванда бошад, 766 000 гектарро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда 88,11 дарсади заминҳои кишоварӣ ва 20,79 дарсади заминҳои умумии истифодаи кишоварзӣ мебошад [1]. Аммо барои мо саҳми заминҳои киштшаванда ва чарогоҳ муҳим мебошад, ки дар диаграммаи 3 нишон дода шудааст.

Диаграммаи 3.

Саҳми заминҳои чарогоҳ ва кишт дар миқёси заминҳои умумии истифодаи кишоварзӣ, бо %.



Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси маълумоти омории солонаи 2024.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки бо дарназардошти зиёд будани заминҳои чарогоҳҳо, он самаранокӣ надошта, нигоҳубини чорвоҳо мушкил гардида истодааст. Ҳатто дар шароити имрӯза чарогоҳҳо нисбатан камҳосил гардида, барои хӯронидани онҳо масрафи иловагӣ лозим меояд, ки ин раванд бевосита ба арзиши аслии маҳсулоти соҳаи чорводорӣ таъсири ногузир мерасонад.

Аз таҳлилҳои дар боло овардашуда маълум гардид, ки соҳаи чорводорӣ на танҳо дар сабади истеъмолии аҳолӣ, балки дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳим дошта, дар шароити имрӯза нархи маҳсулоти соҳа нисбат ба самти рустанипарварӣ усулҳои нави идоракуниро талаб менамояд. Бо дарназардошти ин, метавон якчанд пешниҳодҳо намуд, ки имконияти рушди ин соҳаро таъмин карда тавонад.

1. Вобаста ба болоравии нархи маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем, ки миқдори чорво дар ҷумҳурӣ аниқу муайян карда шавад.

2. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани истеҳсоли хӯроки чорво, аз ҷумла барои чорвои калони шохдор ва чорвои майда, муҳим мебошад.

3. Ба маротиб зиёд намудани ҳавзҳои моҳипарварӣ тариқи додани имтиёзҳо ва дастгирии давлатӣ. Хусусан, он таҷрибае, ки барои истеҳсоли маҳсулоти соҳа пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла дар соҳаи моҳипарварӣ, чунин иқдомро роҳандозӣ намудан лозим аст.

4. Хушзотнамоии чорво тариқи дураганомоии чорвои маҳаллӣ.

5. Пешгирӣ кардани касалиҳои чорво ва гузаронидани эмҳои онҳо дар тамоми соҳа.

6. Коркарди пашм ва пӯсти чорво баҳри ҳавасмандии фермерҳо.

Дар умум, маълум мегардад, ки нақши маҳсулоти чорводорӣ, пеш аз ҳама, дар сабади истеъмолии аҳолӣ басо муҳим мебошад. Ҳамзамон, саҳми соҳаи чорводорӣ дар соҳаи кишоварзӣ камтар мебошад ва ин раванд кафолати онро дода наметавонад, ки маҳсулоти чорводорӣ дар саноат коркард шавад (бахусус, истеҳсоли гӯшт), зеро барои саноатӣ намудан, ҳатман ҳиссаи он дар соҳа зиёд бошад ва арзиши баланд надошта бошад. Аз ин лиҳоз, дар солҳои минбаъда барои рушди ин самт чораҳои мушаххас андешидан лозим аст, чунки мо на дар бораи паст кардани арзиши ин маҳсулот, балки чӣ гуна роҳу усулҳоеро истифода намоем, ки нархи он дар бозор баланд нагардад.

АДАБИЁТ

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. –Саҳ. 2075. –429 с.

3. Иброҳимзода И. Таъмини амнияти озуқаворӣ омили муҳимми беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагонӣ [Матн]. [Захираи электронӣ]. URL; https://old.mts.tj/?p=13541 (Санаи мурочиат: 25.07.2025).

4. Роль и значение отрасли животноводства в обеспечении продовольственной безопасности республики Беларусь [Электроный ресурс]. [текст]:URL https://rep.bsatu.by/bitstream/doc/15912/1/Muchinskaya-P-A-Rol-i-znachenie-otrasli-zhivotnovodstva-v-obespechenii-prodovolstvennoj-bezopasnosti-Respubliki-Belarus.pdf. (Дата обращение: 07.07.2025).

5. Рустамҷони С. Қ. Риояи сабади истеъмолӣ яке аз ҷанбаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ. Рустамҷони С.Қ., Меникулов С. Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”. /№3(83), 2023. –С.147.

6. Рустамҷони С.Қ. Риояи сабади истеъмолӣ яке аз ҷанбаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ [Матн]. [Захираи электронӣ]. URL; https://old.mts.tj/?p=10661 (Санаи мурочиат: 25.07.2025).

7. Скопин А.Ю. Международные организации: учебное пособие. Гос. Ун-т – Высшая школа экономики. – М.: Изд. Дом ГУ-ВШЭ, 2007.

АНАЛИЗ ЗНАЧЕНИЯ ПРОДУКЦИИ ЖИВОТНОВОДСТВА В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

РУСТАМДЖОНИ САИДУЛЛОИ КУЗРАТЗОДА,
кандидат экономических наук, заведующий Управлении анализа макроэкономических проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734024, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992) 901-31-38-68; e-mail: caidullozoda1992@mail.ru;

САИДЗОДА САЙЁДИ МАЙДОН,
директор гостиницы Аппарата Председателя города Душанбе
734024, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Назаршоева 1;
тел.: (+992) 909-99-94-87; e-mail: caid1989@mail.ru;

В статье отражена роль животноводческой продукции в потребительской корзине и обеспечении продовольственной безопасности, что является одной из главных проблем не только нашей страны, но и мира. Учитывая беспрецедентный рост населения и сокращение аграрного сектора, спрос на продукты питания увеличивается. При этом авторы проанализировали, как продукция животноводства напрямую влияет на потребительский спрос и как она влияет на это направление.

Неоспоримо, что аграрный сектор состоит из двух важных направлений: земледелия и животноводства, которые являются единственными факторами обеспечения продовольственной безопасности любой страны. В связи с этим в статье авторы отдельно проанализировали различные направления растениеводства и животноводства. Без растениеводства невозможно развитие животноводства, а также невозможно обеспечить эффективную работу в этой сфере, включая

обеспечение продовольственной безопасности. Сделаны выводы о производстве высококачественной животноводческой продукции и отмечены приоритетные направления обеспечения продовольственной безопасности.

Ключевые слова: *продовольственная безопасность, продукты, животноводство, растениеводство, эффективность, производительность, потребительская корзина, себестоимость, цена, развитие, сельское хозяйство, промышленная продукция.*

THE DEVELOPMENT OF THE LIVESTOCK INDUSTRY IS AN IMPORTANT FACTOR IN ENSURING FOOD SECURITY

RUSTAMJONI SAYDULLOI QUZRATZODA,
Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Analysis
of Macroeconomic Issues of the Center for Strategic Research
under the President of the Republic of Tajikistan
734024, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992) 901-31-38-68; e-mail: caidullozoda1992@mail.ru

SAIDZODA SAYYODI MAYDON,
Director of the Hotel of the Office of the Chairman of Dushanbe city.
734024, Tajikistan, Dushanbe city, Nazarshoev str. 1;
tel.: (+992) 909-99-94-87; e-mail: caid1989@mail.ru

The article reflects the role of livestock products in the consumer basket and ensuring food security, which is one of the main problems not only in our country, but also in the world. After all, taking into account the population growth in the republic, the demand for food is also growing. At the same time, the authors analyzed how livestock products directly affect the consumer basket and its contribution to this area.

Obviously, agriculture consists of the production of food and livestock products, so they are considered the only factor in ensuring food security in any country. In this article, the authors analyzed various areas of crop production and animal husbandry separately. After all, without the development of agriculture, it is impossible to ensure the efficiency of animal husbandry. Along with this, the authors made useful suggestions on the production of high-quality livestock products and priority areas for ensuring food security in the Republic of Tajikistan.

Keywords: *food security, products, livestock, crop production, efficiency, productivity, consumer basket, cost, price, development, agriculture, industrial products.*

УДК 332.1

САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР ҲОШИЯИ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ МАМЛАКАТ

СОДИҚОВА АНИСА ФАРҲОДОВНА,
муовини сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии масъалаҳои соҳибкорӣ ва бахши хусусии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 926 -300 -972; e-mail: anisa.sf@mail.ru

Дар мақолаи мазкур вазъи иқтисодии вилояти Суғд, аз ҷумла нишондиҳандаҳои маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, бозори меҳнат, сохтори саноат, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, соҳибкорӣ, гардиши савдои хориҷӣ ва фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ таҳлил карда шудааст. Қайд гардидааст, ки вилояти Суғд аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфта буда, барои истифодаи пурраи имкониятҳои ҷойдошта ва дар ин замина ривоҷу равнақи вилоят рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ афзалиятнок мебошад. Мавқеи ҷуғрофии вилоят ва робитаҳои иқтисодии сохторҳои тиҷоратию соҳибкорон бо кишварҳои хориҷи наздик ва дур ба таъмини бозори дохилӣ бо молҳои гуногун, рушди содирот ва дар ин замина барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар мусоидат мекунанд.

Калидвожаҳо: *ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, захираҳои меҳнатӣ, саноат, кишоварзӣ, сармоя, минтақаи озоди иқтисодӣ, содирот, воридот, шуғли пурмаҳсул, амнияти озуқаворӣ, амнияти энергетикӣ, нақлиёт, саноаткунонӣ, соҳибкорӣ, соҳибкории инноватсионӣ.*

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ҷиҳати рушди дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи олӣ, яъне баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ, муайян шуда, барои ноил гардидан ба он ҳадафҳои стратегии таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани мамлакат, таъмини амнияти озуқаворӣ бо дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ва саноатикунонии босуръат муайян гардидаанд. Ҳамчунин, “эълон намудани ҳадафи чоруми миллӣ– “Саноатикунонии босуръати кишвар” ва солҳои 2022–2026 ҳамчун “Солҳои рушди саноат” барои дар амал татбиқ намудани нақшаҳои гузошташудаи Ҳукумати кишвар мусоидат мекунад” [18, 179].

Дар ин раванд мавқеи махсусро сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар ишғол менамояд, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда заминаи мусоид фароҳам меорад. Яке аз минтақаҳои рушдёфтаи кишвар вилояти Суғд мебошад, ки дар шимоли мамлакат роҳи муҳимтарини тиҷоратии қадимӣ – Роҳи Бузурги Абрешим ҷойгир буда, бо дигар марказҳои ҷумҳурӣ бо роҳи оҳан, роҳҳои ҳавоӣ ва автомобилӣ пайваст мебошад.

Аз ҷиҳати масоҳат вилоят дар Тоҷикистон ҷойи сеюмро (17,8%[16, С.17]) ишғол менамояд. Бояд қайд кард, ки аз ҳудуди вилоят дарёҳои Сир ва Зарафшон ҷорӣ гардида, барои бо об таъмин намудани аҳолӣ ва истеҳсолот, инчунин, обёрӣ намудани заминҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, дар ҳудуди вилоят обанборҳои Қайроққум, Фарҳод, Каттасой ва Даҳанасой ҷойгиранд. Имрӯзҳо вилоят маркази бузурги саноатӣ ва рушди иқтисодии Тоҷикистон ба шумор рафта, аз 8 шаҳр, 10 ноҳия, 23 шаҳрак ва 93 ҷамоатҳои деҳот иборат буда, маркази он шаҳри Хуҷанд мебошад. Зикр кардан бамаврид аст, ки вилояти Суғд аз даврaҳои қадим яке аз минтақаҳои тараққикардаи иқтисодӣ, стратегӣ ва фарҳангӣ буда, то ҳол дар рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ саҳмгузор мебошад.

Мутобиқи маълумоти пешакии оморӣ, маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд дар соли 2024 бо нархҳои ҷорӣ – 42433,3 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 – 96,3% афзоиш ёфтааст. Таҳлили сохтори маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд дар соли 2023 нишон медиҳад, ки он бештар аз ҳисоби истеҳсоли молҳо – 66%, хизматрасонӣ – 32,9% ва андоз аз маҳсулот–1,1% ташкил гардидааст. Бояд қайд кард, ки ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд тамоюл ба афзоиш дорад. дар баробари ин, дар солҳои 2020–2022 ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд аз 29,3% то 29,9% тағйир афзоиш ёфта, дар соли 2023 он 28,6% ва дар соли 2024 бошад, 29%-ро ташкил дод.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати амалигардонии яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат, яъне вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул “Консепсияи рушди шуғли самараноки аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2040” (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28.05.2022, № 263) ва “Барномаи рушди ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2020, № 570) ба тасвиб расиданд, ки барои баланд бардоштани имкониятҳои бо шуғли пурмаҳсул таъмин гаридани аҳолӣ, баланд бардоштани дониш ва малака, истифдаи технологияҳои замонавӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат менамоянд.

Маврид ба зикр аст, ки тибқи маълумоти омори расмӣ аҳолии вилоят (2966,1 ҳаз. нафар [16] ба 01.01.2025) дар сохтори шумораи аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ 28,9%-ро ташкил дода, дар ҷойи дуюм қарор дорад ва нисбат ба соли 2020 ба 6,6% афзоиш ёфтааст. Инчунин, суръати афзоиши аҳолии вилоят дар соли 2024 – 1,7%, аҳолии шаҳрҳои вилоят – 1,9% ва аҳолии

деҳоти вилоят 1,6%-ро ташкил дод. Ҳамзамон, теъдоди захираҳои меҳнатии вилояти Суғд тибқи маълумотҳои пешакӣ дар соли 2024 ба 1729,7 ҳаз. нафар расид, ки нисбат ба соли 2020-ум – 6,1% афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар теъдоди умумии захираҳои меҳнатии ҷумҳурӣ 27,7%-ро ташкил дод (ниг. ба диаграммаи 1.).

Диаграммаи 1.

Нишондиҳандаҳои бозори меҳнати вилояти Суғд [14, с. 81; 10, с.81; 8, с.78]



Инчунин, дар соли 2024* шумораи аҳолии машғули вилояти Суғд ба 901,8 ҳаз. нафар баробар гардид ва нисбат ба соли 2020-ум – 6,7% афзоиш ёфта, 33,4%-и шумораи умумии аҳолии машғули ҷумҳуриро ташкил дод.

Дар баробари ин, дар соли 2024 ба ҳиссаи вилояти Суғд 35,1% аҳолии дар иқтисодиёт машғули ҷумҳурӣ рост омада бошад ҳам, нисбат ба соли 2020-ум–0,5 банди фоизӣ (дарсадӣ) коҳиш ёфтаат. Дар тақсимоти шумораи кормандони кироякор аз рӯйи навъҳои фаъолияти иқтисодӣ дар вилоят аз шумораи умумии машғулони ҷумҳурӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт 41,1% (соли 2020-ум–41,1%) ва дар бахши хизматрасонӣ 27,6% (соли 2020-ум–28,5%) фаъолият менамоянд.

Бояд гуфт, ки “соҳаи муҳимтарини иқтисодиёти миллӣ, ки ба сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа таъсири ҳалкунанда мерасонад, саноат мебошад. Рушди саноат барои ҳар як давлат ҷиҳати таъмин кардани рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани иқтидори содиротии давлат, рақобатнокии молу маҳсулот, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва умуман, тараққӣ ёфтани давлат замина мегузорад” [19, 177]. Дар мамлакат барои рушди ҳаматарафаи соҳаҳои саноат як қатор стратегияву барномаҳо амалӣ гардида истодаанд, аз ҷумла “Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, инчунин, “Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои давраи то соли 2025” ва “Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025”.

Ба андешаи мо, вилояти Суғд “минтақаи аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфта буда, истихроҷ ва ғанигардонии маъданҳои филизоти ранга ва нодир, истихроҷи тилло, ангишт, нафт, газ, мармар, гранит, гач, истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук, саноати хӯрокворӣ, тиҷорат ва кишоварзӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст” [17]. Инчунин, вилоят аз ангиштсанг ва ангишти бӯр, мис, озекрит, симоб, намак, оҳан, сурма, рангҳои минералӣ, маснуотҳои сохтмонӣ ва дигар сарватҳои зеризаминӣ ғанӣ мебошад. “Айни замон дар заминаи конҳои кушода дар вилояти Суғд корхонаҳои бузурги истихроҷи маъдан ва коркарди маъдан – ҶДММ КМ «Зарафшон» воқеъ дар ҳудуди шаҳри Панҷакент барои истихроҷ ва коркарди маъданҳои тиллодор; ҶДММ «Фон – Яғноб» дар ноҳияи Айнӣ – барои истихроҷи ангишт; ҶДММ КМ «Анзоб» – дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ барои истихроҷ ва коркарди маъданҳои сурмаю симоб фаъолият менамоянд, ки иқтидори иқтисодии вилояти Суғд ва мамлакатро афзун мегардонанд” [20].

Вилояти Суғд дар раванди саноаткунонии кишвар хеле пешсаф буда, ҳар сол дар он корхонаҳои нави саноатӣ ба фаъолият шуруъ менамоянд. Тибқи маълумотҳои омори расмӣ соли 2024 дар ҷумҳурӣ 3774 адад корхонаҳои саноатӣ фаъолият намуданд, ки 32,6%-и онро (1230 адад) корхонаҳои саноатии вилояти Суғд ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2020-ум 77,5% афзоиш ёфтааст, яъне ин нишондидҳанда сол то сол тамоюл ба афзоиш дорад (ниг. ба диаграммаи 2).

Ҳамин тавр, аз маълумоти диаграммаи 2 бармеояд, ки шумораи корхонаҳои саноатии истихроҷи маъдан дар вилояти Суғд дар соли 2024 ба 82 адад расида, 23,4% аз шумораи умумии корхонаҳои саноатии истихроҷи маъдани ҷумҳуриро ташкил дод, яъне дар муқоиса бо соли 2020-ум 46,4% афзоиш ёфт. Ҳамзамон, шумораи корхонаҳои саноатии коркард дар вилояти Суғд дар соли 2024 аз 594 адади соли 2020 ба 1099 адад дар соли 2023 расида, 33,8% аз шумораи умумии корхонаҳои саноати коркарди ҷумҳуриро ташкил дод, яъне дар муқоиса бо соли 2020-ум 1,6 банди фоизӣ (дарсадӣ) афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин, дар соли 2024 теъдоди корхонаҳои истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об дар вилояти Суғд ба 49 адад баробар гардид.

Диаграммаи 2.

Тақсимоти шумораи корхонаҳои саноатии вилояти Суғд аз рӯйи соҳаҳои саноат [14, с.255; 15, с.30; 8, с.20,21; 10, с.185]



Бояд қайд кард, ки ҳаҷми маҳсулоти саноати вилояти Суғд дар моҳҳои январ–декабри соли 2024 ба 30,4 млрд. сомонӣ баробар гардида, 56,4%-и ҳаҷми маҳсулоти саноати ҷумҳуриро ташкил дода, нисбат ба соли 2020-ум 6 банди фоизӣ (дарсадӣ) афзоиш ёфтааст (ниг. ба диаграммаи 3).

Инчунин, агар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар вилояти Суғд аз рӯйи соҳаҳои саноат таҳлил намоем, муайян мегардад, ки ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан дар вилоят сол то сол афзоиш ёфта, дар моҳҳои январ–декабри соли 2024 ба 11033,9 млн. сомонӣ расида, нисбат ба соли 2020 ба зиёда аз 3,86 маротиба афзоиш ёфта, 82,6 дарсади ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати истихроҷи маъдани ҷумҳуриро ташкил дод.



Диаграммаи 3.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд аз рӯйи соҳаҳои саноат [14; с. 256; 15, с. 30; 8, с.19]

Ҳамзамон, дар соли 2024 ҳаҷми маҳсулоти саноати коркарди вилояти Суғд 56,9 дарсади ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати коркарди ҷумҳуриро ташкил дода бошад, ҳам нисбат ба соли 2020 ба миқдори 3,88 банди фоизӣ (дарсадӣ) коҳиш ёфтааст. Ҳаҷми истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об дар вилояти Суғд дар соли 2024 ба 2084,7 млн. сомонӣ расида, нисбат ба соли 2020 дар ҳаҷми аз 85% афзоиш ёфта, 20,5 дарсади ҳаҷми истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва оби ҷумҳуриро ташкил дод.

Дар баробари ин, дар соли 2024 ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан дар сохтори саноати вилоят 36,35%, ҳиссаи саноати коркард 56,78% ва ҳиссаи истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об 6,87 дарсад баробар гардид. Дар

сохтори саноати истихроҷи маъдани вилоят ҳиссаи бештарро саноати истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ доро мебошад (94,4%). Дар сохтори саноати коркард бошад, ҳиссаи бештар ба саноатҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку (48%), истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ (32,3%), истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (8,7%), истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ (5,8%) ва боқимонда 5,1% дигар соҳаҳо мебошанд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ, шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ дар вилояти Суғд дар соли 2024-ум 36,3 ҳаз. нафар, аз ҷумла коргарон 29,21 ҳаз. нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020 ба 9,3% ва 14,4% афзоиш ёфтаанд.

Соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти кишвар нақши муҳим дошта, барои таъмини бехатарии озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди дигар соҳаҳои алоқаманд мусоидат менамояд. Соҳаи кишоварзии вилояти Суғд низ мисли дигар минтақаҳои кишвар аз рустанипарварӣ (маҳсулоти ғалладона, сабзавоткорӣ, мевапарварӣ) ва чорводорӣ (чорвои калон, гӯсфанд, буз, паранда) иборат мебошад. Соҳаи моҳипарварӣ низ хеле рушд ёфтааст.

Вобаста ба мавқеи ҷуғрофии соҳаи кишоварзии вилояти Суғд, пажуҳишгар Д.Ғуфронов иброз медоранд, ки: “дар қисми Фарғонаи водии вилоят, сарфи назар аз нисбатан кам будани захираҳои замин барои киштзорҳо ва ниҳолҳои бисёрсола, шароити табиӣ ва иқлимӣ бештар ба рушди соҳаҳои киштзор ва боғдорӣ мусоидат мекунад. Дар шароити вилояти Суғд ноҳияҳои калони ҷойгиркунии заминҳои кишоварзӣ водиҳои Айнӣ, Панҷакент, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Зарафшон мебошанд. Дар ин минтақаҳо қисми асосии чарогоҳ ва ниҳолҳои бисёрсола мутамарказ шудаанд ”[4].

Бояд қайд кард, ки дар ҳудуди вилоят тибқи маълумоти омори расмӣ дар соли 2023-юм 20,7% масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 28,44% киштзорҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ 40,4% киштзорҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 28,7% киштзорҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ ва 32,5% масоҳати кишти зироатҳои кишоварзии ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд [9, 59-66]. Ҳамзамон, “масоҳати умумии боғҳо дар ҳама бахшҳои хоҷагидории вилоят зиёда аз 70 ҳазор гектарро ташкил медиҳад ва аз ин нишондиҳанда наздики 60 ҳазор гектараш ҳосилдиҳанда мебошад” [3].

Маврид ба зикр аст, ки дар ҷумҳурӣ шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд. Шумораи хоҷагиҳои кишоварзӣ дар вилояти Суғд тамоюл ба афзоиш дошта, дар соли 2023 ба 68823 адад баробар гардида, нисбат ба соли 2020-ум 1,5% афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар соли 2023 дар шумораи умумии хоҷагиҳои кишоварзии ҷумҳурӣ ба 37,93%-

ро ташкил дод. Аз ҷумла шумораи хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ бошад, нисбат ба соли 2020-ум 10,3% зиёд шуда, ба 32 адад расид ва ҳиссаи он дар шумораи умумии хоҷагиҳои давлатии ҷумҳурӣ дар соли 2023 ба 20,25% баробар гардид. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ бошад, дар муқоиса бо соли 2020-ум–1,5% афзоиш ёфта, ба 67294 баробар гардида, дар соли 2023 ҳиссаи шумораи хоҷагиҳои деҳқонии инфиродии вилоят дар шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонии инфиродии ҷумҳурӣ ба 38,1% расид. Ҳамзамон, шумораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва ҷамъиятҳои саҳомии вилоят дар давраи баррасишаванда тамоюл ба афзоиш ёфта, дар соли 2023 нисбат ба соли 2020-ум 38,3% зиёд гардида, ҳиссаи он дар шумораи умумии ҷумҳуриявӣ 38,4%-ро ташкил дод. Ҳиссаи хоҷагиҳои ёрирасони вилоят бошад, дар шумораи умумии хоҷагиҳои ёрирасони ҷумҳурӣ дар соли 2023 ба 47,7% баробар гардида, нисбат ба соли 2020-ум 11,3% афзоиш ёфтааст.

Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва кооперативҳо фаъолият менамоянд, ки 25,9 дарсади онҳоро хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва кооперативҳои вилояти Суғд ташкил медиҳанд. Аммо бояд қайд кард, ки дар давоми солҳои 2020–2023 шумораи хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва кооперативҳо ҳам дар миқёси ҷумҳурӣ ва ҳам дар вилояти Суғд тамоюл ба коҳиш дошта, дар соли 2023 нисбат ба соли 2020 шумораи хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва кооперативҳои ҷумҳурӣ ба миқдори 5,8% ва вилояти Суғд бошад, ба миқдори 8,6% коҳиш ёфтанд. Мавриди зикр аст, ки дар ҳудуди вилоят, ҳамчунин, соҳибкорони инфиродии дар соҳаи кишоварзӣ фаъолияткунанда мавҷуданд, ки шумораи онҳо дар соли 2023-ум 50 ададро ташкил медиҳад. Инчунин, дар вилоят Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва истифодабарандагони об фаъолият менамояд.

Агар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро таҳлил намоем, муайян мегардад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят дар соли 2024 нисбат ба соли 2020-ум 45% афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умимии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ 30,3%-ро ташкил дод, вале ҳиссаи он нисбат ба соли 2020-ум 0,5 банди фоизӣ (дарсадӣ) коҳиш ёфтааст (диаграммаи 4). Сохтори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилоят дар соли 2024 аз маҳсулоти рустанипарварӣ 69,12%, чорводорӣ 30, 88% ва моҳипарварӣ 0,1% иборат буд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рустанипарварии вилояти Хатлон дар соли 2024 ба 15471,6 млн. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2020-ум 40,7 дарсад зиёд гардидааст. Ҳамзамон, агар ба ҳиссаи вилоят дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ назар андозем маълум мегардад, ки он тамоюл ба коҳиш дошта, соли 2024-ум – 30,4%-ро ташкил дод (соли 2020-ум – 30,9%).

Диаграммаи 4.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд [8, с. 22, 34; 7, с. 35; 6, с. 38; 5, с. 40; 9, с. 16]



Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар вилояти Суғд низ сол то сол зиёд гардида, соли 2024 он ба 6911,6 млн. сомонӣ расид ва нисбат ба соли 2020-ум 56,4% афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳслуоти чорводории ҷумҳурӣ 30,1%-ро ташкил дод. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти моҳипарварӣ дар вилоят соли 2024 ба 22,6 млн. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2020-ум 28,4% зиёд гардид ва ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти моҳипарварии ҷумҳурӣ 16,5%-ро ташкил дод.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди фаъолияти сармоягузориву соҳибкорӣ як қатор барномаҳо, аз ҷумла “Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027”, “Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 қабул карда шуда, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», аз санаи 10 январи соли 2025, таҳти № 915 ба тасвиб расид.

Фазои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд хеле мусоид мебошад. Тибқи маълумоти омори расмӣ ҳаҷми сармоягузориҳо дар вилоят тамоюл ба афзоиш доранд. Ҳаҷми сармоягузориҳо дар соли 2023 ба 586,1 млрд. доллар расида, нисбат ба соли 2020 ба зиёда аз 3,97 баробар афзоиш ёфтааст. Инчунин, ҳаҷми сармояи мустақим дар соли 2023 нисбат ба соли 2020-ум 61,1% зиёд гардида, ба 128,23 млн. доллар баробар шуд. Ҳаҷми сармояҳои дигар низ афзоиш ёфта, дар соли 2023 ба 457,87 млн.доллар баробар гардида, нисбат ба соли 2020-ум 6,74 баробар зиёд гардидааст.

Дар баробари ин, “дар ҷумҳурӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ фазои мусоид фароҳам оварда шудааст. Ҳамзамон, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани шароит пайваста иқдомҳои нав ба нав аз ҷониби Ҳукумати мамлакат андешида мешаванд *(ташаккули соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ, ислоҳот дар самти санҷиши субъектҳои хоҷагидор, эълони моратория, ворид намудани тағйирот ба Кодекси андоз ва ғайра.*)” [2].

Мавриди зикр аст, ки соҳибкорони вилоят низ саҳми арзандаи худро дар пешбурди иқтисодиёти кишвар мегузоранд. Таҳлили шумораи субъектҳои хоҷагидор нишон медиҳад, ки дар соли 2024 дар вилояти Суғд 27,8% шахсони ҳуқуқии фаъолияткунанда ва 35,6% соҳибкорони инфиродии фаъолияткунанда фаъолият менамоянд. Шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар вилоят тамоюл ба афзоиш дошта, соли 2024 нисбат ба соли 2020 шумораи шахсони ҳуқуқии фаъолияткунанда 19,44% ва соҳибкорони инфиродии фаъолияткунанда 5,54% афзоиш ёфтаанд (ниг. ба диаграммаи 5).

Диаграммаи 5.

Шумораи соҳибкорон дар ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд [8, с.59; 14, с.222; 13, с. 222; 12, с. 219; 11, с. 347]



Ҳамчунин, вилояти Суғд дар рушди соҳибкории инноватсионӣ яке аз пешсафон буда, корхонаҳои нав бо таҷҳизотҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Чунончи, дар соли 2024 дар вилояти Суғд 499 адад шахсони ҳуқуқии навтаъсис ба қайд гирифта шудаанд, ки 23,3% шахсони ҳуқуқии навтаъсиси ҷумҳуриро ташкил медиҳанд [8, 60].

Маврид ба зикр аст, ки тайи солҳои 2024 – 2025 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд якчанд корхона бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ гардиданд, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят хеле нақши назаррас доранд, чунончи:

–дар шаҳри Хуҷанд ба истифода додани ҶДММ “Азияполитекс” (корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропиленӣ), Маҷмааи савдою хизматрасонӣ ва истиқоматии “Сомон-плаза”, Маркази нейрокардию эндоҷарроҳии “Луқмони Ҳаким”, корхонаи “Сайри Суғд” (истеҳсоли бозичаҳои кӯдакона ва мотороллерҳои барқӣ), ҶДММ “Тоҷпанел”, ҶДММ КМТТ “Афранг-Пластик”, корхонаи коркарди меваю сабзавоти ҶДММ “ДороАртФуд”, корхона ва коргоҳҳои ҶДММ “Сирдарё” ва нахуст корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонии пенополистролӣ;

–дар ноҳияҳои Ҷаббор Расулов ва Бобоҷон Ғафуров ифтитоҳи Боғи нави кооперативӣ (Кооперативи тиҷоратии хоҷагии ҷамоавии ба номи Т. Қӯшатов), токзори чойлобӣ (хавозавӣ) (аз ҷониби Хоҷагии деҳқонии ба номи Б. Боймирзоев), хатти оби полезӣ дар мавзеи Сомғор, токзори чойлобӣ (хавозавӣ) дар “Боғи миллии Вахдат”, ҶДММ “Озода Косметикс”, коргоҳҳои дӯзандагӣ, қолинбофӣ ва коргоҳи коркарди мева дар маркази деҳоти Овчиқалъача, хатти оби полезӣ, корхонаи парандапарвории ҶДММ “Анқо –

Инвест”, ҳавзҳои парвариши гулмоҳии ҶДММ “Корпоратсияи моҳии тоҷик”, корхонаи истеҳсоли пардаҳои полиэтилении ҶДММ “Технологияи полимерӣ”, корхонаи парандапарварии ҶДММ «Назар», корхонаи истеҳсоли пойафзори ҶДММ “Фарағатбону”, боғи интенсивии филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, корхонаи истеҳсоли қубуру профилҳои металлии ҶДММ “Суғдметалл”, корхонаи истеҳсоли равғани ҶСП “Зуҳал”, ҶДММ “Ситора саноат” истеҳсоли ашёи рӯзгор ва корхонаи парандапарварии комплекси агросаноатии ҶДММ “Саховат”;

–дар шаҳри Гулистон ба истифода додани фабрикаи парандапарварии ҶДММ “Ганҷи Сомон”, корхонаи ҶДММ “Мурғи бебаҳо” ва сардхона, коргоҳи истеҳсоли қолинҳои ҶСК “Қолинҳои Қайроққум”;

–дар шаҳри Истиқлол ба истифода додани коргоҳи нонпазӣ ва қаннодии “Файзи Истиқлол”, хатти оби полезӣ барои бунёди боғи истеҳсоли хуч ва коргоҳи дӯзандагию колинбофӣ, гузоштани санги асоси бунёди марҳалаи дуюми корхонаи металлургии истеҳсоли сурб, нуқра ва мис дар Минтақаи саноатии Тоҷикистону Ҷумҳурии Мардумии Чин;

–дар шаҳри Бӯстон ифтитоҳи Маркази ташхису табобатии “Луқмони Ҳаким”, корхонаи истеҳсоли пойафзор дар назди Корхонаи фаръии зардӯзию заргарӣ ва касбомӯзии “Зари Суғд”, корхонаи истеҳсоли газаблоки ҶДММ “Хишти муосири аълосифат”, тарабхона ва меҳмонхонаи панҷошёнаи “Кайҳон” дар ҶСК Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд;

–дар шаҳри Истаравшан ба истифода додани корхонаи истеҳсоли антифризи ҶДММ “Кӯли Сарез”, корхонаи истеҳсоли сутунпояҳои оҳану бетонии баркӣ ва таъмиру навсозии трансформаторҳои ҶДММ «Истаравшан Энерго», корхонаи «Сино медикал», корхонаи истеҳсоли ҷиҳози кӯдаконаи ҶДММ “Адл”, марҳалаи дуюми коргоҳи истеҳсоли дучарха ва бозичаҳои гуногуни ҶДММ «Адл»;

–дар ноҳияи Зафаробод ифтитоҳи коргоҳи дӯзандагӣ ва қолинбофии дастӣ аз абрешими «Шарифамоҳ», корхонаи коркарди пахта ва истеҳсоли равғани рустанӣ дар ҶДММ “Кони ганҷ”, хатти оби полезӣ дар мавзеи Заррези Ҷамоати деҳоти ба номи Абдурраҳмони Ҷомӣ ва хоҷагии моҳипарварӣ;

–дар ноҳияи Айнӣ оғози корҳои сохтмонии корхонаи ҶСК “Паҳндара Майнинг”, ҶДММ “АРБ Минералс ГРУПП”, ҶСК “Ангишти Тахт” ва марҳалаи дуюми корхонаи ҶДММ “ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ”;

–дар шаҳри Панҷакент ба истифода додани корхонаи истеҳсоли шифери ҶДММ “Салмон-Бинокор”;

–дар ноҳияи Деваштич коргоҳи пойафзор ва маводи шустушӯйии “Раҳматулло”, коргоҳи дӯзандагӣ ва қолинбофии “Ёсуман” ифтитоҳ гардида, дар деҳаи Басмандаи ноҳия хатти оби полезӣ бо се чоҳи амудӣ ба истифода дода шуд.

Дар вилоят Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” (МОИ “Суғд”) фаъолият менамояд. Тибқи маълумоти сомонаи расмии МОИ “Суғд” ба ҳолати 01.01.2025 дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар 107 ширкати ватанӣ ва хориҷӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки 41 субъекти он дар Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” фаъолият менамоянд. Инчунин, моҳи марти соли 2025 дар МОИ “Суғд” корхонаҳои ҶДММ “Тоҷпанел” ва ҶДММ КМТТ “Афранг Пластик” ифтитоҳ гардиданд, ки ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (панелҳо) ва истеҳсоли профилҳои пластикӣ машғуланд [1].

Вилояти Суғд дар минтақаи мусоиди ҷуғрофӣ, дар буриши роҳҳои оҳан ва роҳҳои мошингарди кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷойгир мебошад. Таҷдид ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ намудани роҳҳои мошингард, ба истифода додани нақбҳо ва фурудгоҳҳо, инчунин, рақамикунонии соҳаи нақлиёт барои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани мамлакат нақши назаррас доранд. Вилоят бо бисёр кишварҳои хориҷи наздик ва дур муносибатҳои содиротию воридотӣ дорад. Дар сохтори содироти вилояти Суғд ҳиссаи бештарро Чин – 35,2%, Қазоқистон – 32,9%, Ӯзбекистон – 11,6%, Эрон – 6,3%, Русия – 5,2% ташкил дода, ҳиссаи Туркия – 3%, Италия – 2% ва Сингапур – 1,3% ва дигар давлатҳо 2,5% мебошад. Дар баробари ин, дар сохтори воридоти вилояти Суғд ҳиссаи бештарро Қазоқистон – 28,6%, Русия – 26,3%, Чин – 13,7%, Ӯзбекистон – 8,3%, Корея – 6,2%, Литва – 4,8% ва Беларус 1,9% доро буда, ҳиссаи дигар давлатҳо 7,8%-ро ташкил медиҳад.

Диаграммаи 6.

Ҳиссаи шарикони асосӣ дар содирот ва воридоти вилояти Суғд [10, 294]



Ҳамчунин, агар ҳаҷми гардиши савдои хориҷии вилояти Суғдро таҳлил намоем, маълум мегардад, ки он тамоюл ба афзоиш дошта, дар соли 2024 ба 3305,5 млн. доллар расидааст, ки нисбат ба соли 2020-ум 98,2% зиёд мебошад. Ҳаҷми содироти вилоят низ дар навбати худ зиёд гардида, дар соли 2024-ум 1034,9 млн. доллархо ташкил дод ва нисбат ба соли 2020-ум 2,93 баробар афзоиш ёфт. Ҳаҷми воридоти вилоят ҳам сол то сол

афзоиш ёфта, дар соли 2024 ба 2270,63 млн. доллари ИМА баробар гардид ва нисбат ба соли 2020-ум 72,8% зиёд шуд.

Ҳамин тавр, таҳлил нишон медиҳад, ки дар замони муосир тараққиёти устувори ҳама гуна давлат аз иқтидори иқтисодӣ, табиӣ, захиравӣ, ҳаҷми иқтидори истеҳсолӣ, дастовардҳои илму техника, мавҷудияти роҳҳо ва воситаҳои нақлиёт, дараҷаи тараққиёти соҳаи хизматрасонӣ, инчунин, миқдор ва сифати захираҳои меҳнатӣ вобаста буда, самаранок истифода бурдани он вазифаи аввалиндараҷа мебошад. Бояд қайд кард, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар рушди соҳибкорӣ, махсусан, соҳибкории инноватсионӣ нақши назаррасро мебозад. Дар ин раванд рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ барои истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва баланд бардоштани иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Вилояти Суғд минтақаи аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта буда, маркази бузурги саноатии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, бояд ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодии минбаъдаи на танҳо вилояти Суғд, инчунин, дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ барои пеш бурдани фаъолияти соҳикории инноватсионӣ дар самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт мусоидат намуд. Ҳамзамон, дар вилояти Суғд барои пешбурди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ самтҳои афзалиятнок саноати коркард, саноати истихроҷ, кишоварзӣ, хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт, саноати хӯрокворӣ, дорусозӣ ва хизматрасонии техникӣ мебошанд.

АДАБИЁТ

1. 13-е заседание Совета наблюдателей свободных экономических зон прошло в Министерстве экономического развития и торговли. [Захираи электронӣ] URL: http://fezsughd.tj/2025/04/21/13-e-zasedanie-soveta-nablyudateley-svobodnyikh-ekonomicheskikh-zon-proshlo-v-ministerstve-ekonomicheskogo-razvitiya-i-torgovli/ (Санаи мурочиат: 22.04.2025)

2. Содиқова А.Ф. Таҳлили вазъи фаъолияти соҳибкорӣ дар семоҳаи аввали соли 2025. [Захираи электронӣ] URL: https://mts.tj/?p=1708 (санаи мурочиат 17.06.2025)

3. Шиносоӣ бо раванди бунёди боғи интенсивӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров. [Захираи электронӣ] URL: https://prezident.tj/event/domestic_trips/50194 (Санаи мурочиат 01.07.2025)

4. Ғуфранов Д.Н. Перспективные направления развития сельского хозяйства в Согдийской области. URL:https://cyberleninka.ru/article/n/perspektivnye-napravleniya-razvitiya-selskogo-hozyaystva-v-sogdiyskoy-oblasti/viewer [Захираи электронӣ] (Санаи мурочиат: 11.06.2025)

5. Маҷмуаи омории “Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҶТ”, январ–декабри соли 2020, АОНПҶТ

6. Маҷмуаи омории “Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҶТ”, январ–декабри соли 2022, АОНПҶТ

7. Маҷмуаи омории “Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҶТ” Январ-декабри соли 2023, АОНПҶТ

8. Маҷмуаи омории “Вазъи иҷтимою иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ–декабри соли 2024, АОНПҶТ

9. Маҷмуаи омории “Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон “, АОНПҶТ, 2024

10. Маҷмуаи омории “Омори солонаи вилояти Суғд”, САОНПҶТВС, 2024

11. Маҷмуаи омории “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, АОНПҶТ, 2021

12. Маҷмуаи омории “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, АОНПҶТ, 2022

13. Маҷмуаи омории “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, АОНПҶТ, 2023

14. Маҷмуаи омории “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, АОНПҶТ, 2024

15. Маҷмуаи омории “Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, АОНПҶТ, 2024,–С. 30

16. Маҷмуаи омории “Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2025”, АОНПҶТ, 2025

17. Содиқова А.Ф. Нақши вилояти Суғд дар иқтисодиёти Тоҷикистон. [Захираи электронӣ] URL: https://mts.tj/naқshi-viloyati-suғd-dar-iқtisodiyoti-toҷikiston/(Санаи мурочиат: 13.12.2024)

18. Салихов Ҷ.Б. Нақши Пешвои миллат дар амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар. [Захираи электронӣ] https://t.vestnik.mts.tj/wp-content/grand-media/application/85.pdf стр.179, (Санаи мурочиат: 05.09.2025);

19. Содиқова А.Ф. Таҳлилу арзёбии вазъи фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи саноат. [Захираи электронӣ] URL: http://t.vestnik.mts.tj/wp-content/grand-media/application/75.pdf (Санаи мурочиат: 10.09.2025);

20. Ҳақбердиев Ҳ.М. Ҷанбаҳои иқтисодӣ-географии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити нави иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди ҶТ): автореф. дисс...н.и.и.: 25.00.24 [Захираи электронӣ] URL: https://tgpu.tj/images/stories/6D.KOA_058Geo/Hakberdiev_H/Avtorefera.pdf (Санаи мурочиат: 06.09.2025).

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ В РАМКАХ СТРАТЕГИЧЕСКИХ ЦЕЛЕЙ СТРАНЫ

САДЫКОВА АНИСА ФАРХОДОВНА,
заместитель начальника Управления анализа и прогнозирования вопросов предпринимательства и частного сектора Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992) 926-300-972, e-mail: anisa.sf@mail.ru

В данной статье анализируется состояние развития экономики Согдийской области, в том числе показатели валового регионального продукта, рынка труда, структуры промышленности, инвестиций, сельского хозяйства, предпринимательства, внешнеторгового оборота и деятельности свободной экономической зоны. Было отмечено, что Согдийская область промышленно развита, и для полного использования имеющихся возможностей, и на этой основе процветания области приоритетным является развитие инновационного предпринимательства. Географическое положение области и экономические связи бизнес-структур и предпринимателей со странами ближнего и дальнего зарубежья способствуют обеспечению внутреннего рынка разнообразными товарами, развитию экспорта и на этой основе достижению стратегических целей страны.

Ключевые слова: *географическое положение, трудовые ресурсы, промышленность, сельское хозяйство, инвестиции, свободная экономическая зона, экспорт, импорт, продуктивная занятость, продовольственная безопасность, энергетическая безопасность, транспорт, индустриализация, предпринимательство, инновационное предпринимательство.*

THE MAIN DIRECTIONS OF DEVELOPMENT OF ECONOMIC INDICATORS OF SUGHD REGION WITHIN THE FRAMEWORK OF THE COUNTRY'S STRATEGIC GOALS

SODIQOVA ANISA FARHODOVNA,
Deputy Head of the Department of analysis and forecasting of entrepreneurship issues and the private sector of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki str. 89;
tel.: (+992) 926-300-972; e-mail: anisa.sf@mail.ru

This article analyzes the economic situation in Sughd region, including indicators of the regional commodity complex, the labor market, the structure of industry, investment, agriculture, entrepreneurship, foreign trade turnover and the activities of the free economic zone. It was noted that Sughd region is

industrially developed, and the development of innovative entrepreneurship is a priority for the full use of existing opportunities and, on this basis, the prosperity of the region. The geographical location of the region and the economic ties of business structures and entrepreneurs with the countries of the near and far abroad contribute to providing the domestic market with a variety of goods, developing exports and, on this basis, achieving the country's strategic goals.

Keywords: *geographical location, labor resources, industry, agriculture, capital, free economic zone, export, import, productive employment, food security, energy security, transport, industrialization, entrepreneurship, innovative entrepreneurship.*

УДК: 338.1(575.3)

ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМИНАИ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(таҳлили натиҷаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2024 – 2025)

САЛИХОВ ҶАМШЕД БОБОХАЛИЛОВИЧ,
муовини сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии иқтисодиёти соҳавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992) 904-14-03-14; e-mail: salikhov9696@mail.ru

Пеш бурдани сиёсати самараноки иқтисодӣ бо мақсади таъмини рушди босуботи иқтисодиёт, ба роҳ мондани идоракунии он дар асоси стратегияҳои миллии дарозмуддат, қабули қонуну қарорҳои ба талаботи замон ҷавобгуй, ташкили шароити мусоид барои рушди истеҳсолот ва соҳибкорию сармоягузорӣ асоси таъмини рушди устувори иқтисодиёти дилхоҳ мамлакат мебошад. Дар мақола таҳлили таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ, имкониятҳои таъмини нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва ташаккули ҳаёти воқеии иқтисодиёти миллии кишвар дар нимсолаи аввали соли 2025 васеъ фаро гирифта шудааст.

Муаллиф дар мақолаи мазкур рушди ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳо, аз байн рафтани монеаҳо дар тиҷорат, сохтмони коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ва дар ин замина фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳаи сайёҳӣ, зиёдшавии шумораи сайёҳон, гардиши молу хизматрасонӣ, даромадҳои пулии аҳолӣ, шумораи автомобилҳою ҳавопаймоҳо ва роҳҳои нову локомотивҳоро дастовардҳои муҳимми иқтисоди миллӣ унвон додааст.

Калидвожаҳо: *иқтисоди "сабз", сиёсати хориҷӣ, иқтисоди миллӣ, ҳамкориҳои судманд, созишнома, савдои хориҷӣ, рушди иқтисодӣ, тавсеаи ҳамкориҳо, сармоягузорӣ, энергияи сабз, минтақа, дурнамо.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сиёсати созандаву бунёдкорона ва башардӯстонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди иҷтимоию иқтисодиро дар заминаи ҳадафҳои дар "Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030" пешбинигардида таъмин намуда истодааст. Дар ин самт таъмини истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат аз ҷумлаи ҳадафҳои муҳимми стратегӣ эълон гардиданд. Дар баробари ин, беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тавассути ҳалли масъалаҳои рушди устувор, тақвияти неруи инсонӣ, рушди имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, ташаккули вазъи бозори меҳнат ва

таъмини шаҳрвандон бо шуғли пурмаҳсул ҳамчун омилҳои асосии расидан ба ҳадафҳои стратегӣ муайян карда шуданд.

Дар давоми нимсолаи аввали соли 2025-ум бо андешидани чораҳои муҳимми иқтисодӣ, таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин карда шуд. Дар ин давра ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 70856,4 млн. сомонӣ баробар гардид, ки суръати рушди он 8,1 дарсадро ташкил намуд. Ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 17,4 дарсад, кишоварзӣ 15,9 дарсад, сохтмон, 7.1 дарсад, тиҷорат ва хизматрасонӣ 18,5 дарсад, нақлиёт ва хоҷагии анбор, алоқа 8,8 дарсад, дигар навъи хизматрасониҳо 20,3 дарсад ва андозҳои холис аз маҳсулот 12 дарсад таъмин гардид. Сатҳи таваррум дар ин давра 3,5 дарсадро ташкил дод, ки тағйироти (болоравии) нархи маҳсулоти озуқаворӣ 0,1 дарсад, пастравии нархи молҳои ғайриозуқаворӣ 0,2 дарсад ва арзиши хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ 0,4 дарсад таъсир расонданд [1].

Гардиши тиҷорати хориҷӣ дар давоми моҳҳои январ – июни соли 2025 тамоюли мусбат дошта, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,2 дарсад ё 316,6 млн. доллари ИМА афзоиш ёфтааст. Тадбирҳо ҷиҳати содагардонии расмиёти савдои хориҷӣ ва ба талаботи байналмилалӣ мувофиқ намудани ин низом имкон дод, ки доираи ҳамкории тиҷоратӣ васеъ гардад. Шарикони тиҷоратии Тоҷикистон асосан давлатҳои Русия, Чин, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Эрон. Беларус, Корея, Туркия, Олмон, Афғонистон, Ҷопон, ИМА, Ҳиндустон ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Дар сохтори гардиши тиҷорати хориҷӣ ба ҳиссаи мамлакатҳои ИДМ 45,1 дарсад (2131,8 млн. доллари ИМА) ва ба ҳиссаи мамлакатҳои хориҷи дур 54,9 дарсад (2599,3 млн. доллар) рост меояд, ки ин нишондиҳандаро тавассути диаграммаи 1 мушоҳида карда мумкин аст.

Диаграммаи 1.

Нишондиҳандаҳои гардиши тиҷорати хориҷӣ дар давоми моҳҳои январ – июни солҳои 2024-2025

(млн. доллар)



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ–июни соли 2024, саҳ. 103 ва “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2025, саҳ. 107.

Тибқи маълумоти диаграммаи 1 гардиши тиҷорати хориҷӣ дар давоми моҳҳои январ – июни соли 2025-ум ба 4731,1 млн. доллар баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 316,8 млн. доллар бештар мебошад. Содироти мол дар ин давра маблағи 955,3 млн. доллярро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2024-ум 4,3 дарсад ё 42,5 млн. доллари ИМА коҳиш ёфтааст. Воридот ба маблағи 3775,8 млн. доллари ИМА баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум ба андозаи 10,5 дарсад ё ин ки 359,3 млн. доллар зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ давра аз Тоҷикистон асосан молҳои зерин содир карда шудааст: филизоти арзон ва маснуоти онҳо 47,3 дарсад, маҳсулоти маъданӣ 35,0 дарсад, газвори нассоҷӣ ва маснуоти онҳо 10,3 дарсад, маҳсулоти рустанипарварӣ 3,5 дарсад, маҳсулоти саноати кимиё 1,3 дарсад, мошинолот ва таҷҳизот 0,2 дарсад ва дигар маҳсулотҳо 2,4 дарсадро ташкил намуданд.

Дар нимсолаи аввали соли 2025-ум ба Тоҷикистон молу ашёи зерин: маҳсулоти маъданӣ, 17,4 дарсад, мошинолот ва таҷҳизот 14,2 дарсад, филизоти арзон ва маснуоти онҳо 10,8 дарсад, маҳсулоти тайёри озуқа 7,9 дарсад, маҳсулоти саноати кимиё 7,2 дарсад, маҳсулоти рустанипарварӣ 7,1 дарсад, чӯбу тахта ва маснуоти онҳо 4,3 дарсад, ашёи полимерӣ, резина ва маснуоти онҳо 3,6 дарсад, чарбу равғани чорво ва рустанӣ 2,4 дарсад ва дигар маҳсулот 25,1 дарсад ворид карда шуданд [1].

Саноат яке аз соҳаҳои афзалиятнок, хусусан, тавлидкунандаи асосии неъматҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, Ҳукумати кишвар ҳамеша барои таъмини рушди истеҳсолоти молӣ ва содироти маҳсулоти тайёри дорои арзиши баланди иловашуда бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хом ва коркарди пурраи онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, ки рушди соҳаи саноат дар нимсолаи аввали соли 2024-ум ва ҳамин давраи соли 2025-ум дар диаграммаи 2 нишон дода шудааст.

Диаграммаи 2.

Нишондиҳандаҳои рушди соҳаи саноат дар нимсолаи аввали соли 2024 ва соли 2025

(млн. сомонӣ)



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2024, саҳ.14 ва “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2025, саҳ. 14.

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои диаграммаи 2 муайян мегардад, ки дар нимсолаи аввали соли 2025-ум 3849 адад коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ дар кишвар мавриди фаъолият қарор доштанд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 269 адад бештар мебошад. Аз ҷумла дар соҳаҳои истихроҷ 351 адад (соли 2024-ум 327), коркард 3323 адад, (соли 2024-ум 3081), таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 72 адад (соли 2024-ум 72) ва таъминоти об ва коркарди партовҳо 103 адад (соли 2024-ум 100) фаъолият менамуданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар нимсолаи якуми соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ якҷо бо соҳибкорони хусусӣ ба 29617 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум ба маблағи 790,2 млн. сомонӣ бештар мебошад ва ҳиссаи соҳа дар ММД – 17,4 дарсадро ташкил намуд. Суръати рушди соҳаи саноат асосан аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷ ба андозаи 1,7 баробар, саноати коркард 5,0 дарсад, таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 13,2 дарсад, таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо 15,9 дарсад таъмин гардидааст. [1]

Дар робита ба ин, бо мақсади рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, ки яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат муайян гардидааст, чораҳои зарурӣ нисбати истеҳсоли бештари маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо молу маҳсулоти кишоварзӣ андешида шуда истодаанд, ки дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ бахши муҳимми иқтисодиёт боқӣ монда, ҳиссаи он дар ММД афзоиш меёбад [2]. Рушди нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ дар нимсолаи аввали соли 2024-ум ва ҳамин давраи соли 2025-ум тавассути диаграммаи 3 нишон дода шудааст.

Диаграммаи 3.

Нишондиҳандаҳои рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали солҳои 2024-2025

(млн. сомонӣ)



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2024, саҳ.22 ва “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2025, саҳ. 22.

Дар давоми моҳҳои январ–июни соли 2025-ум дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 23853,8 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 9,7 дарсад зиёд мебошад. Бояд гуфт, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ асосан аз ҳисоби соҳаи рустанипарварӣ ба маблағи 15891,3 млн. сомонӣ ё ин ки 9,0 дарсад, соҳаи чорводорӣ 7962,5 млн. сомонӣ ё 11,2 дарсад таъмин гардид ва дар ин давра ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД ба 15,9 дарсад баробар гардид.

Дар ин давра, ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ дар ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ 15,3 дарсадро ташкил додааст ва ин нишондиҳанда дар хоҷагиҳои вилояти Суғд 23,8 дарсад, вилояти Хатлон 12,4 дарсад, ВМКБ 1,4 дарсад ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 12,6 дарсад рост меояд. Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ВМКБ 225,7 млн. сомонӣ, вилояти Суғд 6158,6 млн. сомонӣ, вилояти Хатлон 14069,7 млн. сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3399,8 млн. сомонӣ баробар гардидааст.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои саривақтии кишоварзон ва риояи қоидаҳои агротехникӣ, ба ҳолати якуми июли соли 2025 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалла ба 679065 тонна, картошка 267929 тонна, сабзавот 1217009 тонна, маҳсулоти полизӣ 590881 тонна, истеҳсоли мева 297731 тонна, ангур 3738 тонна ва хӯроки чорво 496962 тонна баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум истеҳсоли картошка 819 тонна, маҳсулоти полизӣ 177916 тонна, истеҳсоли мева 72905 тонна, ангур 1034 тонна ва хӯроки чорво 43903 тонна зиёд мебошад. [1]

Гарчи мутобиқ ба “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва барномаҳои дигари ҳукуматӣ минбаъд ба соҳаи саноат диққати бештар дода мешавад, таъмини рушди минбаъдаи соҳаҳои дигар, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун вазифаи асосии сохторҳои давлатӣ боқӣ мемонад. Зеро пешбурди сиёсати самараноки иқтисодӣ рушди мутавозуни ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқро талаб мекунад ва вайрон кардани принсипҳои пешбурди чунин сиёсат метавонад боиси болоравии нархҳо, иҷро нашудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва мушкилиҳои иҷтимоӣ дар кишвар гардад.

Бинобар ин, масъалаи мазкур дар таҳқиқоти коршиноси масоили иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода низ мавриди арзёбӣ қарор дода шуда, мавсуф таъкид меварзад, ки “пешбурди сиёсати дурусти аграрӣ, омода намудани мутахасиссони баландихтисос, омӯзиши таҷрибаи пешрафта, истифодаи комёбиҳои илму техника, дар такя ба таҷрибаи кишварҳои дигар ҷорӣ кардани низоми дастгирии соҳаи кишварзӣ, мусоидат ба фурӯши маҳсулоти он дар бозорҳои байналмилалӣ ва ғайра метавонад ба рушди соҳа мусоидат намояд” [3].

Ҳамзамон, соҳаи нақлиёт дар иқтисодиёти дилхоҳ давлатҳои ҷаҳон яке аз соҳаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, бе бунёди роҳҳои замонавӣ ва рушди соҳаи нақлиёт, самаранокии дигар соҳаҳои хоҷагии халкро тассавур кардан ғайриимкон гардидааст. Бинобар ин, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои стратегӣ муайян гардидааст. Ҳадафи мазкур фарогири бозсозӣ ва сохтмони роҳҳои мошингард, роҳҳои оҳан, пулҳо ва нақбҳо, инчунин, дигар зерсохторҳои нақлиётӣ мебошад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ сохта ба истифода дода шуда истодаанд, ки ин ҷо тавассути диаграммаи 4 хизматрасонии соҳаи роҳу нақлиёт дар давоми нимсолаи аввали соли 2024-ум ва ҳамин давраи соли 2025-ум нишон дода шудааст.

Диаграммаи 4.

Хизматрасонии соҳаи роҳу нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали солҳои 2024 – 2025

(бо тонна)



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2024, саҳ. 44 ва “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2025, саҳ. 44.

Бояд гуфт, ки давоми моҳҳои январ–июни соли 2025-ум дар қаламрави кишвар тавассути ҳама навъҳои нақлиёт 66687,8 ҳазор тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,3 дарсад зиёд мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ 63058,6 млн. тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба нимсолаи аввали соли 2024-ум 9,2 дарсад зиёд мебошад. Тавассути нақлиёти роҳи оҳан 3628,6 млн. тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 12,4 дарсад зиёд мебошад [1].

Ҷиҳати афзоиши ҳаҷми содироти молу маҳсулот ва дастгирии соҳибкорони ватанӣ Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» то 80 дарсад сабукиҳо пешниҳод намуд. Ҳамчунин, бо маъмурияти роҳи оҳани давлатҳои шарик ҳамкории судманд ба роҳ монда шудааст, дар ин

давра аз Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон, Русия ва дигар давлатҳо сабукиҳои назаррас пешбинӣ намуда, дар қатораи мусофирбари Душанбе – Кӯлоб 60 дарсад ва дар мувофиқа бо роҳҳои оҳани давлатҳои Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ба мусофироне, ки пешакӣ чипта харидорӣ менамоянд то 45 дарсад сабукиҳо пешбинӣ шудааст.

Алҳол захираҳои гидроэнергетикӣ ҳамчун сарвати табиӣ барои таъмини истиқлоли энергетикӣ, ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои гузошташудаи Ҳукумати мамлакат бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва маблағгузориҳои буҷетӣ мақсаднок истифода гардида, неругоҳҳои хурду бузург дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ва таҷдиду азнавсозӣ гашта истодаанд.

Диаграммаи 5.

Рушди нишондиҳандаҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали солҳои 2024-2025

(млн. кВт. соат)



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ – июни соли 2024, саҳ. 18 ва “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2025, саҳ. 18.

Дар давоми нимсолаи аввали соли 2025-ум ҳаҷми истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ ва тозакунии ҳаво ба маблағи 5612,1 млн. сомонӣ таъмин гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 956,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Истеҳсоли неруи барқ дар нимсолаи аввали соли 2025-ум 11812,4 млн. кВт. соатро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 1445,5 млн. кВт. соат ё 3,9 дарсад афзоиш ёфт. Содироти неруи барқ бошад, 54887 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум мутаносибан 20111 млн. доллар зиёд гардидааст [1].

Дар ин радиф рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун соҳаи муаррификунандаи давлату миллат, таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои мардуми тоҷик метавонад ба инкишофи ҳамаҷонибаи соҳаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаҳои хизматрасониву маишӣ ва истеҳсолӣ мусоидат намояд. Давоми моҳҳои январ-июни соли 2025-ум шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо дарназардошти ҳама навъи мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 925,7 ҳазор нафарро

ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 177,4 ҳазор нафар ё 23,7 дарсад зиёд мебошад.

Диаграммаи 6

Рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали солҳои 2024 – 2025

(ҳазор нафар)



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2024, саҳ. 125 ва “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2025, саҳ. 125.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки давоми моҳҳои январ – июни соли 2025-ум ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 762,3 ҳазор нафарашон ҳамчун сайёҳ (тибқи методологияи СУС) ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 181,8 ҳазор нафар ё ин ки 31,3 дарсад афзоиш ёфтааст. Аз ин шумора 699,4 ҳазор нафар ба кишварҳои ИДМ, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 168,8 ҳазор нафар ё 31,8 дарсад ва 62,9 ҳазор нафар ба кишварҳои хориҷи дур, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 13 ҳазор нафар ё ин ки 26,0 дарсад афзоиш ёфтааст.

Дар ин давра шаҳрвандони Ӯзбекистон – 527 ҳазор ё 56,9 дарсади шумораи умумии сайёҳон, аз Русия – 248,5 ҳазор нафар ё 26,8 дарсад, Қирғизистон – 49,5 ҳазор нафар ё 5,3 дарсад, Қазоқистон – 17,8 ҳазор нафар ё 1,9 дасрад ва аз Туркманистон – 3,2 ҳазор нафар ё 0,3 дарсадро ташкил медиҳад. Шаҳрвандони мамлакатҳое, ки аз хориҷи дур ба қаламрави Тоҷикистон ворид шудаанд, асосан, аз Ҷумҳурии Мардумии Чин – 17,5 ҳазор нафар ё 1,9 дарсад, Афғонистон – 9,7 ҳазор нафар ё 1,0 дарсад, Эрон – 7,3 ҳазор нафар ё 0,8 дарсад, ИМА – 5,9 ҳазор нафар ё 0,6 дарсад, Туркия – 3,1 ҳазор нафар ё 0,3 дарсад, Олмон – 3,3 ҳазор нафар ё 0,4 дарсад, Ҳиндустон ва Ҷопон 1,6 ҳазор нафар ё 0,2 дарсад, Австралия – 1,5 ҳазор нафар ё 0,2 дарсад, Британия, Фаронса, Ҷумҳурии Корея ва Италия 1,4 ҳазор нафар ё 0,2 дарсад. Покистон ва Полша 1,3 ҳазор нафар ё 0,1 дарсад ва Канада 1,1 ҳазор нафар ё 0,1 дарсад рост меояд [1].

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои рушди иқтисодии кишвар дар нимсолаи аввали соли 2025 бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷомеаи чаҳонӣ мусбат арзёбӣ

мегардад. Аз ҷумла дар ин давра суръати рушди соҳаи саноат асосан, аз ҳисоби саноати истихроҷ 1,7 баробар ва саноати коркард 5 дарсад таъмин гардидааст. Бояд гуфт, ки шохисҳои мақсадноки асосии дар "СМР – 2030" аз рӯйи сенарияи индустриалӣ ҳиссаи саноати коркард 74–75 дарсад муайян гардида, саноати истихроҷ бошад, дар ҳудуди 11–11,5 дарсад пешбинӣ гардидааст. Дар робита ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар семинар–машварати ҷумҳуриявӣ бо роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар дар ноҳияи Данғара ибрози назар карда, ба масъулин дастур доданд, ки масъалаҳои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ нав ва зиёд намудани суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, бахусус, дар соҳаҳои коркард, саривақт ҳаллу фасл карда шаванд. Инчунин, таъкид гардида буд, ки имкониятҳои истифоданашуда дар самти рушди соҳа дар минтақаҳои кишвар, махсусан, саноати коркард дар вилояти Хатлон ниҳоят зиёданд ва ҷиҳати пурра истифода намудани онҳо ташаббускории роҳбарону масъулони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, вазорату идораҳои соҳавӣ, ҷалби сармояи мустақими ватаниву хориҷӣ ва воридоти технологияҳои пешқадам зарур мебошад.

Илова бар ин, нишондиҳандаҳои содиротии кишвар нисбат ба солҳои қаблӣ нисбатан коҳиш ёфта, ноил шудан ба нишондиҳандаҳои пешбинишудаи "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025" ҳаҷми умумии содирот то 2,4 млрд. доллари ИМА муайян гаштааст, ки ин рақам дар соли 2024-ум 1947,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил медод. Вобаста ба ин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 2024 ба масъулин дастур дода буданд, ки дар баробари пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, инчунин, идоракунии самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъсис додани ҷойҳои корӣ нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад.

Ҳамин тавр, гузаронидани ислоҳоти доимии иқтисодӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки тартиби пешбурди сиёсати иқтисодӣ ба талаботи замон мутобиқ карда шуда, дар ин замина, самаранокии низоми иқтисодии истифодашаванда таъмин ва талаботи рӯзмарраи мардум қонеъ гардонида шавад. Аз ҷумла дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ, хусусан, канда шудани занҷираҳои иқтисодии кишварҳо, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва дар ин замина, ташаккули низоми иқтисоди миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Мақсад аз ислоҳоти мазкур низ беҳтар кардани муҳит ва боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар мебошад.

АДАБИЁТ

1. “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2024, саҳ. 125 ва “Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ – июни соли 2025, саҳ. 125.

2. Нажмудинов М.С. Рынок сельскохозяйственной техники в развивающихся странах: стратегии устойчивого развития // Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”. 2025. №2 (90) – С. 199-208

3. Шариф Раҳимзода. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди миллӣ [матн] / Шариф Раҳимзода – Душанбе: ЭР-граф, 2019

ОБЕСПЕЧЕНИЕ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ В РАМКАХ СТРАТЕГИЧЕСКИХ ЦЕЛЕЙ ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

(анализ результатов развития экономики Республики Таджикистан в 2024 - 2025 годах)

САЛИХОВ ДЖАМШЕД БОБОХАЛИЛОВИЧ,
заместитель начальника Управления анализа и прогнозирования отраслевой экономики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 89;
тел.: (+992) 904-14-03-14; e-mail: salikhov9696@mail.ru

Проведение эффективной экономической политики в целях обеспечения стабильного развития экономики, построение управления ею на основе долгосрочных национальных стратегий, принятие законов и решений, отвечающих требованиям времени, создание благоприятных условий для развития производства, предпринимательства и инвестиций является основой обеспечения устойчивого экономического развития любой страны. В статье представлен комплексный анализ обеспечения развития национальной экономики, возможностей обеспечения макроэкономических показателей и формирования реальной жизни народного хозяйства страны в первой половине 2025 года.

В статье автор рассматривает развитие экономического сотрудничества между странами, устранение барьеров в торговле, строительстве заводов и промышленных предприятий и, в этом контексте, создание новых рабочих мест, развитие туристической отрасли, увеличение числа туристов, товарооборота и услуг, доходов населения, количества автомобилей и самолетов, новых дорог и локомотивов как важные достижения национальной экономики.

Ключевые слова: *зеленая экономика, внешняя политика, национальная экономика, взаимовыгодное сотрудничество, соглашение, внешняя торговля,*

экономическое развитие, расширение сотрудничества, инвестиции, зеленая энергетика, регион, перспективы.

ENSURING THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY WITHIN THE FRAMEWORK OF THE STRATEGIC GOALS OF THE GOVERNMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

(analysis of the results of economic development of the Republic of Tajikistan in 2024 – 2025)

SALIKHOV JAMSHED BOBOKHALILOVICH,
Deputy Head of the Department of analysis and forecasting
of the sectoral economy of the Center for Strategic Research
under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992) 904-14-03-14; e-mail: salikhov9696@mail.ru

Implementation of an effective economic policy in order to ensure stable development of the economy, building its management on the basis of long-term national strategies, adoption of laws and decisions that meet the requirements of the time, creation of favorable conditions for the development of production, entrepreneurship and investment is the basis for ensuring sustainable economic development of any country. The article presents a comprehensive analysis of ensuring the development of the national economy, the possibilities of ensuring macroeconomic indicators and the formation of the real life of the national economy of the country in the first half of 2025.

In the article, the author considers the development of economic cooperation between countries, the elimination of barriers to trade, the construction of factories and industrial enterprises and, in this context, the creation of new jobs, the development of the tourism industry, an increase in the number of tourists, trade turnover and services, population incomes, the number of cars and airplanes, new roads and locomotives as important achievements of the national economy.

Keywords: *"green" economy, foreign policy, national economy, mutually beneficial cooperation, agreement, foreign trade, economic development, expansion of cooperation, investments, green energy, region, prospects.*

УДК: 657.6:338.48(575.3)

НАҚШИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР ТАҲКИМИ НИЗОМИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ВА АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ СОҲАИ САЙЁҲӢ

ЮСУПОВ УМЕДҶОН САНГИҲМАДОВИЧ,
мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва
андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара
734055, Тоҷикистон, ш. Данғара, кӯчаи Марказӣ;
тел.(+992) 985-79-80-68; e-mail: yusupov-umed@bk.ru

ДАВЛАТЗОДА ДИЛМУРОД АШУРБЕК,
профессори кафедраи менеҷмент ва маркетиниги Донишгоҳи
славянии Русия ва Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М.Турсунзода 30;
тел.(+992) 20-222-22-25; e-mail: davlatzoda@bk.ru

Тавре маълум аст, соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди Тоҷикистон ба шумор меравад. Бо зиёд гардидани ҷараёни сармоягузорӣ, афзоиши хизматрасониҳо ва гуногуншаклии фаъолияти хоҷагидорӣ дар ин соҳа, ҳамзамон, хавфҳои молиявӣ ва идоракунӣ низ меафзоянд. Дар чунин шароит, ташкили аудити дохилӣ ба ҳайси унсури муҳими низоми назорати дохилӣ ва воситаи таъмини амнияти иқтисодӣ аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад.

Бо дарназардошти ин, мақола ба баррасии масъалаҳои ташкили аудити дохилӣ дар фаъолияти молиявию хоҷагидории субъекти соҳибкории корхонаҳо бахшида шудааст. Вазифаҳои асосӣ, принсипҳои бунёд ва усулҳои методӣ омӯхта шуда, меъёрҳои арзёбии самаранокии аудити дохилӣ муайян карда шудаанд. Барои таъмини методии фаъолияти хадамоти аудити дохилӣ дар корхона тавсияҳои алоҳида пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, барои рақобатпазир гардидани корхона ва таъмини мувозини амнияти иқтисодии он ҳатман аудити дохилӣ лозим меояд. Бо дарназардошти ин, раванди гузаронидани таҳлили аудити дохилӣ имкон медиҳад, ки аз рақобати носолим ва буҳронҳои бавуҷудоянда эмин нигоҳ дорад.

Зимнан, нақши аудити дохилӣ дар таҳкими низоми назорати дохилӣ ва амнияти иқтисодии соҳаи сайёҳӣ дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Он метавонад ба таҳкими устувории молиявӣ, шаффофияти идоракунӣ ва дар маҷмуъ, ба таъмини амнияти иқтисодии на танҳо соҳаи сайёҳӣ, балки иқтисодиёти миллӣ низ саҳми назаррас гузорад.

Калидвожаҳо: *амнияти иқтисодӣ, аудити дохилӣ, стандартҳо, принсипҳо, усулҳои методологӣ, хоҷагии тарабхона, корхона, ташкилӣ, назоратӣ.*

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва ноустувории иқтисодӣ, ки дар он соҳаҳои гуногуни иқтисод таҳти таъсири омилҳои гуногун қарор доранд, таҳкими низоми назорат ва таъмини амнияти иқтисодӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Дар байни соҳаҳои афзалиятнок соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои муҳимми стратегӣ ба ҳисоб меравад, ки метавонад ба иқтисоди миллӣ на танҳо ҳамчун манбаи даромад, балки воситаи ташкили ҷойҳои корӣ, рушди инфрасохтор ва муаррифии мероси фарҳангию табиии кишвар саҳми назаррас гузорад.

Алҳол нақши аудити дохилӣ на танҳо ба баланд бардоштани сифати идоракунии дохилӣ ва масъулияти ташкилотҳо маҳдуд намешавад, балки бевосита ба таҳкими амнияти иқтисодии соҳаи сайёҳӣ низ таъсир мерасонад. Бо таваҷҷуҳ ба он, ки Тоҷикистон соҳаи сайёҳиро ҳамчун яке аз бахшҳои афзалиятнок муайян намудааст, омӯзиши мавқеӣ аудити дохилӣ барои таҳкими низоми назорат ва таъмини суботи иқтисодӣ дар ин соҳа аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Айни замон зарурати ба таври васеъ истифода бурдани аудити дохилӣ дар фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ, бахусус корхонаҳои азиму миёна, аз ҷумла ширкатҳои соҳаи сайёҳӣ ба миён омадааст. Он бояд ҳамчун қисми ҷудонашавандаи системаи умумии назорати дохилӣ баррасӣ карда шавад. Зеро муҳиммияти назариявии мавзуъ дар он аст, ки дар қонунгузории Тоҷикистон ва адабиёти илмии ватанӣ то ҳол равишҳои ягонаи методологӣ барои ташкили хадамоти аудити дохилӣ дар соҳаи сайёҳии кишвар вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуъ ба такмили назария ва коркарди стандартҳои миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Мусаллам аст, ки аудити дохилӣ танҳо як расмиёти санҷишӣ нест, балки он омили муассири идоракунии хавфҳо, таъмини шаффофияти молиявӣ, пешгирии хатоҳо ва вайронкуниҳо, инчунин, воситаи баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ мебошад. Ба ибораи дигар, аудити дохилӣ метавонад ҳам барои роҳбарият ва ҳам барои соҳибкорон ҳамчун чашми назоратӣ ва машваратчии боэътимод хизмат кунад. Дар ин радиф, дар адабиёти иқтисодӣ таҷрибаи мусбат ва зарурати татбиқи аудити дохилӣ қайд карда шудааст [1-5]. Масалан, муҳаққиқ С.Низомов таъкид мекунад, ки «пеш аз ҳама, бояд ба аудити дохили таваҷҷуҳ кард, зеро маҳз ҳамин намуди аудит самаранокии фаъолияти корхона ва натиҷаи аудити беруниро муайян мекунад» [4, 133]. Вобаста ба ин, аҳаммияти масъалаи ташкили хадамоти аудити дохилӣ бо истифода аз таҷрибаи муайяни фаъолияти он дар ширкатҳои соҳаи сайёҳӣ равшан аст.

Дар шароити иқтисодиёти миллӣ, ки он дар ҳоли рушди устувор қарор дорад ва соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятнок муайян карда шудааст, аудити дохилӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо намудааст. Зери мафҳуми аудити дохилӣ низоми назорати риояи тартиби муқарраршудаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва эътимоднокии фаъолияти системаи назорати дохилӣ, ки дар корхона ба роҳ монда шудааст, бо ҳуҷҷатҳои дохилӣ танзим карда шуда, ба манфиати роҳбарият ё соҳибони он амал мекунад, фаҳмида мешавад [1, 10]. Ба андешаи мо, дар шароити афзоиши нақши соҳаи сайёҳӣ ва зарурати ҷалби сармоягузорӣ, аудити дохилӣ ба унсури калидии таъмини шаффофият, баланд бардоштани эътимоди шариконӣ иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои молиявии корхонаҳо табдил ёфтааст. Бинобар ин, рушди низоми аудити дохилӣ яке аз шарти муҳимтарини таҳкими иқтисодиёти миллӣ ва рушди устувори соҳаи сайёҳӣ маҳсуб мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» объектҳои аудити дохилиро муайян накардааст, вале онҳоро дар шакли умум тавассути самти фаъолияти аудиторӣ муайян кардан мумкин аст. Мувофики моддаи 14-и Қонуни мазкур самтҳои асосии фаъолияти аудиторӣ, аз ҷумла эътимоднокии ҳисобот, мукаммалӣ ва риояи қоидаҳои муқарраргардидаи баҳисобгирии муҳосибӣ; хизматрасонии аудиторӣ дар шакли машваратҳо ва ташхисот муайян гардидаанд. Самтҳои зикршуда танҳо як қисми объектҳоро ифода мекунанд, зеро фаъолияти аудиторҳои дохилӣ набояд танҳо бо санҷиши ҳисобот ва ҳолати баҳисобгирӣ маҳдуд бошад.

Аудити дохилӣ бояд соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва техникиро дар бар гирад, ки маҷмӯи объектҳоро муттаҳид мекунанд. Ба ин гуна объектхо тамоми вазифахои идоракунӣ, кори хадамоти иқтисодию техникӣ, ташкил ва технологияи истеҳсолот, системаи идоракунии корхонаҳо, баҳисобгирии идоракунӣ ва молиявӣ, буҷет, банақшагирии молиявӣ, андозбандӣ, ҳавасмандгардонӣ, назорати вазъият ва фаъолияти системаи назорати дохилӣ, ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавии сохтмони асосӣ ва таъмири асосӣ дохил шуда метавонанд. Аудити дохилӣ дар соҳаи сайёҳӣ панҷ вазифаи зеринро иҷро менамояд:

1 Банақшагирӣ, ки вазифаи он иборат аз ҳадафи аудити дохилӣ; таҳияи нақшаи тартиби аудит, муайян кардани қоидаҳо ва усулҳои аудити дохилӣ;

2 Ташкилӣ интихоби объекти аудит; объекти аудит; иҷрокунандаи расмиёти аудит; ташкили базаи иттилоотӣ меъёрию моддию техникӣ;

3 Функсияи амалиётӣ: муайян кардани нақшаи бизнеси корхона, баҳодиҳии системаи ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳӣ, санҷиши риояи принсипхои баҳисобгирӣ ва қонунгузории амалкунанда;

4 Назоратӣ: татбиқи расмиёти аудит, муайян намудани меъёрҳои (стандартҳои) аудити дохилӣ; муқоисаи натиҷаҳои аудити дохилӣ бо меъёрҳо (стандартҳо);

5 Татбиқи маводи аудити дохилӣ: таҳияи ҳисобот ва хулоса аз рӯйи натиҷаҳои аудит, кор карда баромадани тадбирҳои бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда; пешгӯйии стратегияи молиявӣ ва рушди корхона, иштирок дар татбиқи маводи аудити дохилӣ.

Кори хадамоти аудити дохилӣ дар корхона мувофиқи ҷадвали корӣ аз ҷониби роҳбари корхона тасдиқшуда ташкил карда мешавад.

Барои фаъолияти самаранок аудиторони дохилии ширкат бояд чорчӯбаи дахлдори меъёрӣ дошта бошанд: стандартҳои аудит, меъёрҳо ва тавсияҳо. Стандартҳо бояд муносибати умумиро ба гузаронидани аудит, навъҳои ҳисоботи аудиторон, масъалаҳои методологӣ ва принсипҳои асосиеро, ки намояндагони касб бояд новобаста аз муҳити гузаронидани аудит риоя кунанд, муайян кунанд.

Дар Тоҷикистон аудити дохилӣ ба қадри кофӣ паҳн нашудааст, зеро дар бораи ташкил, нақш, вазифаҳо, усулҳо ва роҳҳои гузаронидани он маълумоти зарурӣ мавҷуд нест. Дар сатҳи қонунгузорӣ фаъолияти аудити дохилӣ ба ғайр аз баъзе санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ», аз 21 июли соли 2010, № 631, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», аз 22 июли соли 2010, № 293, аниқ танзим карда нашудааст. Функсия ва мафҳумҳои дар ин ҳуҷҷатҳо ифодаёфта баъзан ба ҳам мухолифанд, зеро онҳо аудити дохилиро аз нуқтаи назар ва ниёзҳои мақоми дахлдор баррасӣ мекунанд.

Қобили зикр аст, ки барои ширкатҳои сайёҳӣ, мисли дигар соҳаҳо, то ҳол санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба муайян кардани равишҳои ягонаи ташкил ва гузаронидани аудити дохилӣ, таҳияи ҳисоботи аудиторӣ, хулоса ва тавсияҳо таҳия карда нашудаанд.

Дар сатҳи байналмилалӣ стандартҳо доир ба аудити дохилӣ аз ҷониби Институти аудиторони дохилӣ интишор мешаванд, вале ин стандартҳо барои истифодабарандагон дар Тоҷикистон дастрас нестанд. Аммо стандартҳои зикршуда метавонанд аз ҷониби шуъбаҳои аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ татбиқ карда шаванд. Онҳо бояд ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда шаванд:

1 Стандартҳои умумии аудити дохилӣ;

2 Стандартҳои фаъолияти аудити дохилӣ;

3 Стандартҳои ҳисоботдиҳӣ, мониторинг, ташаккул ва нигоҳдории парвандаҳо.

Барои ташкили аудити дохилӣ, корхонаҳо бояд стандартҳои худро вобаста ба хусусиятҳои худ таҳия кунанд. Бо вуҷуди ин, аксари

стандартҳои аудити беруна метавонанд барои аудити дохилӣ истифода шаванд.

Бояд гуфт, ки диққат бештар бояд ба “Стандарти байналмилалии аудит 610, бо дарназардошти кори аудитори дохилӣ», ки дорои мафҳуми аудити дохилӣ ва тавсифи истифодаи натиҷаҳои он аз ҷониби аудитори беруна мебошад, равона гардад.

Мақсади аудити дохилӣ, ба андешаи пажуҳишгарон С.Низомов, Қ.Хушвахтзода, А. Мирзоалиев: “Таъмини (ба қадри имкон) фаъолияти устувор ва самараноки корхона, риояи сиёсати дохилии соҳибкорӣ, пешгирӣ ва ислоҳи хатоҳо, таъмини дурустӣ ва мукаммалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва саривақт таҳия намудани маълумоти боэътимоди молиявӣ мебошад” [1, 21]. Албатта, андешаи муаллифон комилан асоснок мебошад, зеро он нақши аудити дохилиро ҳамчун механизми муҳимми таъмини устуворӣ, шаффофият ва самаранокии фаъолияти корхона ифода мекунад. Ба андешаи мо, риояи сиёсати дохилии соҳибкорӣ воситаи муҳимми ҳифзи манфиатҳои корхона ва рушди фарҳанги корпоративӣ мебошад. Маҳз аудити дохилӣ имкон фароҳам меорад, ки фаъолияти сохторҳо мутобиқи қоида ва дастурамалҳои дохилӣ ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин, тавассути пешгирӣ ва ислоҳи хатоҳо хатари талафоти молиявӣ ва зарари обрӯйи ташкилот коҳиш меёбад. Баъзе аз муҳимтарин ҷанбаҳои аудити дохилӣ таъмини дурустӣ ва мукаммалии баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳамчунин, таҳияи саривақтии маълумоти боэътимоди молиявӣ мебошанд. Илова бар ин, маълумоти дақиқу боэътимод ба роҳбарият ва соҳибкорон имконият медиҳад, ки вазъи воқеии молиявии корхонаро дуруст арзёбӣ намуда, қарорҳои идоракунӣ ва стратегии асоснок қабул намоянд.

12. Ходиев Д. А. Особенности развития человеческого капитала в условиях переходного периода (па примере Республики Таджикистан) автореф. дис. … канд. экон. наук: 05.02.11 / Д.А. Ходиев. –Душанбе, 2011. – 24 с. [Электронный ресурс]. URL: https://www.dissercat.com/content/ osobennosti-razvitiya-chelovecheskogo-kapitala-v-usloviyakh-perekhodnogo-perioda (Дата обращения: 30.06.2025) Автореф. дис. … канд. филос. наук: 09.00.11 / З.К. Кодиров. –Душанбе, 2016. – 24 с.

13. https://cyberleninka.ru/article/n/ekonomicheskaya-teoriya-semi-kak-razvitie-teoreticheskoy-ekonomiki (Дата обращения: 16.04.2025).

РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИЁТИ ОИЛАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БОБОЕВА ГУЛБАҲОР РАҲИМҚУЛ,
муаллими калони кафедраи иқтисоди байналмилалии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
7340061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3;
тел.: +992 918 28 54 76; e-mail: gulbahor8484@mail.ru

Дар мақола раванди ташаккули иқтисодиёти оилаҳои Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ баррасӣ гардидааст. Заминаи қонунгузории иқтисодиёти оила ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ инъикос ёфтааст. Ақидаи олимони хориҷӣ ва миллӣ дар бораи мафҳуми оила ва иқтисоди оилавӣ таҳлил карда шуда, инчунин, таърифи муаллиф пешниҳод карда шудааст. Таҳлили нишондиҳандаҳои вазъи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба иқтисодиёти оила дар давраи соҳибистиқлолӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи вилояти Суғд гузаронида шудааст.

Калидвожаҳо: *иқтисодиёти оила, оила, рушди иқтисодиёти оила, даромади миёнаи аҳолӣ, истеҳсоли маҳсулот, қонун, ҳадди ақалли зиндагӣ.*

WAYS OF FORMING A FAMILY ECONOMY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

BOBOEVA GULBAHOR RAHIMOVNA,
Senior Lecturer at the Department of International Economics
of the Technological University of Tajikistan
7340061, Tajikistan, Dushanbe city, N. Karabaev str. 63/3;
tel.: (+992) 918-28-54-76; e-mail: gulbahor8484@mail.ru

The article examines the process of family economy formation in Tajikistan during the period of independence. The legislative framework of the family economy is reflected both at the national and international levels. The opinion of foreign and national scientists on the concept of family and family economy is considered and its own definition is presented. The analysis of indicators of the state of economic growth of the Republic of Tajikistan and their impact on the family economy during the period of independence, both nationally and at the level of the Sughd region, is carried out.

Keywords: *family economy, family, family economic development, average per capita total income of the population, production of goods, law, cost of living.*

УДК: 338.42.

РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ПУЛАКӢ БАРОИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

ҚУРБОНАЛИЗОДА ДАВЛАТАЛИ ТАВАРАЛӢ,
докторанти PhD-и Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи милли илмҳои Тоҷикистон
734024. Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44;
тел: (+992) 937-507-735, e-mail:davlatali.1998@mail.ru

Дар мақолаи мазкур рушди хизматрасониҳои пулакӣ барои аҳолӣ дар шароити рақамикунонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки он як равандест бо истифода аз технологияҳои муосир ва интернет, имкониятҳои нави дастрасиро барои шаҳрвандон дар бахшҳои гуногуни хизматрасонӣ фароҳам меоварад. Мақсади асосии ин раванд, беҳтар кардани самаранокии хизматрасониҳо, таъмини дастрасии баробар ва афзоиши сифати хизматрасониҳо мебошад. Дар ин мақола, хизматрасониҳои пулакӣ, ки дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, молия ва дигар бахшҳо пешниҳод шудааст ва метавонанд ба шаҳрвандон кумак намоянд, ки бо истифода аз платформаҳои рақамӣ кадом имкониятҳо муфидтаранд. Ин раванд ба кишварҳои ҷаҳон ёрӣ мерасонад, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ бо иқтисоди рақамӣ ва рушди технологияҳои нав пеш раванд.

Калидвожаҳо: *хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хизматрасониҳои пулакӣ, иқтисоди рақамӣ, платформаҳои рақамӣ, аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ, технологияҳои рақамӣ, барномаҳо, имкониятҳо, векторҳои рушд.*

Рушди хизматрасониҳои пулакӣ барои аҳолӣ дар шароити рақамикунонӣ масъалаи ҳаётан муҳим барои иқтисодиёти имрӯзаи тамоми давлатҳо ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ арзёбӣ карда мешавад. Рақамикунонӣ ва истифодабарии технологиҳои рақамӣ дар соҳаи хизматрасонӣ метавонад имкониятҳои навро барои аҳолӣ ва ташкилотҳои хизматрасон фароҳам оварад, ки ба воситаи онҳо хизматрасониҳои осон ва самаранок пешниҳод мешаванд. Бинобар ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди хизматрасониҳои пулакӣ барои аҳолӣ дар шароити рақамикунонӣ хеле муҳим мебошад.

Рақамикунонӣ дар соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ ба маънои истифодаи технологияҳо ва платформаҳои рақамӣ мебошад, ки ба одамон имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои пулакиро, мисли пардохтҳои хоҷагии манзилию комуналӣ, пардохти андозҳо, пардохти маблағи таҳсил, пардохти хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳоро ба тариқи маҷозӣ ё тавассути ҳамёнҳои мобилӣ ба анҷом расонанд. Хизматрасониҳои рақамӣ метавонанд аҳолиро дар беҳтар кардани дастрасии онҳо ба

хизматрасониҳои молиявӣ, хизматрасониҳои бонкӣ ва пулӣ кумак расонанд.

Вусъат додани хизматрасониҳои пулакӣ дар шароити рақамикунонӣ дар он мебошад, ки барои аҳолӣ шароитҳои осон ва муассир барои истифодаи хизматрасониҳои пулакӣ таъмин карда шавад. Ин метавонад, тавассути фардикунонии хизматрасонӣ, беҳтар кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳо, кам кардани вақти интизориҳо ва тарзу усулҳои пардохт таъмин гардад. Инчунин, бо тақвияти рушди иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои пешрафтаи инноватсионӣ аҳолӣ метавонад бо кумаки онҳо ба хизматрасониҳо саривақти дастрасӣ пайдо кунанд, ки ин имкониятҳо пештар бо мушкилот ё комилан имконпазир буд.

Дар шароити рақамикунонӣ хизматрасониҳои пулакӣ, ки бо истифода аз интернет, телефонҳо ва технологияҳои нав пешниҳод мешаванд, метавонад барои одамони гуногун дар ҳама гӯшаи ҷаҳон дастрас шавад. Ҳамчунин, ин хизматрасониҳо одатан, нисбатан арзон ва осон дар истифода мебошанд.

Бо пешрафти технологияҳои инноватсионӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ тамоми соҳаҳо ба натиҷаҳои назаррас омада расида, истодаанд, махсусан, хизматрасониҳои пулакӣ, ки аз ҷониби корхонаву муассисаҳои хизматрасон ба аҳолӣ расонда мешаванд, ба шакли электронӣ гузашта истодаанд. Моделҳои рақамикунонии хизматрасонҳо кумак мерасонанд, ки одамон дар таъмини амонат, пардохтҳо ва интиқолҳои пулӣ ба осонӣ дастрасӣ пайдо кунанд.

Як омили муҳим дар рушд кардани хизматрасониҳои пулакӣ дастрасӣ ба интернет ва телефони мобилӣ мебошад. Мизони дастрасии мардум ба интернет ва технологияҳои мобилӣ метавонад ба рушди хизматрасониҳои пулакӣ ва ё дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ таъсири мусбат расонад.

Барои истифодаи дурусти хизматрасониҳои пулакӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, аҳолӣ бояд бораи истифодаи тахнологияҳои нав малакаи кор кардан ва ё истифода бурдан дошта бошанд. Баланд бардоштани малакаҳои рақамии аҳолӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ шарт ва зарур дониста мешавад. Дар шароити рақамикунонӣ масъалаи амният ва муҳофизат аз хатарҳо, хусусан, аз ҷиноятҳои электронӣ, яке аз омилҳои калидӣ мебошад.

Таъсири иқтисоди рақамӣ ба хизматрасониҳои пулакӣ метавонанд дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявиро барои мардум дар минтақаҳои дурдаст ва ё барои аҳолие, ки имконияти баромадан аз хонаро надоранд, осонтар созанд. Хизматрасониҳои пулакӣ дар шароити рақамиконӣ метавонанд бо истифода аз технологиҳои нав беҳтар ва осонтар ба аҳолӣ расонда шаванд.

Инро бояд гуфт ки хизматрасониҳои пулакӣ барои рушди иқтисодиёти давлат нақши муҳим бозида, сатҳи беҳтаргардонии хизматрасониҳои иҷтимоиро баланд мебардорад. Вазъи кунунии иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси амалигардонии Консепсияи иқтисоди рақамӣ ба роҳ монда шуда, консепсияи мазкур ҷорикунии ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла технологияҳои пешқадам бояд асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди рақобатнокии байналмилалии кишвар гардад. Рақамикунонии иқтисодиёт барои таъсиси модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, такон додан ба табодули навъҳои мавҷуда ва рушди хелҳои нави истеҳсолот, таҳкими тамоюли содиротӣ ва ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо роҳи воридотивазкунӣ имкон фароҳам меоварад. Консепсия ба гирифтани дивидендҳои рақамӣ дар чунин масъалаҳои барои рушди миллӣ басо муҳим, ба монанди таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, табодули соҳаи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ равона гардидааст [6].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи нави рушди иқтисоди рақамӣ қарор дошта, тамоми ташкилотҳову корхонаҳо таҷрибаи гузариш ба иқтисоди рақамиро тақвият дода истодаанд, махсусан, низоми бонкии кишвар, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (SGB.NET), Хадамоти гумрукии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи ягона) ва таъсиси КВД “Шаҳри ҳушманд” дар шаҳри Душанбе яке аз афзалиятҳои пешрафти рақамикунонӣ дар сатҳи кишвар мебошанд. Инчунин, тақвияти рушди ҳисобаробаркуниҳои ғайринақдӣ аз соли 2023 то ба ҳол дар тамоми корхонаҳову ташкилотҳои давлатӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №565 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» амалӣ гардидааст. Ҳоло пардохти як қатор хизматрасониҳои пулакии давлатӣ, аз ҷумла ҳаққи истифодаи қувваи барқ, об, хизматрасониҳои коммуналӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, Бозрасии давлатии автомобилӣ, тандурустӣ, алоқаи телефони шаҳрӣ, хизматрасониҳои бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва идораҳои нотариалии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, маблағҳои андоз ва дигар хизматрасониҳои давлатӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шудааст [1].

Дар самти рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ технологияҳои муосири хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили бонкдории мобилӣ, интернет–бонкинг, пардохтҳо

тавассути QR-рамз ва маблағҳои электрониро бомуваффақият татбиқ намуда истодаанд. Аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пайваста чораҳои ҳавасмандгардонии муштариён барои истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ ва анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ гузаронида шуда истодаанд, аз ҷумла пешниҳоди «Cash back», яъне баргардонидаи маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди дарсад ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва дигар чораҳои ҳавасмандгардонӣ татбиқ гардидааст. Инчунин, тадбирҳои андешидашуда ба муштариён имкон дод, ки як қатор хизматрасониҳоро бо истифодаи маблағҳои электронӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт намоянд [1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир тадбирҳои ҷиддие барои рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, бо истифода аз имкониятҳои иқтисоди рақамӣ, ва дастгирии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ қабул намудааст. Ин тадбирҳо ба рушди инфрасохтори рақамӣ, таҳкими рақобатпазирии хизматрасониҳо ва таъмин намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ бо истифода аз технологияҳои нав пешбинӣ мешаванд, ба роҳ мондааст, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1.

Стратегия, барнома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ

№	Номи стратегия ва барномаҳо	Муҳлати иҷро
1	Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон	2015-2030
2	Консепсияи рушди иқтисоди рақамӣ	2040
3	Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	2021 – 2025
4	Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	2040
5	Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	2042
6	Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	2020-2024
7	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ” аз 15 марти соли 2023, № 1965	бемуҳлат
8	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдои электронӣ” аз 24 декабри соли 2022, № 1921	бемуҳлат

Сарчашма: *таҳияи муаллиф.*

Барномаҳо ва консепсияҳое, ки дар ин самт қабул шудаанд, барои беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, бахусус, дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар бахшҳои муҳимми ҳаёт равона шудаанд. Ин ташаббусҳо инчунин, барои ҳалли масъалаҳои расонидани хизматрасониҳои давлатӣ ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолии кишвар бо истифодаи платформаҳои электронӣ, мобилӣ ва интернетӣ ёрӣ мерасонанд.

Стратегия, барнома, консепсия ва қонунҳои дахлдоре, ки дар самти рақамикунонӣ ва рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд, инҳо дар оянда мусоидат ба бахши рақамикунонии тамоми системаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар сатҳи кишвар фаро мегиранд, ки ин як раванди дастгирии давлатӣ ҷиҳати тақвиятии рақамикунонӣ дар сатҳи кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар асоси гуфтаҳои боло инро бояд гуфт, ки вазъи хизматрасониҳои пулакӣ ва тақвияти зиёд кардани онҳо аз ҷониби ташкилот, муассиса ва корхонаҳо рӯз то рӯз зиёд карда мешаванд ва шакли онҳо ба стандартҳои рақамӣ пешниҳод карда мешавад. Имрӯз вазъи хизматрасониҳои пулакӣ дар сатҳи кишвар назаррас буда, ба хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дохил мешаванд: хизматрасониҳои маишӣ, нақлиёти мусофирбар, алоқа, хизмати манзилӣ-коммуналӣ, хизмати таъминоти кӯдакони муассисаҳои томактабӣ, хизмати муассисаҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, тиббӣ, санитарӣ–табобатӣ, хизмати хусусияти ҳуқуқидошта, хизмати бонкҳо ва ғайра, ки дар ҷадвали 2 ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, ки ба аҳолӣ расонда шудааст, пешниҳод мешавад. Ба ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ инчунин, маблағи аз корхона ва ташкилотҳо ҳамчун пардохти ҳаққи хизмат ба кормандони онҳо расонидашуда ба ҳисоб гирифта мешавад. [13].

Ҷадвали 2.

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ (млн сомонӣ)

	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2023 нисбат ба 2018 %
Хизматрасонии пулакӣ, ҳамагӣ	**12130,8**	**12983,5**	**13205,2**	**15165,3**	**20358,8**	**23840,1**	**196,5**
Моликияти давлатӣ	2487,3	2298,4	2824,8	3509,3	4349,0	4574,7	183,9
Моликияти ғайридавлатӣ	9643,5	10685,1	10380,4	11656,0	16009,8	19265,4	199,7
Маишӣ	4030,6	4387,2	4253,8	4379,6	4937,5	5316,3	131,8
Нақлиёти мусофирбар	2264,4	2000,9	1394,2	1376,9	3879,2	4555,3	201,1
Алоқа	1948,5	2018,7	1973,2	2303,6	2596,6	4389,7	225,2
Манзилӣ-коммуналӣ	203,3	144,4	140,3	137,6	154,0	196,7	96,7
Соҳаи маориф	1576,5	1761,1	1841,1	2125,2	2096,4	2275,3	144,3
Маданият	72,4	76,1	56,0	66,0	68,1	54,7	75,5
Саёҳат ва экскурсия	6,0	10,0	2,4	3,8	5,7	5,0	83,3
Варзиш	2,7	3,4	2,5	2,3	2,2	6,0	222,2
Тиббӣ	628,9	703,1	687,9	826,6	868,6	913,9	145,3
Санаторӣ ва табобатӣ	63,7	53,7	29,7	42,0	60,5	59,8	93,8

Муассисаҳои бонкӣ ва хусусияти ҳуқуқи дошта	534,6	689,6	1243,9	1228,8	2209,7	1911,7	357,6
Дигар хизматрасониҳо	799,2	1135,4	1575,7	2557,5	3344,3	4019,4	502,9

Сарчашма: *коркарди муаллиф дар асоси маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои асосии савдо ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории соли 2024.*

Дар ҷадвали мазкур нишодиҳандаҳои хизматрасониҳои пулакӣ вобаста ба ҳаҷми пешниҳодшуда мусбат арзёбӣ карда мешаванд, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми корхонаҳои давлатӣ ва қисман хусусӣ аз имкониятҳои пардохтҳои рақамӣ васеъ истифода мебаранд, инчунин, дигар корхонаҳо дар шароити гузариш ба хизматрасониҳои рақамӣ қарор дошта бо амалигардонии консепсия, барнома ва стратегияҳои қабулшуда дар самти иқтисоди рақамӣ тақвият дода мешаванд.

Мо бояд шароит ва омилҳоеро муайян намоем, ки ба рушди хизматрасониҳои пулакӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ таъсири мусбат мерасонанд. Омилҳои асосии рушди хизматрасониҳои пулакӣ дар шароити табдилдиҳии рақамӣ дар ҷадвали 3 тавсиф шудаанд:

Ҷадвали 3.

Омилҳои асосии рушди хизматрасониҳои пулакӣ дар шароити табдилдиҳии рақамӣ

Омилҳо	**Таъсирҳои эҳтимолӣ**
Дастрасии интернет	Бо афзоиши дастрасии интернет хизматрасониҳо дар ҳама ҷой ва соҳаҳо расо пайдо мешаванд.
Инноватсия ва технологияҳо	Инноватсияҳо, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, маълумоти интернетӣ ва “Blockchain”, хизматрасониҳои бештар ва кӯтоҳтаринро фароҳам меоранд.
Воситаҳои мобилӣ	Воситаҳои мобилӣ (барномаҳои телефон) як роҳи осон ва мувофиқ барои пешниҳоди хизматрасониҳо мебошанд.
Ҳамкориҳои стратегӣ	Ширкатҳои хурд ва бузург бо якдигар барои беҳтар кардани хизматрасонии маҷозӣ (онлайн) ҳамкорӣ мекунанд.
Системаи амният	Технологияҳои баландпояи амният барои муҳофизат кардани маълумот ва шахсияти муштариён таъмин бояд бошад.

Сарчашма: *таҳияи муаллиф.*

Хизматрасониҳои пулакӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ барои бозори имрӯза ва муштариён хеле муҳим гаштаанд. Онҳо метавонад бо истифодаи платформаҳои маҷозӣ (онлайн), шабакаҳои мобилӣ ва интернетӣ ба муштариён дар саросари ҷаҳон пешниҳод шаванд. Хизматрасониҳои ба онҳо марбут шомили бонкҳои электронӣ, таҳсилот дар интернет, фурӯши мол ва хизматрасониҳои электронӣ мебошанд. Баръакси хизматрасониҳои воқеӣ, ки ба истифодабарандагон дар вақтҳои муайян маҳдуд мебошанд, хизматрасониҳои рақамӣ метавонанд ба осонӣ дар тамоми нуқтаҳои ҷаҳон дастрас шаванд. Ширкатҳои хизматрасон метавонанд шабакаҳои гуногуни интернетиро истифода баранд, то ба муштариён бо роҳи осон ва мувофиқ

хизматрасониҳоро пешниҳод кунанд. Дар замони ҳозира хизматрасониҳо асосан тавассути интернет ё барномаҳои мобилӣ пешниҳод мешаванд, ки барои мувофиқ кардани эҳтиёҷоти гуногуни муштариён барномарезӣ шудаанд. Ҳар як имкониятҳои нави хизматрасонӣ, аз хизматрасониҳои молиявӣ, таълимӣ, саломатӣ сар карда, то одитарин хизматрасониҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ шакли худро вусъат дода истодаанд, ки аҳаммияти хизматрасониҳоро беҳтар мекунад. Аз ин рӯ, имкониятҳои нави бозорӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои нави рақамӣ бошиддат афзудааст. Бо истифодаи технологияҳои нави электронӣ ва маъруфи интернет, ширкатҳо метавонанд ҳамкориҳои сифатнок ва осонро ба муштариён пешниҳод намоянд. Ин тарзи нави хизматрасонӣ дар шароити ҳозира хароҷотҳоро коҳиш медиҳад.

Афзалиятҳои иқтисоди рақамӣ барои хизматрасониҳои пулакӣ ба сифати равандии он вобастагӣ дорад. Сифатнокии хизматрасониҳои рақамӣ барои муштариён ва ширкатҳо муҳим аст, зеро онҳо метавонанд бо осонӣ, арзонӣ ва бароҳатӣ пешниҳод шаванд. Ширкатҳо бо воситаи интернет ва платформаҳои мобилӣ метавонанд хизматрасониҳои худро ба гурӯҳҳои гуногуни муштариён ва бозорҳои ҷуғрофӣ пешниҳод кунанд, ки имкон медиҳад, ки хизматрасониҳо зудтар ва осонтар ба даст оянд. Воситаҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки муштариён дар ҳар вақт ва дар ҳар ҷое, ки хоҳанд, хизматрасониҳоро истифода кунанд, ки ба фоидаи онҳост. Бо истифода аз технологияҳои имрӯза, ширкатҳо метавонанд хизматрасониҳоро тавассути платформаҳои интернетӣ муваффақона вусъат дода, хизматрасониҳоро бештар пешниҳод кунанд, ки боиси зиёд шудани боварии муштариён мегардад. Ин тарзи навтарини хизматрасонӣ таъсири амиқ ба муштариён ва ширкатҳоро эҷод мекунад, зеро онҳо метавонанд бо камтарин саъю кӯшиш ба хизматрасониҳо даст ёбанд. Хизматрасониҳои рақамӣ ва онлайн метавонад имкониятҳои калонро эҷод карда, дар натиҷа, хизматрасониҳоро бо нархҳои арзонтар пешниҳод намоянд. Ғайр аз ин, ширкатҳо метавонанд маълумоти муштариёнро ҷамъоварӣ ва таҳлил кунанд ва барои такмили хизматрасонӣ ва беҳтар кардани таҷрибаи муштариён кумак расонанд. Дар шароити иқтисоди рақамӣ ҳеч гуна маҳдудиятҳо барои рушди хизматрасониҳо вуҷуд надорад. Ин имкон медиҳад, ки доираи онҳо тавсеа ёбад. Бузургтарин афзалият барои муштариён ва ширкатҳо дар чунин шароит он аст, ки хизматрасониҳо метавонад мувофиқи талаботи фардӣ (индивидуалӣ) таҳия ва такмил ёбад. Ҳамин тариқ, иқтисоди рақамӣ дар идоракунии хизматрасониҳои пулакӣ вазифаи муҳимми худро мебозад.

Роҳҳои такмили хизматрасонии пулакӣ дар шароити рақамӣ ба истифодаи технологияи муосир ва таърифу таҳияи стратегияҳои маъруфи рақобатӣ вобастагӣ дорад. Автоматикунонӣ ва истифодаи системаи зеҳни

сунъӣ метавонад хизматрасониҳоро хеле самаранок кунад, ки дар натиҷа, муштариён таҷрибаи беҳтар ва зудтари дастрасиро эҳсос мекунанд. Ба ибораи дигар, чатботҳо (зеҳни сунъии суханвар), ки дар он зеҳни сунъӣ истифода мешавад, метавонанд бо муштариён бе шуғли инсонӣ ва дар ҳама вақт муошират кунанд. Ин метавонад кумак кунад, ки миқдори хизматрасониҳо ба муштариён ба як сатҳи нав барояд, ки барои ширкат ва муштариён ҳам фоидаовар аст, инро махсусан, дар низоми бонкӣ ва мобилии кишвар, бавижа дар "Алиф-Бонк", "Амонат-Бонк", "Спитамен-Бонк", ширкатҳои "Мегафон", "Тсел" ва дигар ширкатҳои мобилӣ ва молиявӣ дидан мумкин аст.

Истифодаи блокчейнҷ, ки таъмини амният ва муҳофизат аз хатарҳои рақамиро тақвият медиҳад, як роҳи муҳим дар такмили хизматрасониҳо мебошад, ки барои беҳтар кардани эътимод ва боварии муштариён муҳим аст. Барои такмил додани хизматрасониҳо, ҳамгироӣ бо дигар хизматрасониҳои рақамӣ ва платформаҳои мобилӣ низ муҳим аст, зеро он осонтар ва бароҳаттар мегардад. Ҳамчунин, ширкатҳо метавонанд хизматрасониҳоро барои муштариён шахсиятӣ кунанд, ки бо истифодаи таҳлили рафтори онҳо ва маълумоти шахсиятӣ пешгӯйӣ ва мувофиқ гардондани хизматҳо дар ихтиёр дошта бошанд. Бо таҳияи маҳсулоти нав ва хидматрасониҳои муосир, ширкатҳо метавонанд дар марҳалаҳои нав ба бозор ворид шаванд, ки ин хизматрасониҳоро барои муштариён муассир ва ҷолиб мегардонад. Ҳамчунин, истифодаи таҳлили боҳувият ва маълумот дар роҳҳои нави хизматрасонӣ имконияти беҳтар кардани ҷалби муштариёнро зиёд мекунад. Ширкатҳо метавонанд ба воситаи муносибатҳои онлайн ва хизматрасониҳои аниматикӣ, ки муштариён дар ҳар макон дастрас мекунанд, пешрафтҳои калонеро дар роҳи такмили хизматрасонӣ ба даст оранд. Дар ҳоли ҳозир ширкатҳо метавонанд бо ин гуна муаммоҳо ва имкониятҳо дар баробари рақобат бозикунӣ намоянд ва фурӯшро афзоиш диҳанд.

Яке аз мушкилоти муҳимми пеши роҳи такмили хизматрасонии пулакӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ амният ва ҳифзи маълумоти муштариён мебошад. Ҳангоми истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ, маълумоти шахсӣ ва транзаксияҳои молиявии муштариён метавонанд дар хатар қарор гиранд, ки ин метавонад эътимодро ба ширкатҳо заиф кунад. Ширкатҳо бояд ба корҳои бехатарӣ ва ҳифзи маълумот бештар диққат диҳанд, то эҳтимолияти дастрасии номақбул ё хавфҳои кибериро кам кунанд. Барои ҳамин, ба ғайр аз таҳия ва татбиқи тадбирҳои амниятӣ, ширкатҳо бояд барои гузаронидани маълумоти шахсӣ ва молиявӣ бо мизони муфассал таъмин бошанд.

Ворид намудани системаи иттилоотии ҳукумати электронӣ ва таъмини амнияти иттилоотии ин система як силсила мушкилоти тадорукотӣ, иқтисодӣ, қонунгузорӣ, ҳуқуқӣ, технологӣ ва кадриро доро мебошад, ки

ҳаллу фасли онҳо бояд ба муносибати системавӣ ва ҳамаҷониба асос ёбад. Дар айни замон яке аз вазифаҳои асосӣ–амалӣ намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоотонӣ”, “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ”, “Дар бораи иттилоот”, “Дар бораи ҳифзи иттилоот”, “Дар бораи сирри давлатӣ” ва “Дар бораи имзои электронии рақамӣ” ба шумор меравад [7].

Як мушкили дигар дар рақамикунонии хизматрасонҳо ин дигитализатсияи нобаробар мебошад. Дар баъзе минтақаҳо дастрасӣ ба технологияи муосир ва интернет ҳатто дар мавриди хизматрасониҳои муҳим, чун таҳсил ё тандурустӣ, маҳдуд аст, ки ин барои риояи маърифати рақамӣ ва имкониятҳои баробар дуруст намешавад. Ин метавонад ба мушкилоти дастрасӣ ва набаробарии имкониятҳо оварда расонад. Ба ғайр аз он, барои татбиқи хизматрасониҳои рақамӣ, ширкатҳо бояд инфрасохтори асосӣ ва таҷҳизоти лозимро таъмин намоянд, ки кӯшишҳои зиёд ва маблағгузорӣ талаб мекунад. Бо вуҷуди ин, мушкилоти мазкур метавонанд бо омӯзиш ва роҳҳои маърифати рақамӣ ва инфрасохторҳои сабук ҳалли худро ёбанд.

Хулоса, рушди хизматрасониҳои пулакӣ дар шароити рақамиконӣ як равандест, ки метавонад ба беҳтар кардани шароити молиявии аҳолӣ, осон кардани интиқолҳои пулӣ ва дастрасии осон ба хизматрасониҳо кумак расонад. Бояд ҳамоҳангӣ байни технологиҳо, омилҳои ҳуқуқӣ ва соҳаҳои амниятии ҷаҳонӣ бошад, то ин раванд ба натиҷаҳои мусбат ва самаранок бурда шавад.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ, хизматрасониҳои пулакӣ нақши муҳими худро дар таҳаввул ва рушди ҷомеаҳои муосир иҷро мекунанд. Ин хизматрасониҳо метавонанд дар шакли онлайн, мобилӣ ва тавассути интернет ба муштариён дастрас шаванд, ки дастрасии осон ва бароҳатро ба хизматрасониҳои гуногун таъмин мекунанд. Хизматрасониҳои рақамӣ, аз ҷумла интернет-бонкҳо, таҳсилоти интернетӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ ба муштариён имконияти беҳтар кардани таҷриба ва муфид будани хизматрасониҳо дар як вақт ва бо нархҳои арзон медиҳанд.

Афзалиятҳои асосии ин хизматрасониҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ ба дастрасии осон, арзонӣ, дастрасии фарогир ва тавсеаи имкониятҳо барои ширкатҳо ва муштариён марбут аст. Ширкатҳо метавонанд хизматрасониҳои худро дар миқёси глобалӣ пешниҳод кунанд ва дар натиҷа, бо кӯмаки технологияи муосир, бозорҳои нав ва имкониятҳои рақобатиро эҷод кунанд. Дар маҷмӯъ, иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои пулакӣ дар он хеле имконият ва фоидаҳо барои тамоми тарафҳо эҷод мекунанд, аммо барои расидан ба натиҷаҳои мусбат ва пешбурди соҳа, муваффақият ба истифодаи дурусти технология, ҳифзи маълумот ва таҳияи стратегиҳои рақобатпазир вобаста аст.

Пешниҳодҳо:

1. Таъсиси платформаҳои рақамии бисёрсоҳа (мултисервис), ки эҷоди барномаҳо ё веб-платформаҳо, ки хизматрасониҳои гуногунро дар як ҷо муттаҳид мекунанд (масалан, хизматрасониҳои коммуналӣ, тиббӣ, таълимӣ, нақлиётӣ, бонкӣ, ҳуқуқӣ), масалан, ба монанди «eGov», «MyGov», ё «Маркази ягонаи хизматрасонӣ» бо имкони пардохти онлайн.

2. Татбиқи системаҳои пардохти рақамӣ ва ҳамгироӣ бо бонкҳо ки рушди инфрасохтори пардохти рақамӣ (QR-код, e-wallet, хизматрасониҳои мобилӣ) барои осон кардани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои пулакӣ.

3. Такмили хизматрасонии пулакӣ дар соҳаи маориф ва тандурустӣ мисли пардохти пулакии курсҳои омӯзишӣ, телемедисина, ташхисҳои онлайн, машваратҳои тиббӣ ва платформаҳои рақамии таҳсилоти фосилавӣ ва e-learning барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ.

4. Пешбурди хизматрасониҳои давлатӣ бо модели “Freemium” иҷозати дастрасии асосӣ ройгон, вале баъзе хизматрасониҳои махсус ба таври пулакӣ пешниҳод шаванд *(масалан, навбатҳои аввала, хизматрасониҳои иловагӣ, машварати шахсӣ)*, ки бо ин роҳ, табақаҳои аҳолии доро метавонанд системаро субсидия кунанд аммо системаи рақамӣ иҷозати чунин корро намедиҳад.

5. Шомил намудани бахши хусусӣ ба пешниҳоди хизматрасониҳои рақамии пулакӣ, яъне ҷалб кардани стартапҳо ва ширкатҳои хусусӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои рақамии пулакӣ ба аҳолӣ тавассути озмунҳо ва грантҳо мисол: платформаҳо барои таҳлили молиявӣ, таҳсилоти фосилавӣ, онлайн–табобат ва ғайра.

6. Ташкили шабакаи дастгирии рақамӣ барои қишри осебпазир барои он ки хизматрасониҳои пулакӣ барои тамоми табақаҳои аҳолӣ бошад, давлат бояд субсидия ва имтиёзҳо диҳад, дастгирии техникӣ (маълумотӣ) фароҳам оварад ва таълими рақамиро ба қишри калонсолон ва минтақаҳои дурдаст таъмин намояд.

7. Ҷорӣ кардани замимаҳои мобилӣ барои хизматрасонии пулакӣ барномаҳои мобилӣ бо имкони интихоби хизматрасониҳо, муошарати мустақим, пардохт ва баҳодиҳӣ, масалан, ба монанди «E-ТИБ» (табибони рақамӣ), «E - Donish», «Somon.tj» ва ғайра.

8. Қонунгузорӣ барои хизматрасониҳои пулакии рақамӣ ва такмили қонунгузории он.

9. Рақамикунонии хизматрасониҳои пулакӣ дар маҳалҳо (деҳот), иҷрои пилот-лоиҳаҳо дар ноҳияҳои дурдаст барои ворид кардани хизматрасониҳои пулакӣ тавассути нуқтаҳои рақамӣ (киоскҳо), омӯзиши аҳолии деҳот ва рушди шабакаи интернет ва мобилӣ.

10. Мониторинг ва арзёбии мунтазами сифат ва самаранокии хизматрасониҳои пулакӣ эҷоди низоми онлайн–арзёбӣ аз ҷониби

муштариён, истфодаи “Big Data” ва зеҳни сунъӣ барои таҳлили эҳтиёҷоти аҳолӣ ва танзими нархҳо.

АДАБИЁТ

1. “Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”.

2. Нурализода А.Н.. Асосҳои назариявии рушди иқтисоди рақамӣ дар минтақаҳо: назарияҳо, таҳлилҳо ва пешниҳодҳо/Нурализода А.Н., Қурбонализода Д.Т.//Паёми молия ва иқтисод. 2023. –№ 1 (35). –С. 153-165.

3. Қурбонализода Д.Т. Ташаккул ва рушди хизматрасониҳои иҷтимоии минтақаҳо дар шароити рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Д.Т. Қурбонализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 2.1 (41). – С. 239–245.

4. Нурализода А.Н. Механизмҳои баланд бардоштани хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар доираи табдилдиҳии рақамӣ/Нурализода А.Н., Қурбонализода Д.Т.//Паёми молия ва иқтисод. 2023. –№ 4-2 (39). -С. 67-77.

5. Қурбонализода, Д. Т. Таҷрибаи хориҷии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити табдилдиҳии рақамӣ / Д. Т. Қурбонализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 4.1(43). – Р. 370-381.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2019, № 642.

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Консепсияи ташакули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 декабри соли 2011, № 643. –Душанбе, 2011.

8. “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2030”.

9. Раджабов Р. К. Отраслевые особенности развития платных услуг населению на региональном рынке республикитаджикистан / Р. К. Раджабов, К. Р. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 1. – С. 73-80.

10. Рахимзода Б. К. Формирование концептуальных положений развития рынка платных услуг в современных условиях / Б. К. Рахимзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 5-1. – С. 46–50.

11. Низамова Т. Д. Современное развитие сферы платных услуг РТ в условиях рыночной экономики / Т. Д. Низамова, Р. Г. Тагоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 9–15.

12. Аслонзода С. Физкультурно-спортивные услуги как самостоятельный вид платных услуг / С. Аслонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 6. – С. 250-253.

13. Маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои асосии савдо ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории соли 2024.

РАЗВИТИЕ ПЛАТНЫХ УСЛУГ ДЛЯ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

КУРБОНАЛИЗОДА ДАВЛАТАЛИ ТАВАРАЛИ,
докторант PhD – Институт экономики и демографии,
Национальная Академия наук Таджикистана
734024, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айнӣ 44;
тел.: (+992) 937-507-735; e-mail: davlatali.1998@mail.ru

В данной статье рассматривается развитие платных услуг для населения в условиях цифровизации, представляющей собой процесс, который с использованием современных технологий и сети Интернет создает новые возможности доступа граждан к различным сферам услуг. Основной целью этого процесса является повышение эффективности услуг, обеспечение равного доступа и повышение качества услуг. В статье рассматриваются платные услуги, предлагаемые в сферах здравоохранения, образования, финансов и других секторах, которые могут помочь гражданам понять, какие возможности наиболее выгодны при использовании цифровых платформ. Этот процесс помогает странам по всему миру продвигаться вперед в глобальном масштабе с помощью цифровой экономики и разработки новых технологий.

Ключевые слова: *социальные услуги, платные услуги, цифровая экономика, цифровые платформы, население, уровень жизни, цифровые технологии, приложения, возможности, векторы развития.*

DEVELOPMENT OF PAID SERVICES FOR THE POPULATION IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION

QURBONALIZODA DAVLATALI TAVARALI,
PhD student – Institute of Economics and Demography
National Academy of Sciences of Tajikistan
734024, Tajikistan, Dushanbe city, Ayni str. 44;
tel.: (+992) 937-507-735; e-mail: davlatali.1998@mail.ru

This article discusses the development of paid services for the population in the context of digitalization, which is a process using modern technologies and the Internet to create new access opportunities for citizens in various service sectors. The main goal of this process is to improve the efficiency of services, ensure equal access and increase the quality of services. In this article, paid services, which are provided in the fields of health, education, finance and other sectors, can help citizens find out which opportunities are most beneficial using digital platforms. This process helps countries around the world to advance at the global level with the digital economy and the development of new technologies.

Keywords: *social services, paid services, digital economy, digital platforms, population, living standards, digital technologies, programs, opportunities, development vectors.*

БА МАЪЛУМОТИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз»** мақолаҳо дар соҳаи илмҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фалсафа нашр мегарданд, ки натиҷаи таҳқиқоти илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳо мебошанд. Ҳайати таҳририяи маҷалла ба муаллифон тавсия медиҳад, ки ҳангоми ирсоли мақола ба ҳайати таҳририя талаботи зеринро қатъиян риоя намоянд:

1. Мақолаҳо бо тавсияи сармуҳаррири маҷалла ё муовинони ӯ қабул карда мешаванд.

2. Матни мақола бояд дар барномаи **MS Word** бо ҳуруфи **Times New Roman 12 пт** барои мақолаҳои забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ омода гардида, дар шакли файли электронӣ (дар диск) ва нусхаи чопӣ пешниҳод карда шавад. Барои компютерҳо бо Windows XP ва ҳар гуна версияи MS Office истифодаи муҳаррири клавиатурии Keyman тавсия дода мешавад. Фосилаи байни сатрҳо – **1,15.** Ҳамаи саҳифаҳои дастхат бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

3. Ҳаҷми мақола аз 10 саҳифаи матни компютерӣ набояд зиёд бошад, ба инобат гирифтани матн, ҷадвалҳо, рӯйхати адабиёт (на бештар аз 15 манбаъ), расмҳо, ки шумораашон на бештар аз 6 адад бошанд.

4. Расмҳо, диаграммаҳо ва аксҳо бояд дар формати ҳамон барномае, ки дар он омода шудаанд, пешниҳод гарданд. Диаграммаҳо дар формати Excel, расмҳо ва аксҳо дар формати JPEG пешниҳод карда шаванд.

Таҳияи мақола:

1. Саҳифаи аввал бояд дорои маълумоти зерин бошад: Рамзи **УДК,** ному насаби пурраи муаллиф (он), дараҷа ва (ё) унвони илмӣ, мансаб, номи муассиса (ҳо), ки мақолаи пешниҳодшуда дар он (ҳо) таҳия гардидааст, нишонии (почтавӣ ва электронӣ), рақамҳои телефон, номгӯйи пурраи ихтисос.

2. Ихтисоркунии калимаҳо, номҳо ва истилоҳот иҷозат дода намешавад, ба истиснои воҳидҳои ченак, бузургии физикӣ, химиявӣ ва математикӣ, истилоҳот ва ғайра.

3. Иқтибосҳо аз адабиёти истифодашуда дар дохили матни мақола дар қавсҳои мураббаъ ишора карда мешаванд, масалан: [1], [1, 3–5]. Рӯйхати адабиёт (бо унвони "Адабиёт") бо тартиби алифбо таҳия гардида, чунин тартибро риоя мекунад:

– Барои китобҳо: ному насаби муаллиф, номи пурраи китоб, ҷилд ё шумора, ҷойи нашр, ношир, соли нашр, шумораи саҳифа ё шумораи умумии саҳифаҳо.

– Барои маҷаллаҳо: ному насаби муаллиф, унвони мақола, номи маҷалла, сол ва шумораи маҷалла, рақами саҳифа ё саҳифаи аввал ва охири мақола.

НАМУНА:

1. *Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство).–Душанбе: Авесто, 2009.–С.8.*

2. *Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.*

Ба мақола бояд хулоса бо забонҳои русӣ, англисӣ ва тоҷикӣ (на камтар аз 5 сатр) ва калидвожаҳо (аз 3 то 10) замима гардад.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки тасҳеҳ ва кӯтоҳсозии матни мақолаҳо, инчунин, тавсия барои депонатсияи онҳо (нигоҳдории расмӣ) диҳад.

Мақолаҳое, ки ба ин талабот ҷавобгӯй нестанд, қабул карда намешаванд.

*Матни ирсолшудаи мақола ниҳоӣ буда, бояд дақиқ таҳия, санҷида, бидуни ислоҳот ва бо имзои муаллиф (он) пешниҳод карда шавад. Маълумоти муфассалро оид ба талаботи таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо дар вебсайти (*http://t.vestnik.mts.tj/.*) дастрас кардан мумкин аст:*

Эзоҳ: Назари муаллифон ва ҳайати таҳририя метавонад фарқ кунад. Масъулияти истифодаи дурусти манбаъ, далелу рақамҳо ба зиммаи муаллифон мебошад.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В журнале Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан «Таджикистан и современный мир» печатаются статьи в области политологии, экономики и социологии, которые являются результатами научно-исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций. Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редакцию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе и должен быть подготовлен в текстовом редакторе MS Word, шрифтTimes New Roman 12 пт для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с Windows XP и любой версией МС Офис необходимо использовать клавиатурный редактор Keyman. Интервал между строками–1,15. Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать 12 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы(не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6. ,

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в форматеExcel, ри сунки и фотографии в форматеJPEG.

Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора (ов) (полностью), ученая степень и(или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса (почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.

2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.

3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в алфовитном порядке и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и

инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

Например:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). –Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.

2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. -С.3-5.

К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикскомязыках(не менее 5 строк) и ключевые слова(3–10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию. Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами). Подробную инструкцию по оформлению статей можно скачать на сайте (http://t.vestnik.mts.tj/).

Примечание: Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников, фактов и цифр ответственность несут авторы.

1. TO THE AUTHORS

The journal of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan “Tajikistan and contemporary world” publishes articles in the field of political science, economics and philosophy, which are the results of research works of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan and other institutions. The editorial board of the journal draws the attention of the authors to the necessity to strictly observe the following rules when sending an article to the editorial board:

1. Articles are accepted upon the recommendation of the chief editor of the Herald or his deputies.

2. The article must be submitted to the editorial board in both electronic format (on a removable disk) and a printed copy. It should be prepared using MS Word, with the font Times New Roman 12 pt. for articles in Russian, Tajik, and English. For computers running Windows XP and any version of MS Office, the Keyman keyboard editor should be used. The line spacing must be **1.15**, and all pages of the manuscript must be numbered.

3. The size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including text, tables, list of references (not more than 15 sources), figures, the number of which should not exceed 6.

4. Figures, diagrams, and photographs must be submitted separately in the format of the program in which they were created. Diagrams should be in Excel format, and figures and photographs should be in JPEG format.

Article formatting:

1. The title page must include the following information: UDC code, full name(s) of the author(s), scientific degree and (or) title, position, name of the institution(s) where the submitted article was prepared, postal and email addresses, phone numbers, and the full name of the specialty.

2. Abbreviations of words, names, titles are not allowed, except for generally accepted abbreviations of measures, physical, chemical and mathematical quantities, terms, etc.

3. References to the cited literature are given in the text of the article in square brackets, for example: [1], [1, 3-5]. The list of references is given in a general list (under the heading “Literature”) in alphabetical order and is arranged as follows:

– For books: author's surname and initials, full title of the book, volume or issue, place of publication, publisher, year of publication, page number, or total number of pages.

– For periodicals: author's surname and initials, title of the article, name of the journal, year and issue number, page number, or the first and last pages of the article.

EXAMPLE:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.

2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.

Each article must be accompanied by a summary in Russian, English, and Tajik (at least 5 lines) and keywords (from 3 to 10).

The editorial board reserves the right to shorten and edit articles, as well as to recommend their deposition.

Articles that do not comply with these requirements will not be accepted.

The text of the submitted article is final, should be carefully prepared, proofread, without corrections and signed by the author(s). Detailed instructions on the formatting of articles can be downloaded from the website (http://t.vestnik.mts.tj/).

Note: The views of the authors and the editorial board may differ. Authors are responsible for the correct use of sources, facts, and figures.

Адрес редакции: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 89,
тел.: (+992 37) 221-11-00; (+992 37) 221-32-36
Факс: (+992 37) 221-11-00
e-mail: vestnik@mts.tj

Ба матбаа 12.09.2025 таҳвил гардид. Чопаш 07.10.2025
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70х100 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 32. Адади нашр 80 нусха.
Супориши № 17. Нархаш шартномавӣ.

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Ҳаёт - 69» ба табъ расидааст.